ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК: 159. 9 (282. 253. 248)
ББК: 88. 6 (2 К)
С- 22

Бо ҳуқуқи дастнавис

САХИЁР РАҲИМУЛЛОҲ

# ТАҲҚИҚИ ПСИХОЛОГИИ РОБИТАИ БЕКОРӢ ВА ДЕПРЕССИЯ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ ШАҲРИ КОБУЛ

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – психологияи иҷтимоӣ**

Роҳбари илмӣ: Раҷабзода Н.М. номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Душанбе - 2025

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**.....................................................................................................4

**БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ ПСИХОЛОГӢ ОИД БА БЕКОРӢ ВА ДЕПРЕССИЯ.**

1.1. Омӯзиши назариявию психологии робитаи бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон.....................................................25

1.2. Намудҳои депрессия ва алоқамандии одамони гирифтори депрессия ба муҳити зист........................................................................................... 47

1.3. Омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия боис мегарданд.......................................................................76

1.4. Оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонон.......................................................................................................84

Хулосаи боби якум.......................................................................................94

**БОБИ 2.ТАШКИЛИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ БЕКОРӢ ВА ДЕПРЕССИЯ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН.**

2.1.Усули ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон.....................................................................................................101

2.2.Коркард ва мутобиқсозии методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон.........................................................................................110

2.3.Омӯзиши амалии хусусиятҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон.............................................................................................136

Хулосаи боби дуюм.....................................................................................141

**ХУЛОСА**....................................................................................................145

**РУЙХАТИ АДАБИЁТ**................................................................................155

**МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД** ................................176

**ЗАМИМАҲО**...............................................................................................178

**Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

| | |
|---|---|
| ВҶШ | - Вазъияти ҷаҳонии шуғл |
| ЛГ | - Лютеин гормон |
| МУД | - Маҳсулоти умумии дохилӣ |
| СММ | - Созмони милали муттаҳид |
| ТБМ | - Ташкилоти байналмилалии меҳнат |
| ҲА | - Ҳормонҳои афзоиш |
| ҲҲФ | -Ҳормонҳои ҳавасмандкунандаи фолликул |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Неруи инсонӣ ва ҷамъияти фаъоли ҳар ҷомеа дар фароянди тавлид нақши босазое дорад ва падидоварандаи аслии сарват ва муҳаррики бевоситаи иқтисод маҳсуб гашта, сатҳу мизони истеҳсолоти миллии ҳар кишвар низ ба дониш ва огоҳии фаннию имконоти истеҳсолии ҷамъияти фаъоли он вобаста аст. Ба ибораи дигар, вусъат ва рушду инкишофи иқтисодии ҳар кишвар дар баробари сармоя ва технология ба неруи инсонии коромад (самаранок) ва мутахассис ниёз дорад. Вазъият ва неруи ҷомеаи фаъол дараҷаи рушд ва пешрафти иқтисодии ҳар як ҷомеаро муайян мекунад.[1]

Масъалаи таъмини одамон бо кор ва баҳси бекорӣ яке аз муҳимтарин масоили ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, боиси нигаронӣ ва ташвишҳои зиёди афроди ҷомеа ва давлатҳо гашта, дар кишварҳои мухталиф доир ба ин масъала назарияҳо падид омада, таҳқиқоти гуногун анҷом дода шудаанд. Ҳанӯз садҳо сол қабл Уилям Шекспир чунин баён карда буд: «Хонаи ман бар сутунҳо ва зиндагии ман бар асоси корам устувор аст. Бо бардоштани сутунҳо хона ва бо бекорӣ зиндагиямро аз ман мегиранд».[2]

Мушкилоти бекорӣ дар чандин даҳсолаҳои охир ба ҳайси яке аз масоили бисёр вазнину бухронии кишварҳои рушднаёфта маҳсуб меёбад ва дар кишварҳои қафомонда бекорӣ дар тору пуди ҷомеа печида ва ба гунаи музмин (решадор, кӯҳна) даромадааст ва боиси ақибмондагӣ дар фановарӣ, ки дар баъзе маворид аз мушкилиҳои ҳалнашаванда мебошад, дониста мешавад. [3]

---

[1]Ҳусайнӣ Абрӣ С.Ҳ. Мадхале барои ҷуғрофиёи рустоии Исфаҳони Эрон [Матн] / С.Ҳ. Ҳусайнӣ Абрӣ. –Эрон: «Донишгоҳи Исфаҳон». -2004. – С.201.
[2]Сипехр Ҷ. Бекорӣ [Матн] / Ҷ. Сипехр.–Теҳрон: «Мозиёр». -1966. – С.9.
[3]Ёрмухаммадиён А. Аризӣ Ҳ. Робитаи бекорӣ бо саломати равонӣ бо таваччӯҳ ва нақши таъдилӣ таҳот ба иштиғол дар байни донишомӯзон тарки таҳсилкарда [Матн] / А. Ёрмухаммадиён Ҳ. Аризӣ. // Фаслномаи илмӣ ва “пажӯҳишӣ рифои иҷтимоӣ, соли панҷум”. – Теҳрон: -2006. -№20, -С. -117-132.

Дар замони муосир бекорӣ беш аз пеш ба дараҷаи назаррас ҳамчун нишонаи набудани рушди зарурӣ дар кишварҳои ҷаҳони савум намоён мешавад. Ба ҳар ҳол аз ҷиҳати иҷтимоӣ бекорӣ дар бисёре аз кишварҳои рушдкунанда ва ақибмонда як мушкилии шадиду хатарноки шахсӣ ба шумор меравад. [4]

Ҳар ҷомеае барои идомаи ҳаёт ва бақо ба кору фаъолияти мардум ва масъулон эҳтиёҷ дорад. Ниёз ба кор аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст ва он як бахши муҳимми зиндагии инсонро дар бар мегирад.

Кор яке аз мафҳумҳои асосии илми ҷомеашиносӣ мебошад. Кор сармоя ва захираи миллӣ аст ва метавонад ба рушду пешрафти тамаддун таъсири бузург расонад. Агар афроди ҷомеа ба таври нисбӣ мувофиқи майлу истеъдод ва тавоноиҳои шахсӣ машғули кори муносиб бошанд, дар ҷомеа барои навоварӣ, ибтикор, рушду пешрафтӣ сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ замина ба вуҷуд меояд. Вале агар заминаҳои шуғлу кор дар ҷомеа маҳдуд ва талабот барои кор бисёр бошад, ба тадриҷ бекорӣ афзоиш меёбад.

Шуғл ва бекорӣ бо дигар омилҳои иқтисодӣ робитаи зич доранд.

Бекорӣ сарчашмаи асосии пайдоиши фақру маҳрумият, ноҳинҷориҳо ва печидагиҳои иҷтимоӣ ва харобшавии мизони эътидолу баробариҳо дар ҷомеа аст.

Бештари одамони бекору овора дучори бемориҳои депрессия, рӯҳафтодагӣ, эҳсоси зиндагии беҳуда ҳастанд, ки ин худ заминаи мувофиқро ҷиҳати рушду густариши ҷиноёт, нооромиҳои иҷтимоӣ, дуздии амвол, қочоқи маводи мухаддир ва ашёи дигар ба вуҷуд хоҳад овард.

Депрессия бемориест, ки хусусияти асосии он тағйири хулқу рафтор ва эҳсоси андӯҳ аст. Дараҷаи мубтало шудан ба он метавонад аз як ноумедии андак то эҳсоси андуҳи бузургу давомдор иборат бошад.

[4]Ҷулия Р. Иштиғол дар ҷаҳони савум [Матн] / Р. Ҷулия // Тарҷумаи Аҳмад, Хазоӣ. –Теҳрон: «Вазорати барнома ва буҷа, муовинати барномарезӣ ва арзишёбӣ, маркази мадорики фаннӣ ва китобхона маркази». -1989. – С.68.

Тағйири хулқ нисбатан устувор гардида, метавонад рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ё солҳо давом кунад. Депрессия ба тамоми ҷисм таъсир дошта, паҳлуҳои зиндагии фардро таҳти фишор қарор медиҳад. Ин фишор дар ҳиссиёт, неру, кӯшиш, андеша, бархуду муошират бо одамон ва рафтори фард намоён мешавад.

Дар равонпизишкӣ депрессияро тағйири хулқ дар шакли парешонии рафтор ва гирифторӣ ба ғаму ғусса медонанд ва намоёнтарин аломати бемории он ҳамон рафтори ҳузноварест, ки ба дараҷаҳои мухталиф мумкин аст падид ояд. Дар баъзе мавридҳо танҳо рафтори афсурдаҳолона мумкин аст ҳамчун аломати беморӣ боқӣ бимонад.

Ба ҳар ҳол дар ин беморӣ ҳамаи рафтори шахс мутаносибан, бо хулқи нафари афсурда тағйир меёбад.[5] Ҳамон тавр, ки медонем, депрессия танҳо дорои ранҷу азобҳои отифӣ-эҳсосӣ нест ва метавонад бехобӣ, беиштиҳоӣ, майли худкушӣ, эҳсоси беарзиш ва зиёдатӣ буданро ба вуҷуд орад. Депрессия гоҳе новобаста аз мавқеи иҷтимоии шахс ба миён меояд ва ҳатто худи фард аз он огоҳӣ пайдо намекунад.[6]

**Бекорӣ дар байни ҷавонон ва қувваҳои кории истифоданашуда:**

Таҳлили дараҷаи бекорӣ дар байни ҷавонон дар сатҳи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар бисёри кишварҳо дараҷаи бекорӣ дар байни ҷавонон нисбат ба дараҷаи умумимиллӣ дар бисёр ҳолатҳо ду-се баробар баландтар мебошад.

Ҳамчунин дар хотир бояд дошт, ки ҷавонон нисбатан, тезтар дар ҷустуҷӯйи ҷойи кор ва надоштани имконияти пайдо кардани кор, нисбат ба дигар гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ ноумед ва руҳафтода мешаванд[7].

---

[5]Тоҳирӣ П. Баррасии тафовути афсурдагӣ ва изтироб дар донишомӯзони духтар ва писари мақтаи роҳнамоӣ [Матн] / П. Тоҳирӣ. // Поённомаи коршиносии аршад (магистрӣ). "Донишгоҳи Озоди Исломии Воҳиди Элом". –Теҳрон: -2009. – С.29.
[6]Пурафкорӣ Н. Вокуниши афсурдагӣ [Матн] / Н. Пурафкорӣ. –Теҳрон: «Тобиш». -1985.– С.105.
[7]Маориф дар Ҷумҳуии Тоҷикистон. Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳуии Тоҷикистон –Душанбе: «ЭР-граф». -2017. – С.71.

Ба ҷамъияти бекор гурӯҳеро нисбат медиҳанд, ки майли кор кардан доранд, вале ба ёфтани кор муваффақ намешаванд. Бекорӣ ба унвони падидае, ки боиси истифода нашудани қувваи фаъоли корӣ дар ҷомеа мегардад, муаррифӣ мешавад ва беморechemистkӯҳнашудаест, ки ба рушди иқтисодии ҳар кишвар халал мерасонад.[8]

Дар қисмати муқаддимавии Қатъномаи ТБМ дар бораи шуғли ҷавонон, ки дар Конфронси байналмилалии оморкорони меҳнат (86-умин сессияи КБМ соли 1998) гуфта шудааст: «Дар бисёри кишварҳо ҷавонон, асосан, дар синни аз 15- сола то 24- сола барои пайдо кардани кор дар бозори меҳнат мушкилӣ доранд ва ин ҳолат барои рушди шахсӣ ва ҷамъиятӣ монеаҳо эҷод карда, дар маҷмуъ ба ҳаёти иҷтимоӣ таҳдид ба вуҷуд меорад».

Аҳолии ҷавон як қисми ҳаётан муҳимми захираи инсонии миллатро ташкил медиҳад ва иқтидори онро аз нуқтаи назари пешниҳоди қувваҳои корӣ муайян менамояд. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷавонон гурӯҳи иҷтимоие мебошанд, ки лоиқи таваҷҷуҳанд ва аз рӯйи қоида аз худашон нисбатан, бо овози баланд дарак медиҳанд ва ҳамчун гурӯҳи бештар фаъол дар корҳои гуногун, тадбиру чорабиниҳо ва оғози ташаббусҳо сафарбар карда мешаванд. Бисёр ҳам муҳим аст, ки ба ин гурӯҳ имконият диҳем, то ин ки ба намудҳои гуногуни фаъолиятҳои меҳнатӣ сафарбар шуда бошанд[9].

Иқтисоддонон дар бораи бекорӣ дар деҳот зиёд навиштаанд ва дар ҳоли ҳозир бекорӣ дар шаҳрҳо низ мавзуи мавриди баҳс мебошад. Иллати онро дар набудани рушду тараққиёт донистаанд. Бекорӣ дар кишварҳое бо суръати баланд афзоиш меёбад, ки рушди бисёр сареъ доранд, мардуми русто даста-даста ба шаҳр мераванд ва аз он ҷо ки

---

[8]Ибодӣ Ҷ. Маҷаллаи таҳқиқоти иқтисодӣ [Матн] / Ҷ. Ибодӣ. –Теҳрон: «Донишкадаи иқтсод». -1987. -№39. -С.-126-147.

[9]Маориф дар Ҷумҳуии Тоҷикистон. Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳуии Тоҷикистон –Душанбе: «ЭР-граф». -2017. – С.70.

имконоти кор кардан камтар аз афзоиши ҷомеаи шаҳрнишин аст, бекорӣ пайваста боло меравад.

Қулипур (2002) муътақид аст, ки бекорӣ дар шароите сурат мегирад, ки ҷомеаи фаъол амалан, фаъолияти иқтисодӣ надошта бошад. Ба таъбири дигар, замоне ки афзоиши неруи инсонӣ бештар аз талабот ба он бошад, падидаи бекорӣ рух медиҳад.[10]

Агарчи тафаккуру андеша дар рушду такомули ҷомеаи инсонӣ нақши зиёд дорад, вале дар амал кор ба унвони сарчашмаи сармояи миллӣ дар татбиқи андеша унсури асосӣ ба шумор меравад. Ҳама инсонҳо барои гузаронидани зиндагии худ ниёз ба талошу фаъолият ва касбу кор доранд. Таъмини ниёзҳои фардӣ ва иҷтимоии афрод гарави кору фаъолият аст ва ҷомеа низ барои фаъолияти доимии истеҳсолӣ дар тамоми соҳаҳо ба қувваи корӣ ниёз дорад. Дарвоқеъ пайкари ҷомеа аз вуҷуди ҳар гуна нуқс дар ҳар гӯшае осеб мебинад.

Дар муқобил бекорӣ ҳамчун унсури харобкунанда ва зиёнбахш дар равобити фардӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки барои фард ва ҷомеа пайомадҳои ногуворе ба бор меорад. Ашхоси бекор нисбат ба ашхоси машғули кор аз назари саломатии ҷисмӣ ва зеҳнӣ дар вазъи бадтаре қарор доранд ва дарвоқеъ дучори навъе аҷзу парешонии ҷомеа мешаванд.[11]

Бекорӣ яке аз бузургтарин душвориҳоест, ки тавозуну эътидоли ҷомеаро барҳам мезанад ва боиси эҷоди буҳронҳои зиёд дар самтҳои равонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мешавад. Барои шинохти мафҳуми бекорӣ ибтидо бояд мафҳуми корро дарк кард.

---

[10]Ёрмухаммадиён А. Аризӣ Ҳ. Робитаи бекорӣ бо саломати равонӣ бо таваҷҷӯҳ ва нақши таъдилӣ таҳот ба иштиғол дар байни донишомӯзон тарки таҳсилкарда [Матн] / А. Ёрмухаммадиён Ҳ. Аризӣ. // Фаслномаи илмӣ ва “пажӯҳишӣ рифои иҷтимоӣ, соли панҷум”. – Теҳрон: -2006. -№20, -С. -117-132.

[11]Фатҳӣ Я. Бекорӣ ва паёмадҳои мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он [Матн] / Я. Фатҳӣ // Маҷалаи “иқтисодӣ”. –Эрон: -2009. -№8. -С. -21-38.

Дар таърифҳое, ки аз сӯйи соҳибназарон дар мавриди кору шуғл шудааст, ду рӯйкарди назарӣ; яке иқтисодӣ ва дигаре ҷомеашиносӣ вуҷуд дорад.

Аз назари иқтисодӣ ҳар фаъолияте, ки бо мақсади истеҳсол анҷом ёфта ва подош дошта бошад, кор номида мешавад, ҳарчанд аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ мафҳуми устувор ҷой дорад. Аз нигоҳи иқтисодӣ меъёри санҷиш ва арзёбии ин мафҳумҳо; истеҳсол, даромад, дарёфти музд ва мафҳумҳое аз ин қабил муаррифӣ шудааст.

Бар асоси ин нуқтаи назар кор фаъолияти инсониест, ки ба мақсади истеҳсол анҷом дода мешавад. Шуғл низ ба маънои машғул будан дар корест, ки подошу дастмузд дорад, фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки подош ва даромад доранд, чи расмӣ ва чи ғйрирасмӣ ҳамаи онҳо ба унвони кор ёдрас мегарданд.

Аммо аз назари ҷомеашиносӣ, ки бештар ба қонун, қоида, меъёр, рафтор, ноҷурӣ, носозгорӣ, номутаносибӣ ва баррасии заминаҳо ва иллати падидаҳои иҷтимоӣ мепардозанд, мафҳуми кору шуғл маъниҳои дигареро низ ифода мекунанд. Аз ин дидгоҳ кор ба маънои фаъолияти устуворест, ки фард дар яке аз сохторҳои давлатӣ ё шахсӣ ба он машғул бошад.

Дар муқобил бекорӣ вазъиятест, ки дар он гурӯҳе ба кору фаъолияте машғул набошанд, ё дар ҳолати гузаштан ба кори дигаре бошанд. Бинобар таърифи Созмони байналмилалии кор тамоми афроде, ки дар ҷустуҷӯйи коранд, аммо бо вуҷуди доштани неруи корӣ кор пайдо намекунанд, бекор ба ҳисоб меравaнд.[12]

Бекорӣ мушкили иҷтимоӣ аст, ки ҳам осебҳои ҷиддии фардӣ ва ҳам осебҳои иҷтимоии қобили мулоҳизае ба бор меоварад. Ҳол он ки ин мушкилии гарони иҷтимоӣ зеҳни одамиро фаро мегирад, ки метавонад дар мубтало гардидани афрод ба депрессия нақши муассир дошта бошад.

[12] Сипеҳр Ҷ. Бекорӣ [Матн] / Ҷ. Сипеҳр.–Теҳрон: «Мозиёр». -1966. – С.41.

Таъсири бекорӣ ва харобии иқтисодӣ, содир шудани ҷиноёт ва нобасомониҳои иҷтимоӣ мавзуест, ки садсолаҳо пеш мавриди баҳси ҷомеашиносон, равоншиносон ва криминологҳо гардидааст.[13]

Бекорӣ мушкилии иҷтимоӣ аст, ки ҳам осебҳои ҷиддии фардӣ ва ҳам осебҳои иҷтимоии қобили мулоҳизае ба бор меоварад. Бекорӣ ҳамеша ба фард чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва чи аз ҷиҳати руҳӣ ва равонӣ бадтарин таъсиротро мегузорад, ки оқибати он ба осонӣ ҷуброн намегардад. Бекорӣ боиси сар задани парешонҳолӣ, депрессияи равонӣ мешавад ва ин нокомиҳо ва нуқсҳо дар ҷисму ҷони ашхос батадриҷ реша медавонанд.

Бекорӣ ба маҳорату қобилиятҳои фард осеб расонида, саломатии равонии ӯро табоҳ ва халалдор месозад. Умеду орзуҳои ӯро барбод медиҳад. Бекорӣ шавқу завқи зиндагиро барҳам зада, қудрати иродаи фардро заиф мекунад. Бекорӣ аз як тараф, омили асосии бечорагии фарди бекор аст, аз тарафи дигар, аз ҷиҳати равонӣ шахси бекор худро ҳақир, зиёндидаву зиёнкор мешуморад ва аз ҷомеа кор талаб мекунад ва чун ҷомеаро сабаби маҳрумияти худ мепиндорад, навъе эҳсоси интиқомгирӣ дар ӯ парвариш меёбад.

Бекорӣ илова бар талафи сармояи инсонӣ масоил ва мушкилоти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро ба дунбол дорад. Шаке нест, ки ҷамъи зиёде аз мардуми ҷаҳон ба далели бекорӣ ва ё шуғли нопурра вазъияти таҳаммулнопазиреро аз сар мегузаронанд, зеро барои зиндагии бошарофату босаодат ва санҷиши тавоноиҳои худ дар кори судманд имкон намеёбанд.[14]

Ҳоло масъулинро зарур аст, ки бо огоҳӣ аз ин мавридҳо ва бо таваҷҷуҳ ба ин, ки дар ҳоли ҳозир истифодаи неруи кор бо фурсатҳои корӣ мутаноосиб нест ва ҳамасола қишри бекори ҷомеа афзоиш меёбад,

---

[13]Фатҳӣ Я. Бекорӣ ва паёмадҳои мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он [Матн] / Я. Фатҳӣ // Маҷалаи "иқтисодӣ". –Эрон: -2009. -№8. -С. -21-38.

[14]Каёванд А. Иштиғол ва факр дар ҷаҳони пур ошуб [Матн] / А. Каёванд. Вазорати барнома ва буҷа, маркази мадорики иқтисодӣ – иҷтимоӣ Теҳрон. –Теҳрон: -1986. – С.9.

аксари качравиҳо ва хатокориҳо бо сабаби носозгорӣ байни низоми иқтисодӣ ва технологӣ, нотавонӣ дар назорат ва сустии мақомоти масъул дар таъмини фурсатҳои кории мутаносиб мебошад, ба дарёфти роҳҳои пешгирӣ аз ин мушкилоти иҷтимоӣ кӯшиш ба харҷ бидиҳанд ва заминаро барои падид омадани истеъдодҳои фардӣ омода кард, аз ин неруҳои коромад ба таври беҳтар истифода намоянд, то ҷомеа ба натиҷаи зарурӣ бирасад.[15]

Бо таваҷҷуҳ ба вазъи бекорӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм ва ҳамчунин кишвари мо (Афғонистон) таваҷҷуҳ ба ин масъала аҳамияти хоссе дорад ва ниёзи расидан ба як роҳи кор ҷиҳати коҳиши бекорӣ дар кишвар бисёр зарурӣ аст, ки бар аҳамияти ин мавзуъ далолат мекунад. Имрӯзҳо шуғл на танҳо имтиёзи пурарзиш аст, балки зарурате барои зистан ва ба унвони яке аз паҳлуҳои ҳуқуқи башар шинохта мешавад.[16]

Шуғл дар тамоми таҳқиқоти иқтисодӣ, як баҳси калидӣ ва стратегӣ аст, зеро дар сурати таъмин ё набудани таъмини шароити шуғл неруи инсонӣ метавонад дар рушду тараққии ҳар кишвар асароти мусбат ва манфӣ дошта бошад. [17]

Истифода нашудани манбаъҳо, ба хусус, бекории неруи инсонӣ метавонад давраи рушдро ба як давраи фарсудашавӣ табдил диҳад ва домани қашшоқиро дар ҷомеа густариш диҳад.[18]

Шуғл омилест, ки боиси истифодаи тамоми неру ва тавонмандиҳои фикрӣ-ҷисмонии инсон мешавад ва ин раванд ба дунболи худ оромӣ ва

---

[15]Коҷӣ А. Баррасии куллии вазъияти иштиғол ва масъалаи бекорӣ ва таъсироти сӯи иҷтимоии он [Матн] / А. Коҷӣ // Созмони мудирият ва "барномарезии устони Исфаҳон". -№ 8, -1985. –С.38-59.

[16]Моҳир Ф. Равандҳои ҷаҳонии иштиғол ва бекорӣ, омӯзиши улуми иҷтимоӣ [Матн] / Ф. Моҳир. –Эрон: -2004. Давраи 6, -№1. – С.50-59.

[17]Қадирӣ Маъсӯм М ва диг. Баррасии омории раванди рушду таҳаввулоти иштиғол дар навоҳии рӯстои устони Исфаҳон [Матн] / М. Қадирии Маъсӯм ва диг // маҷаллаи "пажӯҳишҳои ҷуғрофиёӣ" шумораи 54. – Эрон: -2005. – С.149-170.

[18]Каёнмеҳр М.В. Тангноҳои омӯзишӣ ва таъсири он бар иштиғол ва тавсеаи иқтисоди рустоии таовун [Матн] / М.В. Каёнмеҳр. –Эрон: -№110, -2000. -С. -20-38.

суботи ҷомеаро ба далели аз байн рафтани бекорӣ, гирифтани пеши роҳи муҳоҷират ва боло рафтани даромади холиси миллӣ дар пай дорад.[19]

Бинобар ин, кори муфид на танҳо ниёзҳои иқтисодӣ ва имконоти моддиро қонеъ месозад, балки қисмате аз ниёзҳои руҳии башарро низ таъмин менамояд, саломатӣ, нишот ва саъю талоши афроди ҷомеа барои зиндагии муносиб ҳифз мегардад.[20]

Ин дар ҳолест, ки афзоиши ҷамъияти ҷавони кишвар ва афзоиши бекорӣ нисбат ба солҳои шастуму ҳафтодум сабаб шудааст, ки мавзуи шуғл яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва баҳсбарангези кишвар бошад,[21]. То ҷое, ки масъалаи шуғл асоситарин мушкили пешравии давлат дар соли ҳаштодум буд ва таваҷҷуҳи бисёре аз давлатмардон, коршиносон ва ҳатто сиёсатмадоронро ба худ ҷалб кардааст.[22]

Аҳолии синни қобили меҳнат иқтидори асосии инсонии мамлакатро ташкил медиҳад ва иқтидори пешниҳод намудани қувваҳои кориро муайян менамояд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, аҳолии синни қобили меҳнат яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ва то дараҷае қобилияти иҷро намудани кори муайян мебошад ва аз рӯйи сатҳи касбият сатҳи ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ вобастагӣ дорад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, категорияҳои гуногуни аҳолӣ гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ташкил медиҳанд, ки аз тарафи худ онҳо барои таҳқиқот манфиатҳои калон доранд, ва қонеъгардонии онҳо

---

[19]Қадирӣ Маъсӯм М ва диг. Баррасии омории раванди рушду таҳаввулоти иштиғол дар навоҳии рӯстои устони Исфаҳон [Матн] / М. Қадирии Маъсӯм ва диг // маҷаллаи "пажӯҳишҳои ҷуғрофиёӣ" шумораи 54. – Эрон: -2005. – С.149-170.

[20]Саломӣ Ҳ. Ансори В. Нақши кишоварзӣ дар эҷоди иштиғол ва тавзеъи даромад: равиши таҳлили сохторӣ [Матн] / Ҳ. Саломӣ. В. Ансори // Маҷаллаи таҳқиқоти иқтисод ва тавсеаи кишоварзии Эрон. –Теҳрон: -2009. -№ 3. -С. 5-20.

[21]Мусибӣ С. Таҳлили фазоии шохисҳои иштиғол ва бекорӣ бо истифодаи **GIS**намунаи мавриди устони Исфаҳон [Матн] / С. Мусибӣ // Поённомаи коршиноси аршади (магистрӣ) ҷуғрофиё ва барономарезии рустоии "Донишгоҳи Исфаҳон". –Эрон: «Донишкадаи Исфаҳон». -2011. – С.13.

[22]Зиёӣ Бедгулӣ М. Мавонеъи иштиғоли пойдор ва роҳкорҳо [Матн] / М. Зиёӣ Бедгулӣ // "Пажӯҳишҳои иқтисодӣ". –Эрон: -2003. -№ 9. – С.113-130.

талаботи махсусро талаб мекунад, ки дар маҷмуъ интститутҳои давлатӣ ва ҷамъият ба ин даъватҳо рӯ ба рӯ мешаванд[23].

Муҳаққиқи рисола ба хулосае меояд, ки Афғонистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ ва неруи корӣ кишвари камбизоат нест, аммо бо сабаби омилҳои мухталиф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳама гуна зироаткорӣ хеле ақиб мондааст. Кишоварзӣ ҳанӯз бисьёр камбудиҳо дорад ва инкишоф наёфтааст, ҳукумат дар зери фишор аст ва дар бозор қудрати бо маҳсулоти воридотии корхонаҳои калон ва маҳсулоти аълосифати онҳо рақобат карданро надорад. Дар натиҷа, дар солҳои охир дар баробари таъсири манфии сиёсати нодурусти хусусигардонӣ, бисёре аз корхонаҳо ва корхонаҳои кишвар бар асари рақобатпазирӣ муфлис ва ғайрифаъол шуданд. Ин боиси беҳуда сарф шудани маблағи бисёр ва рукуди истеҳсолот гардида, сафи афзудаистодаи бекоронро низ беш аз пеш зиёд кард.

Набудани шуғли муносиб барои одамони соҳибихтисос ва майли кор, қувваи кории рӯз то рӯз афзоянда мушкилоти асосии кишвар мебошад. Бекорӣ аз як сӯ, ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии афрод ва хонаводаҳо таъсири мустақим дошта бошад, аз сӯйи дигар, як мушкили ҷиддии ҷомеа маҳсуб мешавад, ки дар бисёр мавридҳо, аз қабили фасоди ахлоқӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, ришвахорӣ ва ҷинояткорӣ аз он сарчашма мегиранд. Бекорӣ боиси мушкилоти равонӣ, пошхӯрӣ ва бесарусомонӣ дар оила мегардад.

Аз ин рӯ, барои фаҳмидан ва муайян кардани омилҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи ин проблема ва таъсири иқтисодию психологии он ҷиҳатҳои гуногуни масъаларо ҳаматарафа таҳқиқ карда, стратегия, равиш ва воситаҳои мубориазаро бо онҳо дақиқ муайян кардан лозим аст.

---

[23] Маориф дар Ҷумҳуии Тоҷикистон. Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳуии Тоҷикистон –Душанбе: «ЭР-граф». -2017. – С.33.

Дар ин росто тасмим гирифта шуд, ки мавзуи робитаи бекорӣ бо депрессия ҷавононро дар соли 2022 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор бидиҳем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Бекорӣ яке аз мушкилиҳои бузургест, ки то ба имрӯз мавриди таваҷҷуҳи олимони соҳаи психология, педагогика ва файласуфон гардидааст. Оид ба робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон ба шакли ҷудогона таҳқиқот гузаронида шуда бошад ҳам, то имрӯз проблемаи таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон, махсусан, байни ҷавонони Афғонистон гузаронида нашудааст. Аз ин нуқтаи назар оид ба мавзуи таҳқиқоти мо ягон таҳқиқоти назаррасе ҷой надорад. Аксари олимони ба ин мавзуъ рӯоварда ба шакли умумӣ ва баъзан, сатҳӣ сухан кардаанд. Гарчанде, ки олимон дар бораи кор ва бекорӣ ақидаҳо пешниҳод карданд ва пайравони бисёре аз мактабҳои равоншиносӣ низ дар бораи депрессия назария пешниҳод намудаанд, аммо оид ба робитаи ин ду мафҳум ягон пажӯҳише сурат нагирифтааст.

Масъалаи бекорӣ ва депрессия асосан, аз ҷониби олимони соҳаи иқтисод ва равоншиносону ҷомеашиносон мавриди таҳлил қарор гирифтааст:

**Якум, мафҳумҳои иқтисодӣ.** Дар бораи кор ва бекорӣ, олимони зерин назарияҳои худро тавре пешниҳод кардаанд, ки ҷомеа ба шкғли пурра дар мувозинат мерасад ва ҳукумат боят барои коҳиш додани бекорӣ шуғл эҷод кунад ва ғайра: ( А. Смит, Д. Рикардо[24], Ж. Батист С, У. Галенсон[25], Ҷ. М. Кейнс[26], Л. С. Сисмондӣ[27], А. Л. Фей ва Ранис[28], А. Б. Вудхолл[29], ғайра);

---

[24]Ҳақиқӣ И. Фарозу нишебҳо дар назариёти иқтисоди тавсеа, роҳбурди ёс. [Матн] / И. Ҳақиқӣ // соли дувум, шумораи панҷум. –Теҳрон: -2006. -С. -88-114.
[25]Сипеҳр Ҷ. Бекорӣ [Матн] / Ҷ. Сипеҳр.–Теҳрон: «Мозиёр». -1966. – С.25.
[26]Сомтӣ М. Иштиғол. бозори кор, сиёсатҳои иқтисодӣ- вазорати кору умӯри иҷтимоӣ [Матн] / М. Сомтӣ // муассисаи кору умӯри иҷтимоӣ Эрон. –Теҳрон: -2003. -С. -29-38.

**Дуюм, консепсияи ҷомеашиносӣ.** Дар илми ҷомеашиносӣ дар бораи меҳнат, бекорон ва ҷавонон назарияҳо оварда шудаанд, ки кор муҳимтарин манбаи даромади ниёзҳои аввалиндараҷаи ҳаёти инсон маҳсуб мешавад, ки мо онро мисол меорем ( К. Маркс, Ғ. Тавассулӣ [30], ғайра);

**Сеюм, консепсияи психологӣ.** Дар риштаи равоншиносӣ дар мавриди бекорӣ ва паёмадҳои ногувори он ва депрессия аз ҷониби олимони равоншинос пажӯҳишҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва дар ин ҷо ба таври мухтасар номи олимони равоншиносро зикр мекунем, ки дар бораи депрессия андешаҳои худро баён кардаанд (Буқрот, Афлотун, Арасту[31], А. Луи[32], Камерон[33], Солливон, Ҷ. Кели[34], З. Фрейд[35], М. Клейн[36], Миллер[37], А. Бек[38], Ҷ. Гринберг, Е. Климов[39], ғайра)

Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иртиботи бекорӣ ва мизони депрессия дар байни ҷавонон ягон пажӯҳиши илмӣ гузаронида нашудааст.

---

[27]Сидоий И. Баҳорӣ, И. Зореъй, А. Баррасии вазъияти иштиғол бекорӣ дар Эрон [Матн] / И. Сидоий. И. Баҳорӣ. А. Зореъй // таии солҳои 1956 – 2010. роҳбурди ёс. – Эрон: шумораи, 25. - 2011. – С.220.

[28]Оқилӣ Мақдам Ҳ. Иштиғолу нақши ондр фароянди тавсеаи рӯстой [Матн] / Ҳ. Оқилӣ Мақдам // Маҷаллаи "иқтисод, ҷиҳод". – Эрон: шумораи, 180- 181. -1995. -С. -12-17.

[29]Риёзӣ Довӯдӣ М. Даромад миллӣу иштиғол [Матн] / М. Риёзӣ Довӯдӣ // интишороти донишгоҳи миллии Эрон. –Теҳрон: -1978. – С.15.

[30]Тавассулӣ Ғ. Ҷомеашиносии кор ва шуғл [Матн] / Ғ. Тавассули. –Теҳрон: «Самт». 1996. – С.73.

[31]Меҳриёр А. Ҳ. Афсурдагӣ: бардоштҳо ва дармонҳои шинохтӣ [Матн] / А. Ҳ. Меҳриёр. – Теҳрон: «Рушд». 1994. – С.84.

[32]Пурафкорӣ Н. Вокуниши афсурдагӣ [Матн] / Н. Пурафкорӣ. –Теҳрон: «Тобиш». -1985.– С.97-98.

[33]Ухуват В. Афсурдагӣ [Матн] / В. Ухуват. –Теҳрон: «рз». 1983. – С.40.

[34]Қароча Доғӣ, М. Шинохти дармони афсурдагӣ [Матн] / М. Қароча Доғӣ. –Теҳрон: «Доира». -1990. – С. 9-24.

[35]Каримӣ Ю. Равоншиносии шахсият [Матн] / Ю. Каримӣ. –Теҳрон: «Донишгоҳи Паёми нур». -2011. – С.10.

[36]Пурафкорӣ Н. Хулосаи равонпизишкӣ [Матн] / Н. Пурафкорӣ. –Табрез: «Завқӣ». 1989. – С.24.

[37]Фруготт В. Натарс: роҳнамои ғалаба бар изтироб [Матн] / В. Фругот // Тарҷумаи Меҳрдоди, Фирӯзбахт. –Теҳрон: «Расо». 2008. – С.202.

[38]Сайид Муҳаммадӣ, Я. Осебҳои равонии дидгоҳҳои болинӣ дар бораи ихтилолоти равонӣ. Ҷ. 2. [Матн] / Я. Сайид Муҳаммадӣ. –Теҳрон: «Равон». 2016. – С.81.

[39]Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт [Матн] / С.Х. Расулов. –Душанбе: «ЭР-граф». 2022. – С.214-217.

Шояд пажӯҳишҳои илмӣ дар бораи бекорӣ ва депрессия аз сӯйи пажӯҳишгарон ба вижа дар бораи депрессия, ки ба унвони як пажӯҳиши қаблӣ ва манобеъ дар ин пажӯҳиш истифода шуда буд, ба таври ҷудогона анҷом шуда бошад, вале ин нахустин пажӯҳиши илмӣ аст, ки ба гунаи зерин анҷом шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи ин пажӯҳиш муайян кардани робитаи бекорӣ ва депрессияи ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар шаҳри Кобул мебошад.

Татбиқи ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зерини таҳқиқотро баррасӣ мекунад:

1. Омӯзиши асосҳои назариявии психологии робитаи бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон.
2. Муайян намудани намудҳои депрессия ва алоқамандии онҳо бо бекорӣ дар муҳити зист.
3. Таҳқиқи омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия мусоидат мекунанд.
4. Муайян кардани оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонони шаҳри Кобул.
5. Аниқ кардани усули ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул.
6. Коркарди методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон.

7. Ба таври озмошӣ санҷидани робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳдошти ояндаи ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони Афғонистон.

**Объекти таҳқиқот.** Робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон.

**Предмети таҳқиқот.** Хусусиятҳои психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул.

**Фарзияи умумӣ**: раванди таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул дар сурати татбиқи шароити зерин самаранок хоҳад шуд, агар:

– асосоҳои назариявии психологии робати бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон омӯхта шаванд;

– намудҳои депрессия ва алоқамандии онҳо бо бекорӣ дар муҳити зист муайян карда шаванд;

– омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия мусоидат мекунанд, таҳқиқ карда шаванд;

– оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонони шаҳри Кобул муайян карда шаванд;

– усули ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул аноқ карда шавад;

– методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон кор карда шаванд;

– ба таври озмошӣ робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул санҷида шавад

**Асосхои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявй ва методологии таҳқиқотро маҷмуи принсипҳои умумӣ ва қисман илмӣ, инчунин принсипҳои методологии таҳқиқоти психологӣ ташкил

медиҳанд. Дар ин таҳқиқот равишҳои умумии назариявӣ (таҳлили адабиёт, омӯзиши натиҷаи фаъолият), равишҳои таҷрибавӣ (мушоҳида, суҳбат), ташхис (таҷриба) истифода шудаанд, ки ягонагии ташхиси равониро таъмин намуданд. Дар рафти таҳқиқот равишҳои ташхис (саволнома оид ба бекорӣ, ки таҳқиқкунанда тартиб додааст) истифода бурда шуданд.

Ҷиҳати баррасӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нармафзори SPSS 25 истифода шуда, барои исботи фарзияҳои таҳқиқотии зикршуда се санҷиш истифода шудааст: 1- (озмоиши ду намунаи мустақил. T), 2- (таҳлили яктарафаи санҷиши депрессия. ANOVA) ва 3- (Санҷиши коррелятсияи Пирсон) истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии ин таҳқиқоти илмӣ адабиёти боэътимод, рисолаҳои илмию таҳқиқотӣ ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфуз мебошанд. Таълимоти назарияҳои маъруф дар ин соҳа, аз қабили назарияҳои иқтисодӣ дар бораи бекорӣ, назарияи равоншиносон дар бораи депрессия омӯзиши ҷавонони бекорро дар бар мегирад.

Оид ба депрессия ва бекорӣ таҳқиқоти амалӣ ва илмӣ анҷом дода шудаанд, ки онро дар асарҳои пажӯҳишгарони зерин дидан мумкин аст ва дар рисолаи мазкур истифода шудаанд. Дар бораи кор ва бекорй (асарҳои Я. Эршадӣ, Маркази миллии таҳқиқоти, Гузориши Бонки Ҷаҳонӣ, С. Месибӣ, А. Кочи, Я. Фатҳӣ), оид ба депрессия таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ аз ҷониби бисёре аз муҳаққиқон анҷом дода шудаанд, ки дар ин рисола истифода шудааст (асарҳои Ф. Аҳмадӣ, С. Мулкӣ, В. Оилор, П. Тоҳирӣ, С. Шиквайӣ, А. сиёмак, М. Юсуфӣ, L. Zung), Дар пажӯҳиши рисолаи номбурда аз асарҳои олимон Афғон, Тоҷик ва Эронӣ истифода шудааст, ки ба тартиб оварда шудаанд: якум, асарҳои олимон Афғон (Ҷ. Расо, С. Н. Содот, С. А. Нусрат, Х. Сарварӣ);

Дуюм, асарҳои олимон тоҷик (Ш. Дӯстбоев, С.Х. Расулов, Б. Ҳ. Саидзода);

Сеюм, асарҳои олимон Эронӣ (Ҷ. Робинсон, Ғ. Ҳ. Рӯзтуро, Ҷ. Сипеҳр, И. Ҷаъфар, А. Гуденс, О. Гардон, Ҳ. Озод, Н. Пурафкорӣ, А. Амонат, В. Ухуват, Ю. Каримӣ) ва дигар адабиёте, ки дар бораи бекорӣ ва депрессия алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва ҳама гуна асарҳои нашршуда оид ба мавзуи мазкур дар ин рисолаи илмӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Иштироккунандагони таҳқиқот.** Ҷавонони мавриди озмоиш қароргирифтаи таҳқиқотро 185 нафар зан (47.6%) ва 204 нафар мард (52.4%) ташкил намуданд. Ба таври умум дар таҳқиқот 389 нафар ҷавон иштирок намуданд, ки аз онҳо 177 нафар (45.5%) муҷаррад ва 212 нафар (54.5%) оиладор буданд.

**Навоварии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқот робитаи байни бекорӣ ва сатҳи депрессия дар байни ҷавонони бекори шаҳри Кобул мебошад, ки дар натиҷа метавон гуфт:

1. Дар ин пажӯҳиш бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳқиқ шавад.

2. Дар таҳқиқот чунин намудҳои депрессия муайян карда шуданд: депрессия сабук (афсурдахӯӣ; депрессияҳои шайдоӣ; депрессияи отифии мавсимӣ; депрессия миёна; депрессияҳои асосӣ (депрессияи клиникӣ; депрессияи молихулиёӣ; депрессия равонпарешонӣ; депрессияи атикикӣ-отипик (ғайри маъмулӣ).

3. Дар пажӯҳиш омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия мусоидат мекунанд, ба тариқаи зайл муайян карда шуд: омилҳои генетикӣ; механизмҳои зистшиносӣ-биологӣ; омилҳои асабӣ-ғадудӣ; омилҳои шахсиятӣ; омилҳои иҷтимоӣ;

рӯйдодҳои стрессовари зиндагӣ; тарди иҷтимоӣ; таомули иҷтимоӣ; омилҳои фақр.

4. Оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонони шаҳри Кобул бори аввал муайян карда шуд, ки чунин аст; таъсири бекорӣ бар депрессия; таъсири бекорӣ бар фақри иқтисодӣ; вобастагӣ ва одаткунӣ; таъсири бекорӣ бар ҳувийят; таъсири бекорӣ бар бухрони ҳувийят.

5. Барои аниқ кардани ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул аз ҷадвали Каржси ва Морган истифода карда шуд, ки барои ҳисоб кардани андозаи интихоб истифода шудааст, ки ин нисбат ба формулаҳои баҳодиҳии андозаи интихоб усули соддатар аст. Дар ҷадвали Каржеси ва Морган, бо донистани маълумоти оморӣ, метавонем намунаи омори мувофиқи интихобро ҳисоб кунем. Ҷадвали пешниҳодшудаи Каржси ва Морган аксари намунаҳои зарурировба даст меорад.

6. Коркарди методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон ба таври озмошӣ санҷида шуда, робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул муайян карда шуда, бори аввал пешниҳодҳо оид ба беҳдошти ояндаи ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони Афғонистон таҳия карда шуд.

**Мавридҳое, ки ба дифоъ пешниҳод карда мешаванд.** Барои дифоъ нуқтаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- Ҳар қадаре ки пешниҳоди қувваи корӣ зиёд бошад, ҳамон қадар талабот ба кор зиёд мешавад, ки боиси бекорӣ мегардад, маҷмуи омилҳо ба бекории ҷавонон таъсир мерасонад. Омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дар Афғонистон омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ низ дар бекорӣ нақш доранд.

- Ҷавонони бекор бо сабабҳои гуногун аз кор ва соҳибкорӣ маҳрум буда, аз бекорӣ азоб мекашанд ва дар сатҳи депрессия қарор доранд ва

ин далел нишон медиҳад, ки бекорӣ ба сатҳи депрессия дар байни ҷавонон иртибот дорад.

- Мардҳо бештар аз занҳо гирифтори депрессия мешаванд, ки дар натиҷаи бекорӣ рух медиҳад, зеро мардон бо назардошти масъулиятҳои худ дар назди худ, оила ва ҷомеа бештар фишори эмотсионалӣ ва равонӣ доранд.

- Дар байни ҷавонони бекор ва муҷаррад, ки афсурдаҳолӣ аз набудани ҷойи кор ба амал меояд ва ҷавонони оиладор нисбат ба ҷавонони муҷаррад осебпазиртаранд, зеро ҷавонони оиладор дар асоси масъулияти худ (оила, зан ва фарзандон) аз бекорӣ азоб мекашанд ва дар сатҳи баланди депрессия қарор доранд.

- Ҷавононе, ки дар сатҳҳои гуногуни иқтисодӣ (камбизоат, миёна ва хуб) қарор доранд, вале бекоранд, вобаста ба сатҳи иқтисодӣ депрессия (амиқ, миёна ва сабук) доранд, аз ин рӯ, натиҷа нишон медиҳад, ки бекорӣ ба депрессия иртибот дорад.

- Ҷавононе, ки дар сатҳҳои гуногуни таҳсил қарор доранд, гирифтори бекорӣ мешаванд ва дар сатҳи гуногун ба депрессия мубтало мегарданд, яъне дар депрессия сатҳи таҳсилот низ нақш дорад.

- Ҷавонони синну соли гуногун аз бекорӣ дар дараҷаҳои гуногуни депрессия ранҷ мекашанд. Чӣ қадаре ки онҳо калонсол бошанд, ҳамон қадар таҷрибаи зиндагӣ бештар доранд ва ба халалдоршавии ҳаётан муҳим (31-35 ва 36-40) муқовимат мекунанд, сатҳи депрессияи онҳо чандон фарқ намекунад.

- Ҷавононе, ки вазъияти иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии онҳо зери таъсири манфии бекорӣ қарор гирифта буд, гирифтори депрессия нашуданд ва муносибат нишон дод, ки ҷанбаи вазъи иқтисодӣ бо некӯаҳволии иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад. Яъне агар ба ҳар роҳе, вазъи иқтисодӣ ва некӯаҳволӣ иҷтимоӣ беҳтар бошад, сатҳи депрессия пасттар мешавад.

- Ҷавононе, ки кӯшиши кор карданро доранд, ба бекорӣ гирифтор шуда, афсурдаҳол мешаванд, аз ин рӯ ба хулосае меоем, ки ҳар қадар ҷавонон соҳиби ҷойи кор шаванд, депрессия ҳамон қадар кам мешавад.

- Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки бекорӣ бо дараҷаи депрессия робитаи манфии назаррас дорад, яъне натиҷаи бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар қадар ҷавонон ба кор машғул шаванд, ҳамон қадар сатҳи депрессияи онҳо паст мешавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Пажӯҳиши анҷомдодашуда хусусияту аҳамияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар таҳқиқоти минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд дар таҳияи курсҳои омӯзишӣ ва навиштани китобҳои дарсӣ дар мавзуи оқибатҳои ногувори бекорӣ аз нигоҳи равоншиносон, дар омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус дар мавзуи психологияи иҷтимоӣ, методологияи мутобиқшуда ва амалияи равонпизишкӣба таври васеъ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй.** Вазифаҳои асосии унвонҷӯй аз муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян кардани мавзуъ ва мушкилоти таҳқиқот, пешниҳоди масъалаҳои муҳимми таҳқиқот, таҳлил ва пешниҳоди маълумоти бадастомада иборатанд. Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳоду хулосаҳое, ки мазмуни рисоларо ташкил медиҳанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф дониста мешаванд. Дарвоқеъ, дар доираи таҳқиқоти мушкилот механизмҳои муайян кардани "гурӯҳи бекорон" дар робита ба сатҳи депрессия пешниҳод карда шуданд.

Илова бар ин, санҷишҳои вазъиятҳои бекорӣ ва равонӣ аз қабили «Пурсишномаҳои бекорӣ» ва «Пурсишномаи депрессияи Бек» бо назардошти талаботҳои равонии иҷтимоӣ ба шароити Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз ҷониби унвонҷӯй мутобиқ карда шудаанд, ки аввалин таҷриба ва дар ин замина буда, аҳамияти махсуси амалӣ доранд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 4 уми декабри соли 2024(протоколи №4/1) муҳокима гардида, он пас аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Аз руйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои зерин иштирок намудаанд:

1. Афсурдагӣ аз сабаби бекорӣ дар байни ҷавонони шаҳри Кобул// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ “Нақш ва аҳамияти хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар пешбурд ва рушди раванди таълиму тарбия”, ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - Душанбе, 2024. - С. 261-275.
2. Таъсири бекорӣ ба таъминоти иҷтимоӣ дар раванди депрессияи ҷавонони шаҳри Кобул // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ “Хусусиятҳои ташкили раванди босамари таълиму тарбия зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ”, пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи абдураҳмони ҷомии Академияи таҳсилоти тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - С. 222-227.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 номгӯ дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии атесстатсионии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 7 зерфасл, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, рӯйхати мақолаҳои муаллиф ва ду саволномаи замима иборат аст. Матни диссертатсия 25 ҷадвал ва 13 диаграммаро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифа мебошад.

# БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ПСИХОЛОГӢ ОИД БА БЕКОРӢ ВА ДЕПРЕССИЯ

## 1.1.Омӯзиши назариявии психологии робита бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон

Ҳама инсонҳо барои гузаронидани зиндагии худ ниёз ба талош ва фаъолият доранд. Таъмини ниёзҳои фардӣ ва иҷтимоии афрод гарави кору талош аст ва ҷомеа низ барои гардонидани чархи истеҳсолот дар тамоми арсаҳо ба неруи кор ниёз дорад ва дарвоқеъ, пайкараи ҷомеа аз вуҷуди ҳар гуна нуқс дар он осеб мебинад.

Аз назари луғавӣ кор ба маънои феъл ва амалу кирдори инсон аст ва дар истилоҳ кор фаъолиятест нисбатан, доимӣ, ки ба истеҳсоли мол ё хадамот меанҷомад ва барои он дастмузд пардохта мешавад [148, с. 9].

Кор чист? Дар таърифҳое, ки аз сӯйи соҳибназарон дар мавриди кор, шуғл, машғулият ироа шудааст, ду дидгоҳ: ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ вуҷуд дорад. Дар дидгоҳи иқтисодӣ меъёри санҷиш ва нишондиҳандаи арзёбии ин мафҳумҳо «истеҳсол», «даромад» ва «дарёфти музд» ва мафҳумҳое монанди инҳо муаррифӣ шудааст. Бар асоси ин назария кор аст аз фаъолияти инсоние иборат, ки ба мақсади истеҳсол анҷом дода мешавад [145, с. 173]. Шуғл низ ба маънои машғул будан ба корест, ки подошу дастмузд дошта бошад [145, с. 124].

Ба ақидаи баъзе аз соҳибназарон дар таърифи кор ба навъи ҳосе аз кор таваҷҷуҳ нашудааст, балки корро ба мафҳуми умумӣ сарчашма гуфта, ҳамчун сабаби сарват, сармоя ва ниҳоят рушду шукуфоии ҷомеа тавсиф намудаанд.

Аз назари баъзе иқтисоддонон кор аз фаъолияте иборат аст, ки инсон аз неруи моддӣ ва маънавии худ баҳри истеҳсоли сарват ё иҷрои корҳои дигар анҷом медиҳад. Бар асоси ин таъриф кор ва фаъолият ба таври умда тавассути ҳадафҳо ва арзиши маҳсулоте, ки тавлид шудааст, муайян мегардад. Ба ибораи дигар, кор заминаро барои тавлид ва афзоиши хадамот фароҳам мекунад.

Ба таври кулли̅ кор иборат аст аз: маҷмуи амалиёте, ки инсон бо истифода аз ақл, дасту пой, абзор ва мошинҳо барои иҷрои амале анҷом медиҳад ва ин амалҳо низ мутақобилан бар инсон асар мегузоранд ва ӯро тағйир медиҳанд.

Бар асоси ин таъриф кор дорои се хусусият аст:

1. Кор иборат аст аз фаъолияти фикри̅ ва ҷисмони̅;

2. Тавассути кор маҳсулоте тавлид ё коре иҷро мегардад.

3. Дар анҷоми кор дастмузде пардохт мешавад [8, с. 25].

Бекори̅ чист? ба таври хулоса метавон гуфт, ки «бекори̅» вазъиятест, ки дар он гурӯҳе ба кор машғул набошанд ё дар ҳолати гузариш ба кори дигаре, қарор доранд ё наметавонанд бо дастмузди дилхоҳи воқеи̅ коре ёбанд [89, с. 190].

Аз сӯйи дигар, истилоҳи бекориро метавон ҳам дар мавриди як санъат ё як мошин ва ҳам дар мавриди як коргар ба кор бурд, вале дар забони муҳовара бекори̅ ба маънои таваққуфи иҷбории кор тавассути коргарон ё муздгирон аст. Хоҳ ба ҷиҳати пайдо накардани кор бошад, хоҳ ба далели ихроҷи онҳо аз маҳали кори қабли̅ [27, с. 39-40].

Бекори̅ аз масоили умдаи иқтисоди̅ аст, ки бевосита ба таври шадид ба ҳар як фарди ҷомеа таъсир мерасонад. Аз назари аксари мардум аз даст додани кор маънои паст шудани сатҳи зиндаги̅, аз даст додани эътимод ба нафс ва эҷоди фишорҳои равони̅ аст. Бекори̅ вазъиятест, ки дар он гурӯҳе ба кор машғул нестанд ё дар ҷустуҷӯйи коре қарор доранд.

Мувофиқи назари иқтисоди̅ бекор касеро мегӯянд, ки дар ҳудуди синни 15 то 64- сола аст ва дар ҳафт рӯз кореро ба нафъи худ ва ҷомеа анҷом намедиҳад.

Барои он ки фарде бекор ба ҳисоб равад, бояд дорои се хусусият бошад:

1. Надоштани кор: машғули фаъолияти пардохтшаванда ё коре набошад;

2. Омодаи кор: барои шуғле пардохтшаванда ё коре омодагӣ дошта бошад;

3. Ҷӯёи кор: ба хотири ҷустуҷӯйи шуғли пардохтшаванда ва ё коре кӯшиш кунад [127, с. 98].

Депрессия: ин истилоҳ бисёр васеъ ва то ҳадде душворфаҳм низ ҳаст. Барои шахси оддӣ ҳолатест мушаххас, ғамовар, гирифтахотирӣ, беҳавсалагӣ ва барои пизишк гурӯҳи васеъи, ки бо равишҳои гуногун табобат мекунад [115, с. 11].

**Ҷавонон:** «ҷавон», «ҷавонон» ва «ҷавонӣ» аз ҷумлаи калимаҳои ҳастанд, ки миёни наслҳои инсонӣ таъриф ва мафҳуми хосси худро доранд. Вобаста ба ин ки пажуҳишгар аз чӣ манзаре ба масъала нигоҳ мекунад, метавонанд маъонӣ ва мафҳумҳои гуногуне дошта бошанд. «Ҷавон» касе аст, ки аз ҳадди кудакӣ ва навҷавонӣ хориҷ шуда, аммо ҳанӯз ба дунёи воқеии бузургсолон напайвастааст. Вижагиҳои хосси ҷавонӣ худшефтагӣ, густариши уфуқҳои фикрӣ, оянданигарӣ, матлубандешӣ ва хаёлпардозӣ мебошанд [171, с. 98].

Дар равоншиносӣ таърифи ҷавон ва ҷавонӣ бештар ҳамчун балоғати равонӣ, зоҳиршавии рафтор ва ҳолатҳои пас аз кудакӣ ва навҷавонӣ шарҳ дода шудааст. Дар зистшиносӣ таъсири ҳолатҳои рушд ва балоғат ба ашхос меъёри ҷавонӣ дониста мешавад. Ҷавонӣ яке аз муҳимтарин марҳилаҳои зиндагии одамӣ аст ва охирин марҳилаи таҳаввулшиносӣ ва гузариш аз марҳилаи «пайрави дигарон будан» ба давраи «мустақил гаштан» аст; даврае, ки инсон ба ҳувийяти воқеии хеш даст меёбад. Баъзе аз соҳибназарон давраи ҷавониро давраи пухтагӣ ё марҳилае меноманд, ки истеъдодҳо ва тавоноиҳои одамӣ ба рушди комил мерасанд. Дар ин замон фард метавонад: 1) ниёзи пешрафт, тараққӣ, 2) ниёзи вобастагӣ, 3) ниёзи ҳувийят, 4) ниёзи аслгароиро ҳамчун меъёриҳои зиндагӣ бипазирад ва ба истиқлоли фикрӣ бирасад [88, с. 33].

Дар таҳқиқоте, ки Созмони Миллали Муттаҳид бо унвони «Вазъияти ҷаҳонии ҷавонон дар даҳаи 1990» анҷом дода буд, «ҷавонӣ»-ро чунин таъриф додааст: «ҷавонӣ марҳилаи гузариш аз алоқамандиҳо ва осебпазириҳои кудакӣ ба ҳуқуқ ва вазоифи бузургсолӣ аст». Ҳамчунин аз назари ҷомеашиносӣ «ҷавонӣ» ду таъриф дорад: дар таърифи аввал: давраи ҷавонӣ бо «синну сол» мушаххас мешавад ва афроди 15 то 29- сола ҷавон муаррифӣ мегарданд. Дар таърифи дувум: давраи ҷавонии биологӣ бо ҳолати иҷтимоӣ, арзишҳо ва меъёрҳо, қоидаҳои иҷтимоӣ мавриди назар аст.

Дар таърифи иҷтимоӣ аз ҷавонии биологӣ, ҷавонон гурӯҳи хос ва воҳиди иҷтимоии ҷудогонае ҳастанд, ки ҳадафҳо, манфиатҳо ва алоқамандиҳои хосси худро доранд. Дар дини ислом ҷавонӣ муҳимтарин марҳилаи умри инсон аст, марҳилае, ки шахсияти афрод дар он шакл мегирад [40, с. 7].

**Муртазо Мутаҳаррӣ** ҷавониро ба ду гуна таъриф мекунад. Дар таърифи аввал ҷавон шахсиятест дорои синни муайян, ҳолати рӯҳӣ, равонӣ ва ниёзҳои махсус. Дар таърифи дувум ҷавон касест, ки ба далели таҳсилот, савод ва ошноияш бо андешаҳои нав, фикр ва пурсишҳои тоза дорад ва ҳозир нест монанди дигар афрод бидуни далели ақлӣ ва мантиқӣ ҳама чизро бипазирад. Баъзе вижагиҳои давраи ҷавонӣ ба таври хулоса иборатанд аз: 1) алоқа  ва дӯстӣ бо ҳамсолон; 2) алоқа ба муҳити мусоид барои рушди зеҳнӣ; 3) ифтихор ба шахсият; 4) алоқа ба озодии бе ҳадду ҳисор; 5) шиддат ёфтани ғариза (табиат) [94, с. 198].

**Таърихи бекорӣ дар ҷаҳон:** Барои аксари мо кор беш аз ҳар навъ фаъолияти дигаре вақти моро бештар фаро мегирад. Мо бештар мафҳуми корро ба заҳмат ва машаққат рабт медиҳем, яъне маҷмуи вазоифе, ки мехоҳем онҳоро ба ҳадди ақал  анҷом диҳем  ва агар мумкин бошад, якбора аз онҳо халос шавем. Аммо кор бартариҳое ҷуз заҳмату машаққат низ дорад, вагарна мардум  ҳангоми бекор шудан то ин ҳад эҳсоси саргардонӣ ва изтироб намекарданд.

Кор ҳамеша аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад. Дар ҷомеаи рӯ ба тараққӣ ин низом вобаста ба истеҳсолот саноатӣ будааст. Саноати рӯ ба тараққӣ бо низимҳои истеҳсолии пеш аз рушд, ки асосан, аз кишоварзӣ иборат буд, тафовути бунёдӣ дорад. Дар низомҳои истеҳсолии пеш аз замони рушд аксари мардум ба кишоварзӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Аммо дар ҷомеаи рӯ ба тараққӣ фақат қисм каме аз аҳли ҷомеа дар бахши кишоварзӣ кор мекунанд ва ҳатто кори зироат низ саноатӣ шудааст. Кору зиндагии иқтисодӣ ҳамчун бисёре аз паҳлуҳои зиндагии ичтимоии бо дигаргуниҳое фаро гирифта шудааст. Барои баррасии робитаи бекорӣ бо депрессия дар ҷавонон лозим аст дар ибтидо ин масъала равшан шавад, ки аз чӣ замоне бекорӣ ба унвони як масъала ва мушкилоти ичтимоӣ матраҳ шуд.

Қабл аз инқилоби саноатӣ бекорӣ ба унвони як мушкилот чандон шинохта нашуда буд. Дар ҷомеаи кишоварзӣ маъмулан иқтисод босубот ва пойдор буд ва сол то сол тағйири андаке дар он сурат мегирифт.

Баъд аз инқилоби саноатӣ иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, ба хусус кишварҳои саноатӣ дар мавқеъҳое бо равнақ ва дар мавқеъҳое бо рукуди иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешуд. Рукуди иқтисодӣ, ки асосан пайомади буҳронҳои молӣ аст, ҳамвора бар ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодии як ҷомеа ва ба хусус бар вазъияти шуғли он ҷомеа таъсир мегузорад ва сабаби афзоиши бекорӣ мегардад.

Аз муҳимтарин буҳронҳои молие, ки дар ҷаҳон ба вуқуъ пайваст, метавон аз буҳрони молии соли 1930-и мелодӣ ном бурд. Ин буҳрони молӣ, ки ибтидо аз иқтисои Амрико шуруъ шуд, кам - кам иқтисоди кулли ҷаҳонро бо мушкилии бузурге рӯ ба рӯ кард. Осори ин буҳрон дар Амрико, Канада ва Аврупо фарогиртар буд. Пайомадҳои буҳрони молии соли 1930 дар дигар кишварҳо ва ба хусус қитъаи Аврупо бо чанд сол таъхир дар ҳамаи соҳаҳо эҳсос шуд.

Пас аз буҳрони молии соли 1930 аз бекориҳои муҳимми дигар, бекориҳои пурдоманаи соли 1957 ва 1958-и мелодӣ буд. Созмони

байналмилалии кор дар нашрияи ВҶШ нисбат ба бекориҳои ин давра чунин изҳор карда буд: “Аз замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба баъд бекориҳои ошкор дар охирҳои соли 1957 аз пурдоманатарин бекориҳое буд, ки 22 кишварро аз 44 кишваре, ки бекорӣ дар онҳо мавриди баррасӣ мешуд, фаро гирифт ва нишондиҳандаи шадиди бекорӣ дар он кишварҳо буд” [135, с. 203].

Шиддатёбии бекорӣ байни афрод сабаби тазоҳурот аз сӯйи бекорон мегардид, аз ҷумла дар 13-уми ноябри соли 1887-и мелодӣ як тазоҳуроти мардумӣ дар майдони Трофолга, дар Лондон тавассути бекорон баргузор шуд, ки ин тазоҳурот ба даргириҳои байни мардум ва неруҳои амниятӣ ва дар ниҳоят ба марги яке аз тазоҳуротгарон анҷом ёфт ва ин рӯйдод таҳти унвони «якшанбеи хунин» маъруф шуд.

Дар фосилаи солҳои 1920 то 1930-и мелодӣ низ маҷмуае аз тазоҳурот дар Лондон шакл гирифт, ки ҳадаф аз онҳо анҷоми иқдомоте тавассути давлат барои коҳиши бекорӣ буд ва муваффақ ҳам шуданд, ки бо эҷоди саноати ҷадиде чун анвои автомобилҳо, ҳавопаймоҳо ва ғайра шумораи бекорон кам гардид. Ҳатто метавон гуфт дар пайи ин чунин тазоҳуроте давлатҳо нишондодҳоеро барои ҳимоят аз бекорон дар назар гирифтанд. Яке аз нишондодҳои аслӣ барои коҳиши фишорҳои бекорӣ, бимаи (суғуртаи) бекорӣ буд.

Аз он ҷо, ки яке аз пайомадҳои буҳрони иқтисодӣ шиддатёбии бекорӣ аст ва густариши бекорӣ дар навбати худ осебҳои фардӣ ва иҷтиморо ба бор меорад, дар пайи ин буҳрони молӣ, илова бар давлатмардон таваҷҷуҳи ҷомеашиносон ва равоншиносон низ ба мушкилии бекорӣ равона шуд.

Шаҳрвандони Афғонистон (шумораи ками коргарон, афроди таҳсилёфта) қабл аз солҳои 1973 ба манзури дарёфти кор ба кишварҳои ҳамсоя, ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки бештарашон давраҳои фарогирии донишро дар он ҷо сипарӣ карда буданд, муҳоҷират намуда, ба осонӣ шуғли мавриди назарашонро ба даст меоваранд. Баъд аз

тағйири режими салтанатӣ дар соли 1973 гурӯҳе аз равшанфикрон, ба хусус, тарафдорон ва вобастагони низоми салтанатӣ ба Амрико ва Аврупо муҳоҷират карданд, ки ин муҳоҷирон аз қишрҳо ва табақаҳои мухталифи ҷомеа буданд ва аз охирҳои соли 1970 ба ин сӯ муҳоҷирати васеъи афғонҳо асосан, ба кишварҳои ҳамсоя (Эрон, Покистон) ва ҳамчунон дигар кишварҳо вуҷуд доштааст. Дар қисмати муҳоҷирати байналмилал рақамҳои мавҷуд нишон медиҳанд, ки ба тартиб 46 то 76 дарсад муҳоҷироне, ки ба кишвар бармегарданд ва ё муҳоҷироне ки ба хориҷ аз кишвар мераванд, аз сарҳадот убур кардаанд. Бештарин муҳоҷиратҳо ба самти Эрон буда, дар ҳоле ки 87% ин муҳоҷиратҳо ба самти кишварҳои хориҷ будааст. Бар асоси маълумоти Вазорати авдати (баргардонии) муҳоҷирин, муҳоҷират комилан як падидаи мардона аст [81, с. 36-37].

Дар ҳоле ки дар кишварҳои дигар давлат ва органҳои дахлдор талош менамоянд, ки шароитеро фароҳам намоянд, то аз як тараф, бо саҳми неруҳо заминаҳои рушду инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фароҳам гардад ва аз ҷониби дигар, имконоти аёдати оилаҳо ва афродро муҳайё созад. Табииаст, ки бо рушди ҷомеа, ки бо гузашти замон ба вуҷуд меояд, ҷомеаи фаъол ҳам афзоиш меёбад, биноан ниёз эҳсос мегардад, то мутаносиб ба он заминаҳои корёбӣ ва масруфиятҳои солим барои неруи кори изофӣ фароҳам гардад, дар ғайри он ҳар гоҳ иртиботи мантиқӣ миёни рушди неруи кор ва эҷоди шуғлҳо дар иқтисод таъмин шуда натавонад, ин амр боиси эҷод ва афзоиши бекорӣ шуда, имконоти рушди муътадили иқтисодро ба хатар ва буҳрон меандозад. Аз ин лиҳоз, давлат бояд бо диққати тамом барномаҳо ва нақшаҳои коҳиши бекориро дубора таҷдиди назар намояд. Набудани нақшаҳои мушаххас ва дурнамоии давлат дар арсаи кору корёбӣ нақши худро доштааст. Роҳандозии хусусисозӣ ва иҷорадиҳии мулкиятҳо ва уҳдадориҳову масъулиятҳои давлатӣ боиси бекории ҳазорон коргару корманди давлатӣ шудааст. Дар аксари нақшаву барномаҳои сохтмонӣ, амниятӣ ва

истеҳсолӣ сектори хусусӣ ва онҳое, ки аз тарафи давлат ба сектори хусусӣ равона шуда буданд, коргарон ва мутахассисони хориҷӣ ба кор ҷалб карда шуданд. Ҳамчунин аз асари сиёсатҳо ва барномаҳои чандгонаӣ ва гуногуни давлатӣ дар заминаи пардохти музду маош, бекории махфӣ дар идораҳои давлатӣ ба сатҳи баланди расидааст. Набудани чораву тадбирҳои лозим, ба хусус, сиёсатҳои иқтисодии дарҳои бози давлат таҳти унвони бозори озод дар Афғонистон бекориро ба як мушкилии шадид мубаддал сохт, зеро сиёсати дарҳои бози кишвар заминаҳои онро муҳайё намуд, то бозорҳои масрафи кишвар аз маҳсулоти тавлидшуда дар кишварҳои хориҷӣ пур гардад, он ҳам маҳсулоте, ки дар кишвар қаблан истеҳсол мешуд ва ё акнун ба истеҳсоли он оғоз карда буданд. Ба ин тартиб, саноати навпо ва заифи кишвар натавонист ба фишори чунин шароит ва мавҷудияти сиёсати думпингӣ (қимматшиканӣ, арзонфурӯшӣ) тоб биёрад ва ин боис гардид, ки кишварҳои ҳамсоя бо тавлидоти он рақобат намоянд ва дар дар натиҷа теъдоди зиёде аз саноаткорон ва ташабускорони мо муфлис шуда, коргарону кормандони онҳо бекор шуданд [38, с. 27-28].

**Бекорӣ хамчун мушкилоти глобалӣ.** Дар асоси қоидаиҳои Ташкилоти байналмилалии меҳднат (ТБМ) ба бекорон шахсоне дохил мешаванд, ки аз кор таъмин нестанд, дар як давраи муайян фаъолона кор карда метавонанд ва тайёранд ба кор шуруъ намоянд.

Мушкилоти пурра истифода нагардидани кувваи корӣ хусусияти глобалӣ пайдо намуд. Таҷрибаи даҳсолаҳои гузашта нишон медихад, ки бекорӣ хусусияти доимиро гирифтааст. Дар давраи баландравии иқтисодиёт (соли 1999) дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо қариб 50% бекорон дар давраи то 1 сол барои худ кор намеёфтанд, дар Австралия ва Америкаи Шимолӣ 15% бекор дар ин муддат ҷойи кор пайдо карда наметавонанд. Бо кор таъмин намудани коргарони тахассуси пастдошта

бисёр мураккаб, ҳиссаи бекорон дар ин қисми аҳолӣ нисбат ба ҳиссаи миёнаи бекорон 1,5 -2 маротиба зиёдтар мебошад.

Бекорӣ бисёр масъалаи муҳим мебошад, чунки мушкилоти иқтисодию иҷтимоию технологиро ба амал меорад. Вай ба кам гаштани маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) ва аз ин ҳисоб даромади миллӣ сабабгор мешавад, ва ҷустуҷӯ  и роҳҳои алтернативии дастгирии моддиро аз тарафи давлат тақозо менамояд. Дар соҳаи иҷтимоиёт нобаробариро дар ҷамъият ба вуҷуд меоварад. Зарурияти бо кор таъмин будани аҳолӣ дар Низомномаи СММ, хамчун яке аз мақсадҳои муҳимми ҳукуматҳо-давлатҳои аъзои СММ муайян гардидааст. Ҳалли мушкилоти бекоронро аз кор таъминнамоӣ водор месозад, ки дар сатҳи байналмилалӣ сиёсати микроиқтисодӣ (дар соҳаҳои истеҳсолии заҳматталаб) пеш бурда шавад [48, с. 51-52].

**Назарияҳои марбут бо кор ва бекорӣ.** Назарияҳои иқтисодӣ: Баҳс дар мавзуи таъмини шуғл ва эҷоди кор аз қадимулайём вуҷуд доштааст. Дахолати давлатҳо низ дар ин замина барои мубориза бо бекорӣ ва ҷилавгирӣ аз осори номатлуб ва зарарҳои он аз замонҳои пешин мавриди амал қарор доштааст. Пайдоиши коргоҳҳо, эҷоди бандарҳо, сохтмонҳо, роҳи оҳан ва ғайра дар воқеъ икдоми давлатҳоро барои ба кор ҷалб кардани туддаҳои бекор нишон медиҳад. Мисолҳое ки Кинз – донишманди англис дар бораи сохтмони аҳроми сегона ва истихроҷи маъданҳо дар Мисри бостон, ё бинои калисоҳои бузург дар  асрҳои миёна ва фаъолиятҳое, ки дар садаи 19 барои кандани замин ба умеди ёфтани маъдани тило овардааст, машҳуранд ва таваҷҷуҳи зеҳнҳоро дар тули таърих ба бекорон баён медоранд.

Дар идома ба ихтисор ба баррасии чанд назарияи муҳим дар заминаи шуғлдорӣ ва бекорӣ мепардозем:

**Назарияи классикии илми иқтисод.** Аввалин таҳлилҳои систематикӣ барои шарҳ додани муносибатҳои иқтисодии байни

падидаҳо ҳодисаҳоро мутафаккирон ва назариячиёни мактаби классикӣ (Адам Смит ва Дэвид Рикардо) пешниҳод кардаанд. Маҷмуи омилҳои афзоиши аҳолӣ, васеъ шудани доираи бозор, тақсимоти меҳнат ва ихтисос, ҷамъшавии сармоя, пешрафти техникӣ, афзоиши маҳсулнокӣ ва савдои озод ба назари онҳо аз омилҳои асосии афзоиш ва рушд буданд. Ба ин назар, ҳукумат бояд камтарин дахолат ба умури иқтисодӣ дошта бошад [172, с. 88]. Мувофиқи ин назария дар сурати набудани дахолати комили давлат дар умури иқтисодӣ, эътидолу тавозуни иқтисодӣ дар ҷомеа дар ҳадди шуғлдории комил ба вуҷуд меояд. Ҳадди шуғлдории комил ҳаддест, ки кулли омилҳои истеҳсолӣ, яъне корфармо, коргар, сармоя ва маводи аввалияи мавҷуд дар ҷомеа битавонанд мавриди истифода қарор бигиранд.

Донишмандони пешин муътақид буданд, ки дар ҳадди шуғлдории комил (D- иштиғоли комили унсурҳои кор ва сармоя) тавассути ду омил; яке нархи баҳра ки танзимкунандаи ҳаҷми сармоя аст ва дигаре андозаи музд, ки танзимкунандаи ҷомеаи коргар аст, тағйироти истеҳсол ба таври табиӣ бо тағйироти ҷомеаи коргар ва ҳаҷми сармояи мавҷуд дар ҷомеа мутаносиб мешавад ва эътидоли иқтисодӣ ба таври худ ба худ дар вазъи шуғлдории комили омилҳои истеҳсолӣ барқарор мешавад ва ниёзе барои дахолат ба рушди давлат нест [124, с. 10].

Аз нигоҳи назарияи шуғл классикон бозори меҳнатро рақобатпазир ва иқтисодиётро бо шуғли пурра медонанд ва ба ақидаи онҳо бекориро танҳо бо маоши баланд асоснок мекунад [141, с. 7-8]. Ба ақидаи иқтисодшиносони классикӣ шуғл танҳо ба ҳаҷми сармоя вобаста аст ва ҳеҷ омили дигар мизони онро тағйир дода наметавонад.

Мувофиқи қонуни бозорҳои фурӯш, пайдоиши мошин дар раванди истеҳсолот боиси бекории баъзе коргарон мегардад, аммо дар айни замон қувваҳо барои дубора ба кор ҷалб кардани коргарони зикршуда истифода мешаванд.

Аз нуқтаи назари Леонард Симонде Сисмондӣ, такмили техникӣ ҳатман боиси коҳиши нарх ва афзоиши талабот ва дубора ба кор гирифтани коргарони бекор намегардад ва коҳиши нарх ҳеҷ гоҳ ба шумораи коргарони бекор мутаносиб нест. Рикардо чунин мешуморад, ки ба вуҷуд омадани мошин хангоми истеҳсоли мол боиси кам шудани ҷалби қувва мегардад [135, с. 23-27].

Ба андешаи Карл Маркс, "тағйироти нисбии се омили зичии сармоя, сатҳи нисбии музди меҳнат ва ҳаҷми шуғл боиси шуғли пурра ё шиддат ёфтани бекорӣ мегардад" [148, с. 190].

Ӯ ҳамчунин бар ин назар аст, ки ҳаракати нави саноатӣ дар таҳаввулоти пайваста қарор дорад, ки мунтазам як қисми қувваи кориро ба аҳолии зиёдатии синфи коргар ё неруи захиравии саноатӣ табдил медиҳад [135, с. 28].

Ба гуфтаи Уолтер Галенсон, "сабаби асосии бекорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ он аст, ки замин наметавонад аҳолии доимо афзояндаро бо кор таъмин кунад ва эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки автоматикунонӣ дар ояндаи наздик боиси коҳиши мутлақи шуғл дар соҳаҳои истеҳсолӣ шавад" [134,с. 220].

Илова бар ин, новобаста аз он ки саноатҳои хурди истеҳсолӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои истифодаи васеъи неруи инсонӣ омодаанд, ин стратегия бо мушкилоти рақобат дар бозори фурӯш рӯбарӯ аст.

Ба ақидаи Артур Люис, Фей ва Ранис иқтисодиёти сусттараққикарда аз ду қисм иборат аст: қисми кишоварзӣ (ё қисми рӯзгор), ки бо меҳнати зиёдатӣ тавсиф мешавад ва қисми саноатӣ (ё қисми муосир), ки дар он қувваи корӣ тадриҷан интиқол дода мешавад.Он чизе, ки дар маркази таваҷҷуҳи модел қарор дорад, ҳам раванди ин интиқол ва ҳам афзоиши шуғл дар бахши муосир аст, аммо интиқол ва афзоиши неруи корӣ дар бахши муосир бо як оҳанге аз рӯйи миқдори ҷамъоварии сармоя дар саноат сурат мегирад. Суръати

ҷамъшавии сармоя дар саноат ва дар навбати худ, аз тарафи бозори фоида, нисбат ба музди кор, бо чунин тахмине, ки сармоядорон ҳамаи маблағҳои зиёдатиро аз нав ба гардиш мегузоранд, муайян карда мешавад.

Сатҳи музди меҳнат дар бахши саноат дар модели аслии Люис доимӣ ҳисобида мешавад ва он ҳамчун таносуби доимии сатҳи зиндагӣ дар бахши анъанавӣ ба ҳисоб меравад. Бо пешрафти интиқоли қувваи корӣ, бекорӣ ё бекорӣ дар деҳот бо афзоиши шуғл дар бахши муосири саноатӣ коҳиш меёбад [109, с. 7-9]. Акаус, Блаваг ва Вудхолл дар таҳлили бекорӣ дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф натиҷаҳои нобаробарии нархҳои омилҳоро бо истифодабарии захираҳо ва тақсимоти онҳо, бахусус, барои шуғл таъкид кардаанд. Ин тарзи таҳлили шуғл бештар ҷузъӣ буда, онҳ танҳо ба номутавозунии нархҳои омилҳо нисбат ба вазифаҳои бозори меҳнат таваҷҷуҳи зиёд медиҳад ва ба таври ғайриқонунӣ фарз мекунанд, ки боқимондаи иқтисод дар асоси фарзияҳои неоклассикӣ амал мекунад [123, с. 15].

**Усули иқтисодии Кинз.** Дар соли 1936 Ҷон Минорд Кинз бо интишори китоби «Назарияи умумии иштиғол, баҳра ва пул» заминаро барои таҳаввули фикрии амиқ ва асосӣ аз лиҳози шинохтани зарурати рушд ва дахолати мустақим ва ғайримустақими давлат дар умури иқтисодӣ фароҳам кард. Дар ин маврид Кенз аз ақоиди худ натиҷа мегирад, ки иқтисоди сармоядории кунунӣ бо камбуди решадор ва пуртаъсир рӯ ба рӯ аст, зеро хароҷоти масрафӣ, умуман, аз хароҷоти масрафии хусусӣ ва хароҷоти давлатӣ барои ҷазби пурраи тавлидоти имконпазир кофӣ намебошад ва вақте ки корфармоён бо ихтиёри худ таносуби ҳаҷми кор ва теъдоди афроди корҷӯйро риоя намекунанд, дар натиҷа бекории ғайрииродӣ ба таври доимӣ вуҷуд хоҳад дошт.

Барои ташкили кор дар доираи талаботи зарурӣ, ҳарчанд ки мавҷуд будани қонунҳои ҳадди ақали дастмузд ва тағйироти қонуни

дастмузд мувофиқи тағйироти нархҳо метавонад хароҷоти, иловагиро ба бор орад, вале чун дар як ҷомеа тамоил ба хароҷот маъмулан собит аст ва дарсади афзоиши масраф аз дарсади афзоиши даромад заифтар аст, бояд барои ташкили талаботи изофӣ тавассути афзоиши манбаи сармоягузорӣ иқдом кард. Дар ин роҳ Кенз ташвиқи сармоягузорӣ хусусиро тавассути имкониятҳо эътибор ва паст кардани нархи фоида тавсия менамояд [152, с. 193].

Аз нуқтаи назари Кейнс, мавҷудияти монополияҳо боиси номукаммал шудани бозори меҳнат мегардад ва аз ин рӯ, дахолати давлат ба иқтисодиётро ҳатмӣ медонанд ва бекориро ба назари онҳо бекории иҷборӣ мешуморанд. Тарафдорони назарияи шуғли классикони нав аз ҷумлаи аввалин гурӯҳҳое буданд, ки интизориҳои оқилонаро ба вуҷуд овардаанд ва боварӣ доранд, ки иттилооти бозори меҳнат пурра нест ва бекории ихтиёрӣ (дар доираи сатҳи табиии бекорӣ) ва бекории фриксионӣ вуҷуд дорад. Неокейнсианиён чунин меҳисобанд, ки бекории маҷбурӣ аз сабаби мавҷудияти мушкилот дар коҳиши нархҳо ва музди меҳнат вуҷуд дорад [141, с. 9-27].

Доктор Ғ.А. Тавассулӣ бар ин бовар аст, ки бекории мавҷуд комилан ба вазъи иқтисодӣ ва таҳаввулоти даҳсолаи ахир марбут нест; Баръакс, як қисми он натиҷаи вазъи асосии иқтисод ва сохтори умумии он мебошад [148, с. 73].

Бархе бар ин боваранд, ки бо амалисозии банақшагирӣ рушд ба пайдо мешавад ва нишонаи он ободӣ ва аз байн рафтани бекорӣ ва ғайра хоҳад буд.

Дар кишварҳои ҷаҳони сеюм тамоили рушд бо фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ҳамроҳ нест ва омилҳое ба мисли сохтори иқтисодию иҷтимоӣ, тарзи банақшагирӣ ва татбиқи онҳо, муҳимтарин манбаи тафовути даромад ва сатҳи зиндагӣ дар шаҳрҳо ва деҳот муҳим тарин дониста мешаванд [82, с. 6].

Таваҷҷуҳ ба бахшҳои иқтидори баланди иқтисодӣ бо мақсади фароҳам овардани ҷойҳои корӣ роҳи ҳалли раҳоӣ аз бекорӣ мебошад. Муроҷиат кардан ва диққат додан ба бахшҳои иқтисодиёт, ки қобилияти ба вуҷуд овардани дараҷаи баланди шуғл доранд, калиди асосии ҳалли муаммои шуғл мебошад.

Таваҷҷуҳ ба сохтмони манзил ва лоиҳаҳои сохтмон, саноати технологияҳои иттилоотӣ, саноати автомобилӣ, сайёҳӣ ва табиатшиносӣ, рушди паймонкориҳои умумӣ ва энергетика аз ҷумлаи муҳимтарин бахшҳо мебошанд.

Агар ба таълимоти мактабҳои гуногуни иқтисодӣ дар бораи музди меҳнат назар афканем, классикхо чунин мешуморанд, ки дар ҷамъият қувваи корӣ ҳар қадар зиёд бошад, музди меҳнат ҳамон қадар кам мешавад. Онҳо изҳор доштанд, ки музди меҳнат дар муддати тӯлонӣ дар сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ доимӣ боқӣ мемонад, аммо дар муддати кӯтоҳ, агар музди меҳнати бозор аз музди зикршуда зиёдтар бошад, таблиғи меҳнат зиёд мешавад. Аммо тафовути куллии нуктаи назари Маркс аз назарияи иқтисоди классикӣ дар он аст, ки сухан дар бораи музди кор меравад. Мувофиқи ақидаи Маркс, дараҷаи музди кор дар системаи сармоядорӣ дар ояндаи дур сатҳи камтарини иқтисодӣ муқаррар карда шудааст ва нуктаи муҳимми ақидаи Карл Маркс баррасии қувваи коргарӣ ва нақши коргар дар офаридани арзиш мебошад. Маркс тамоми арзиши офаридашударо ба қувваи корӣ нисбат медиҳад ва ба сармоя саҳм намегузорад, зеро вай сармояро ғайр аз меҳнати кристаллшуда (забтшуда) чизе намедонад, ки дар давраҳои гузашта иҷро шудааст.

**Анвоъи бекорӣ.** Бекорӣ бо назардошти омилҳои он анвоъи мухталиф дорад, ки ба таври мухтасар баъзе аз онҳоро зикр мекунем:

**Бекории иродӣ:** Ба таври умумӣ бекорӣ ба ду навъ: бекории иродӣ ва бекории ғайриирoдӣ тақсим мешавад.

Бекории иродӣ афродеро фаро мегирад, ки барои онҳо коре вуҷуд дорад, вале ба умеде, ки дар оянда битавонанд шуғли беҳтаре пайдо кунанд, шуғли мавҷудро интихоб намекунанд. Барои мисол, як коргар ҳамеша мехоҳад, то коре пайдо кунад, ки маоши беҳтар дошта бошад, аммо агар маоши корҳои мавсиме фаслӣ барои вай ба ҳадде набошад, ки заминаи бартарии як корро бо кори дигар барои вай эҷод намояд, дар чунин вазъият фард ба таври иродӣ бекор аст ва амалан худ яке аз шуғлҳои мавҷудро интихоб накардааст. Бекории фаслӣ ва бекории истикокӣ-бархурдӣ ду шакли муҳимми бекории адворӣ-навбатӣ, даврaӣ маҳсуб мешавад.

**Бекории мавсимӣ.** Бекории мавсимӣ, бекориест, ки ба далели коҳиши ҳаҷми фаъолият дар як фасли хос иттифоқ меафтад. Ин навъи бекорӣ шабеҳи бекории даврaӣ аст, аммо як тафовути муҳим дорад. Онро танзим ва пешбинӣ кардан мумкин аст. Барои намуна, касоне, ки ба фаъолияти боғбонӣ ва зироат ва баъзе шуғлҳо дар фасли гармо машғул ҳастанд, дар фасли сармо бекор мемонанд. Замоне ки як коргар шуғлеро интихоб мекунад ва медонад, ки дар муддати хос қобили анҷом аст ва дар фасли дигар бекор хоҳад шуд. Агар ӯ корро бо хоҳиши худ интихоб карда бошад, тибқи тақсимбандии анвоъи бекорӣ, мудати бекории вай дар фасли бекорӣ аз навъи бекории иродӣ маҳсуб мешавад.

**Бекории истикокӣ-бархурдӣ.** Бекории истикокӣ марбут ба ҳолатест, ки иттилоот дар бозор комил набошад. Дар шароите барои тамоми корҷӯён мумкин аст кор вуҷуд дошта бошад, аммо ба далели камбудии иттилоот корҷӯён аз он бехабаранд ва ба он дастрасӣ надоранд.

Коргарон дар ҷустуҷӯйи кор ва корфармоён ба дунболи коргар ҳастанд, бо гузашти замон иттилооти ҳар ду тараф афзоиш меёбад. Дар замоне, ки иттилооти ду тараф комил нашудааст, истихдоме (корфармоӣ, ба кор гирифтан) анҷом намешавад ва ба иборате ба далели сарфи вақт барои ҷустуҷӯйи корфармоии муносиб ин бекорӣ ба вуҷуд меояд. Ин як

воқеият аст, ки дар муддати кутоҳ фарде наметавонад зуд соҳиби кор шавад шавад ва дар ин муддат бекор мемонад.

Мавридҳои дигаре дар бекории истикокӣ-бархурдӣ вуҷуд доранд ва он марбут ба интиқоли коргарон байни шуғлҳо аст. Дар чунин ҳолат агар коргарон эҳсос кунанд, ки дар коргоҳи дигаре дастмузди болотаре ба онҳо пардохт мешавад, мумкин аст шуғли феълии худро раҳо намуда, ба дунболи шуғли нав бираванд. Бекории фард дар ҳудуди фосилаи байни раҳо кардани шуғли пештара ва ба даст овардани кори нав, навъи бекории истикокӣ-бархурдӣ аст ва чун фард ба таври иродӣ дар ин муддате бекор шудааст, бекории вай навъи бекории иродӣ маҳсуб мешавад.

Ба ҳолати бекории истикокӣ-бархурдӣ-рақобатӣ талабот, теъдоди шуғлҳои холӣ ва теъдоди когарони бекор таъсири зиёд мерасонад. Бекории истикокӣ вобаста ба он ки теъдоди шуғлҳои холӣ баробари теъдоди талабгорони он аст,аз дигар анвои бекориҳо фарқ мекунад [98, с. 97].

**Бекории ғайрииродӣ:** Бекории ғайрииродӣ ҳолатест, ки фард тавоноии анҷоми корро дорад ва ҳамчунин майлу рағбат барои анҷоми кор низ дар вуҷуди ӯ ҳаст, аммо дар ҷомеа шуғле барои вай вуҷуд надорад.

Байни бекории иродӣ ва бекории ғайрииродӣ фосилаи каме вуҷуд дорад. Бинобар ин, агар дар ҷомеа шуғли муносибе барои як муҳандиси механик вуҷуд дошта бошад ва муҳандис аз уҳдаи иҷрои он метавонад бароящу лекин ба он машғул намешавад, дар зумраи бекорони иродӣ қарор мегирад, вале агар шуғли номуносибе бо вазъият ва тахассуси худ интихоб кунад, агарчи зоҳиран бекор нест, аммо амалан бекор маҳсуб мешавад ва бекории вай як навъ бекории пинҳон аст, чаро ки аз тамоми тавон ва тахассуси шахсии ӯ дар тавлиди маҳсулот ва хадамот истифода намешавад. Бекории даврӣ, навбатӣ ва бекории сохторӣ ду шакли муҳимми бекории ғайрииродӣ маҳсуб мешаванд.

**Бекории адворӣ (даврӣ).** Аввалин ва муҳимтарин шакли бекориҳо бекории адворӣ аст. Бекории адворӣ навъи бекориест, ки ба далели коҳиши сатҳ ва ҳаҷми фаъолиятҳои иқтисодӣ ва ба ҳам хӯрдани механизмҳои танзимкунандаи иқтисод ба вуҷуд меояд. Иқтисод дар масири худ бо нишебу фарозиҳои зиёде аз лиҳози равнақ ё касодии фаъолият рӯ ба рӯ аст. Дар ҷараёни буҳрони иқтисодӣ истеҳсоли миллӣ коҳиш меёбад, ки маҳсули ин коҳиш, коҳиши ҳаҷми фаъолияти бунгоҳҳои истеҳсолӣ аст ва аз ин лиҳоз талаботи корфармоён барои неруи кор коҳиш меёбад, чун коргарон бидуни ирода бекор мешаванд, ин бекории адвории фард дар зумраи бекории ғайриихтиёрӣ қарор мегирад [35, с. 198].

**Бекории сохторӣ.** Ин бекорӣ намоёнтарин намунаи бекории ғайриихтиёрӣ аст. Бекории сохторӣ ба далели тағйир дар шакли маҳорат ва технологияи истеҳсоли маҳсулот ва хадамот ба вуҷуд меояд.

Ба ибораи ба далели тағйир дар сохторҳои иқтисодӣ бекории сохторӣ ба вуҷуд меояд ва ё ба таври дигар, сохтор вобаста ба талабот барои неруи кор тағйир мейбад. Барои мисол, агар системаи як ширкат ё корхона компютерӣ шавад, танҳо касоне, ки давраҳои лозимро тай намудаанд ё тай кунанд, метавонанд ба кор машғул шаванд.

Ба гунаи дигар метавон баён дошт, ки бекории сохторӣ дар бозорҳое ба вуҷуд меояд, ки онҳо барои шуғлҳои вижа бо маҳорати хос ташкил шуда бошанд, ки рақобат байни муносибатҳои корӣ ва коргарон дар чунин бозорҳо вуҷуд дошта бошанд ва монеаҳои иртиботи байни коргарон ва муносибатҳои корӣ ба гунае бошад, ки дар муддати кутоҳ ва ҳатто дар мавридҳое низ дар муддати дароз бартараф нагарданд.

Бинобар ин, ҳатто дар шароити муътадил ҳам мумкин аст бекории бисёре ҳамзамон бо фурсатҳои шуғлии фаровон вуҷуд дошта бошад.

Бекории сохторӣ мумкин аст ба чанд далел сурат бигирад. Масалан, давлатҳо бо таваҷҷуҳ бо қонуни ҳадди ақали маош, ҳаҷми маош болотар аз ҳадди эътидол таъйин кунанд, ки ҳолатҳои умумии

тағйиротро дар таркиби неруи кор баррасӣ намояд. Ҳамчунин интиқоли неруи кор байни минтақаҳои мухталиф метавонад заминаҳои пайдоиши бекории сохториро фароҳам созад [136, с. 54].

**Бекории технологӣ.** Тараққиёти технологӣ дар ҷомеаҳои пешрафта истилоҳи шинохташудаест ва дар фарҳанги иқтисодии кишварҳои мазкур ҷой гирифтааст ва имрӯз қисмате аз бекориҳои маъмулро бидуни шакку шубҳа ба он нисбат медиҳанд.

Ин бекорӣ имконоти корёбии афродро паст намуда, ҷазби навбатии бекоронро ба фаъолиятҳои саноатӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ менамояд. Масъала ин аст, ки то кадом андоза даъвоҳои қаблан зикршуда воқеият доранд, оё дуруст аст коргароне, ки дар асари истифода аз мошинҳои комилтар бекор мегарданд, барои ҳамеша эҳтимоли шуғли худро дар саноатҳои марбута аз даст медиҳанд [138, с. 43].

Тағйирот ва тараққиёти фанниро усулан, ба се даста тақсим менамоянд:

А) тағйироте, ки муҷиби пайдоиши васоити ҷадиди истеҳсол мегарданд;

Б) тағйироте ки сабаби тавлиди маҳсулоти ҷадид мегарданд;

В) тағйироте ки ҳам васоити ҷадиди истеҳсол мегарданд ва ҳам истеҳсоли маҳсулоти навро таъмин мекунанд. Дар ин баҳс таваҷҷуҳ бештар ба он тағйироти фаннӣ дода мешавад, ки ба ҳар сурат сабаби камшавии шуғлҳо гардида, теъдоди коргаронро мувофиқи воҳиди истеҳсол поён меоварад ва дар натиҷа боиси афзоиши бекории ғайриирodӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои мубориза бо тағйироти фаннӣ интиқоли коргарони бекор ба дигар шуғлҳои ҳамон коргоҳ аст ва маъмулан ин интиқол ба қисматҳое сурат мегирад, ки таҳти таъсири тағйирот қарор нагирифтаанд. Коргоҳе, ки маъмулан аз тараққиёти фанӣ истифода мебарад, он чунон коргоҳест, ки бо камбудии коргар рӯ ба рӯ аст ва

ҳамчунин ин қабил корхонаҳо, коргоҳҳое ҳастанд, ки бо вусъат ва гуногунӣ доштан, метавонанд дар қисматҳои мухталиф коргарони бекоршуда аз дигар қисматҳоро ҷо диҳанд [135, с. 251].

**Иллату омилҳои бекорӣ:** Дар маҷмуъ, бекорӣ дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди қувваи корӣ ё кам шудани талабот ба қувваи корӣ ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ ҳар омиле, ки пешниҳоди қувваи кориро зиёд мекунад ё талаботро ба қувваи корӣ кам мекунад, метавонад боиси бекорӣ гардад. Бинобар ин, ҳар омиле ки боиси афзоиши талабот ба неруи корӣ ва ё коҳиши он гардад, метавонад бекориро эҷод кунад ё афзоиш диҳад. Коҳиши талаботи куллӣ метавонад пешбинии вазъи бади бозор, коҳиши боварии харидор ва ё коҳиши хароҷоти давлат бошад. Ин коҳиш ба тадриҷ истеҳсолкунандагонро ба коҳиши талабот барои кор моил мекунад ва аз таъсири он мувозинати байни истифода ва талабот барҳам хӯрда, боиси харобу вайрон шудани ҷазби неруи корӣ мешавад, ки дар натиҷа бекориро афзоиш медиҳад, аммо агар ҳамзамон истифода ва талабот ба корӣ афзоиш ё коҳиш ёбад, вазъи бекорӣ тағйироти назаррас рӯ ба рӯ намегардад. Омилҳое монанди афзоиши ҷомеа, кутоҳ шудани муҳлати таҳсил, афзоиши Баланд бардоштани сатҳи иштироки занон (ба хусус дар кишварҳои рӯ ба инкишоф), вуруди зудҳангоми неруи корӣ ба бозори кор ва муҳоҷирати неруи корӣ ба дохили кишвар боиси афзоиши талабот ба неруи корӣ шуда метавонад, дар ҳоле ки коҳиши истифода аз технологияи сармоябар, коҳиши сармоягузорӣ, буҳронҳо ва ҳодисаҳое, ки дар натиҷаи онҳо фаъолиятҳои иқтисодӣ маҳдуд ва коҳиш ёбад, заминаҳои коҳиши талабот барои неруи кориро ба миён оварда, бекориро шиддат мебахшад.

Барои фард аз даст додани шуғл ба маънои он аст, ки фард ба сурати иҷборӣ аз кор барканор ё ихроҷ шавад. Дар ин замина бояд тадбирҳои зарурӣ барои эҷоди фурсатҳо ва имконоти шуғлзо андешида шаванд [34, с. 170].

**Омилҳои иқтисодии бекорӣ.**

- **Камии сармоя:** чун сармоя яе аз омилҳои муҳимми истеҳсолот аст, аз ин рӯ, маҳалли кор ба мавҷудияти сармоя иртибот дошта, маҳдуд будани сармоя боиси корфармоии ноқис ё бекорӣ мегардад.

Дар мамолики ақибмонда ва рӯ ба инкишоф аксаран бекорӣ дар заминаи камии сармоя ба вуҷуд меояд. Чун дар ин гуна мамолик бозгашти афрод кам аст, аз ин рӯ, пас, андоза, ки боиси сармоягузорӣ шавад, низ маҳдуд мебошад. Ҳамчунон дар кишварҳои ҷаҳони савум аз нигоҳи набудани неруи инсонӣ дар баъзе аз риштаҳои техникӣ ва маслакӣ бекорӣ мавҷуд мебошад, албатта дар риштаҳои ғайритахассусӣ талабот зиёд аст, дар ҳоле ки ба он ниёзе вуҷуд надорад.

-**Маҳдудияти хароҷот:** яке аз иллатҳои дигари бекорӣ маҳдудияти хароҷот мебошад. Ин маҳдудият хоҳ бо сабаби камии талаботи афрод ва хоҳ бо сабаби афзоиши фисади пасандоз аз натиҷа бошад ҳам, аз асари он талабот ба моводи истеҳсолшуда паст гардида, дар натиҷаи он хоҳиши сармоягузорӣ кам мешавад ва ин амр сабаби корфармоии нопурра ё бекорӣ мегардад. Дар ин ҷо вазифаи иқтисоддонони сиёсист, ки як мувозинати маъқулро дар сиёсати молӣ ва пулӣ байни хароҷоти пасандоз ва сармоягузорӣ барқарор созанд, то талаби хидмат пурра таъмин гардад. Бар илова набудани сохтани зербиноҳо, истифодаи нодуруст аз манбаъҳои пулӣ, сиёсат иқтисодии нодурусти давлат ва ғайра аз омилҳои бавуҷудоварандаи бекорӣ ба шумор меравaнд.

-**Омилҳои сиёсӣ.** Набудани ҳокимият ва татбиқи қонунҳо ва ё назорати заифи онҳо барои ҷилавгирӣ аз фаъолиятҳои иқтисодии ғайриқонунӣ ва манфӣ, набудани қонунҳои муассисаҳое ки ҳуқуқи корро барои афроди ҷомеа таъмин намояд ва кафолат диҳад ва ҳам мавҷудияти фасод дар идороти давлатӣ ва ғайра аз омилҳои сиёсии бавуҷудоварандаи бекорӣ мебошанд.

-**Омилҳои иҷтимоӣ.** Сатҳи пасти мавҷудияти таълиму тарбия ва тахассус, афзоиши аҳолӣ, табъиз, пиршавии афрод, ҷинс, нажод, қавм ва ғайра аз ҷумлаи омилҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳастанд, ки боиси бекорӣ дар як ҷомеа мегарданд.

Омилҳои бекорӣ дар Афғонистон ба ду гурух- (дохилӣ ва хориҷӣ) тақсим мегарданд:

**Авомили дохилии бекорӣ дар Афғонистон.**

- афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ, набудани шароити кор;
- паст будани сатҳи маҳоратҳои корӣ;
- набудани заминаҳои кор;
- тамаркузи бештари неруи корӣ дар пойтахт ва маркази шаҳрҳои бузурги Афғонистон;
- паст будани музди меҳнат, ба хусус, дар сектори давлатӣ;
- набудани фаъолияти иқтисодӣ дар аксари вилоёти кишвар, бахусус манотиқи ноамн ва дурафтодаи кишвар;
- набудани сиёсатҳои муносиби ниҳодҳои давлатӣ ва дар бештари маворид набудани татбиқи дурусти сиёсатҳо;
- мавҷудияти фасоди идорӣ;
- истифодаи нодурусти кумакҳои байналмилалӣ, ба хусус, дар барномаҳое, ки заминаи эҷоди кор дар он вуҷуд дорад;
- ноқис будан ва набудани дастрасӣ ба маълумот дар мавриди фурсатҳои шуғлӣ барои хоҳишмандони кор;
- коҳиши сармоягузориҳо дар бахшҳои истеҳсолӣ ва хидматӣ бинобар иллатҳои мухталиф;
- ҳоким будани фарҳанги номуносиб дар ҷомеа ва эҷоди маҳдудиятҳо дар баробари шуғли занон;
- ба назар нагирифтани тахассус дар корҷӯйии афрод, ба хусус дар мақомоту мансабҳои баланди давлатӣ;

- кор кардани теъдоде аз афрод бо маоши баланд дар вазифаҳои қаблӣ ва қаноат накардан бо маоши пасттар дар вазифаҳои пешниҳодшуда;

**Авомили хориҷии бекорӣ дар Афғонистон.**

- вуруди неруи кории хориҷӣ (мутахассис ё ронандагон);

- вуруди неруи кории хориҷӣ (мутахассис ва ё ронандагон бо маҳорати бештар) аз кишварҳои хориҷӣ, ба хусус, кишварҳои ҳамсояи Афғонистон;

- коҳиши сармоягузориҳои хориҷӣ, ба хусус, дар солҳои охир бинобар далелҳои мухталиф;

- коҳиши фаъолиятҳои муассисаҳои байналмилалӣ дар асари наздик шудани соли 2014;

- вуруди амволи хориҷӣ, ки боиси муфлис шудан ва ё касодӣ ва манъ гаштани фаъолиятҳои истеҳсолӣ дар кишвар шудааст [81, с. 8-10].

Чунин ақидаро муаллифи рисола баён кардааст: Афғонистон яке аз кишварҳои ақибмондаи ҷаҳон аст, ки нисфи аҳолиаш фақиру бенавост. Аз ин лиҳоз, мардуми ин сарзамин дар ҳолати осебпазирӣ қарор доранд ва як тағйироти манфии нисбатан хурд метавонад боиси поинтар рафтани зиндагии мардуми камбағалу бенаво гардад. Дар ҳоли ҳозир аксарияти аҳолии Афғонистон камбағалона умр ба сар мебаранд ва аксари онҳо осебпазиранд. Дар баробари дигар омилҳои асосӣ дар ин замина, бекорӣ низ вуҷуд дорад ва бекории нопурра дар мамлакат, ки ба проблемаи васеъ мубаддал гаштааст. Метавон гуфт, ки аз сабабҳои асосии он мавҷуд набудани сектори хусусии фаъол ва динамикӣ мебошад.

Аз як тараф, сатҳи пасти сармоягузорӣ барои роҳандозии лоиҳаҳои бузургу бунёдӣ ва аз тарафи дигар, камтаваҷҷуҳӣ ба рушди саноат ва кишоварзӣ, ки имкони шуғли васеъ фароҳам оварда метавонад, нақши бахши хусусӣ ( бахшҳои хусусӣ) дар эҷоди шуғл заиф

аст. Дар давоми даҳсолаи охир сармоягузориҳое бештар ба соҳаҳои хизматрасонӣ ворид карда шудаанд, ки ҷойҳои кории камтар ташкил мекунанд ва ҷойҳои кории таъсисдодашуда асосан, ғайридоимӣ мебошанд. Аз тарафи дигар, омилҳое, аз қабили афзоиши аҳолӣ ва имкониятҳои маҳдуди шуғл (ё аз сабаби маҳдуд будани фаъолияти иқтисодӣ ва ё бо сабаби афзоиши пасти онҳо, ё ҳарду), истифодаи усули нави истифода бурдани технологияи нав ба ҷойи сармоя, таълиму тарбия бо назардошти талаботи ҷомеа, муайян кардани сатҳи музди меҳнат новобаста ба ҳосилнокии меҳнат ва дигар омилҳо боиси тезу тунд шудани бекорӣ дар Афгонистон мегарданд, ки кишоварзӣ манбаи асосии рӯзгори мардум буд. Онҳое, ки ба кишоварзӣ машғуланд, маълумоти расмӣ нагирифтаанд ва қобилияти хондану навиштан надоранд. Ҳамчунин, дар солҳои охир ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ хеле кам шудааст ва хушксолӣ шиддат меёбад. Дар баробари ин, ҳиссаи ин бахш дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ коҳиш меёбад, бинобар сабаби маҳдуд будани захираҳо, шаҳракҳои хурду деҳот қудрати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ надоранд, муҳоҷират мушкили бекориро дар шаҳрҳо рӯз то рӯз шадидтар мекунад.

## 1.2. Намудҳои депрессия ва алоқамандии одамони гирифтори депрессия ба муҳити зист

депрессия халалпазирии зудгузар ё давомнокӣ системаи асаб, ки ба сурати як унсури баданӣ (дарди сар, хастагӣ, беиштиҳоӣ, бехобӣ, қабзият, коҳиш ё болоравии фишори хун ва ғ.) ва як унсури равонӣ (эҳсоси ба поён расидани нерӯ, нотавонӣ, ғамгинӣ ва ғ.) намоён мешавад. Дар воқеъ депрессия маҷмуае аз ҳолатҳои мухталифи руҳӣ ва равонӣ аст, ки аз эҳсоси сабуки малол то сукут ва дурӣ аз фаъолияти рӯзмара зоҳир мешавад. Барои бемории депрессия ҳеҷ иллати қатъӣ ва равшанеро

наметавон тасаввур кард, дар баъзе мавридҳо як зиндагии пур аз стресс метавонад боиси депрессия шавад ва дар баъзе мавридҳои дигар иллат комилан ба шахсияти фард марбут аст. Ба таври умумӣ ба назар мерасад, ки депрессия бидуни як иллати муайяну мушаххас ва ба таври худ ба худӣ рӯй медиҳад [25, с. 11].

Депрессия аз замонҳои бисёр дур дар навиштаҳо ва тавсифҳое аз он чи мо имрӯзҳо вайроншавии хулқӣ мехонем дар бисёре аз осори тибби қадим вуҷуд дорад. Достони «Аҳди таҳқиқ»-и шоҳ Соун ва достони худкушии Ожокс дар «Илиадаи Ҳомер» ҳарду як синдроми депрессияро тавсиф кардаанд, ҳудуди соли 450 қабл аз мелод, Буқрот (Гипократ) истилоҳи «меланхолик»-ро барои тавсифи депрессия равонӣ ба кор бурдааст.

Буқрот (Гипократ) (460-357 пеш аз мелод) пизишки бузурги юнонӣ ки «падари пизишкии ҷадид» номида шудааст, дахолати Худоён ва девҳоро дар эҷоди бемориҳо рад кардааст. Бар асоси назарияи ҷисмонӣ иллати бемориҳои равонӣ парешонӣ дар аъзои мухталифи бадан, ба хусус, мағз аст. Буқрот муътақид буд, ки мағз фармондеҳи бадан аст ва бемориҳои равонӣ марбут ба ихтиллоли равонӣ дар он аст.

Ҳамчунин Буқрот иллати ихтиллолоти равониро набудани эътидоли моддаҳои мизоҷӣ (сафро, савдо, хун, балғам) медонист. Ӯ мағзро муҳимтарин узви бадан ва таъбиркунандаи иттилооот тавсиф мекард ва пеш аз ӯ мисриён қалбро асоси ҳаёти равонӣ ва ҳаяҷонӣ медонистаанд. Буқрот ва пайравонаш ба далели ташхис ва дармони бемориҳои равонӣ шухрати хоссае ёфтаанд. Буқрот таъкид намуд, ки ихтиллолоти равонӣ сабабҳои табиӣ дошта, мисли дигар бемориҳо ба дармон зарурат доранд. Равишҳои дармонии вай истироҳат кардан, ҳаммом гирифтан ва дастури ғизоии хос буд.

Афлотун (429-347 п.м.) масоили марбут ба афроди ошуфтаи равониро, ки муртакиби қатл мешуданд, мавриди баррасӣ қарор дод ва ошкоро изҳор дошт, ки ин афрод масъули ҷиноёти хеш нестанд ва

набояд ба онҳо ба он гуна, ки бо дигар ҷинояткорон рафтор мешавад, рафтор намуд. Ӯ рафтори ҳар фардро натиҷаи дудилагӣ байни далелҳои мантиқӣ ва ҳаяҷон медонист ва бар хилофи касоне, ки иллати рафтори ноҳинҷор (номутаносиб, announcing нописанд)- ро баданӣ медонистанд, бар неруи тафаккур таъкид мекард ва изҳор медошт, ки ин ҳолати шахс танҳо воқеияти ҳақиқии вуҷуди инсон аст. Вай ақида дошт, ки рафтори инсон таҳти нуфуз ва тасаллути ниёзҳо ва ғаризаҳои бадании вай аст.

Арасту (384-322 п.м.) гарчанде шогирди Афлотун буд, вале дар баъзе масъалаҳо ба ӯ пайравӣ намекард ва ақидаи хосси худро дошт. Ӯ бештар ақоиди Букротро пайравӣ мекард дар бораи мизоҷҳои чаҳоргона ақида дошт, ки мизоҷҳои гарм сабаби тамоилоти ошиқона ва сергапӣ мешаванд ва низ унсури такондиҳандаи инсон ба худкушӣ ҳастанд. Ӯ дар бораи далелҳои мантиқӣ ва иттилоот матолиби зиёде навишта, ҳолатҳои ҳаяҷонӣ ва ангезиш, аз қабили тарс, хашм, ҳасодат, нафрат, шуҷоат, шафқатро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод. Арасту дар бораи лаззат ва алам (ранҷ, азоб, дард) мафҳумҳоеро мавриди истифода қарор дод, ки бо усул ва ақоиди Фрейд ва пайравонаш монанд буд.

Дар ҳудуди 100 сол қабл аз мелод Корнелиус Силсус дар китоби «Demedicina by Alexander lf Trelles» аз сафрои сиёҳ пайдо шудани депрессияро муаррифӣ намуд. Ин истилоҳро пизишкони дигар, аз ҷумла Ҷолинус (Гален) низ ба кор бурдаанд. Ҳамин тавр, кори табибон аз қарни 6 дар асрҳои миёна дар мамлакатҳои исломӣ равнақ дошт. Александр Тароз, Абӯбакри Розӣ ва Ибни Сино аломатҳои молихулиёро ҳамчун нуқсони равонӣ ва бемории мушаххас меҳисобиданд. Баъзе ҳунармандони бузурги замон низ меланхолик будаанд [83, с. 84].

Дар соли 1686 Буна навъе бемории равониро тавсиф намуд ва онро «Lanxholicus Maniacome» номид. Дар соли 1854 Жюл Фалре ҳолатеро тавсиф намуда, онро ҷунуни даврӣ номид. Чунин беморон оҳиста оҳиста ҳолатҳои рафтори депрессияро нишон медиҳанд. Тақрибан, дар ҳамон замон як равонпизишки фаронсавӣ бо номи Жюл Байярже ҷунуни

душаклиро шарҳ дод, ки дар он бемор дучори депрессия амиқе мешавад, ки ба ҳолати тааҷҷуб, ҳайратзадагӣ, хирагӣ, шигифтӣ, оҷизӣ, дармондагӣ афтода ва билохира аз он беҳбуд меёбад [83, с. 99].

Дар соли 1882 Карл Колбам – равонпизишки олмонӣ бо истифода аз истилоҳи «Sycotaimi» девонагӣ, ҷунун ва депрессияро марҳилаҳои мухталифи як беморӣ тавсиф намудааст. Дар чунин вазъият одам ғамгин мешавад, гиря мекунад, аз хӯрокхӯрӣ худдорӣ мекунад, ноумедӣ ва ноумедӣ ҳис мекунад, худро гунаҳкор ва беарзиш меҳисобад, аксар вақт хавотир мешавад, нисбат ба дигарон таваҷҷуҳ надорад ва корашро суст анҷом медиҳад [189, с. 11].

**Депрессия аз дидгоҳи равонков (психоанализ):**

Зигмунд Фрейд – асосгузори психоанализ ақида дошт, ки фарди мубтало ба депрессия як виҷдон ё фавқулмани танбеҳкунандаи қавӣ дорад. Ӯ бар асоси гуноҳ, ки виҷдон сабаби он мешавад амал мекунад. Пояи аксари фарзияҳои равонковӣ марбут ба депрессия гузоришест, ки Фрейд дар соли 1915 таҳти унвони «Изо» - (сабру шикебоӣ ва як навъ депрессия аст, ки баъд аз сугворӣ ё аз даст додани як азиз (шахси наздик) ба вуҷуд меояд) ва «молихулиё» (калимаи юнонӣ аст ва ба маънои андӯҳ, ғам; навъе депрессия аст, яъне инсон ҳамеша эҳсос мекунад, ки зиндагӣ беарзиш аст ва аз чизе лаззат намебарад) ба риштаи нигориш даровардааст. Фрейд мушоҳида карда буд, ки ҳарчанд депрессия бештар тавассути як рӯйдоде ошкор мешавад, бо вуҷуди ин миёни вокунишҳои изои оддӣ ва вокунишҳои сартосарӣ тафовут вуҷуд дорад. Бинобар назарияи Фрейд, депрессия вокунишест нисбат бо нобудӣ, ки бо эҳсоси гуноҳ ҳамроҳ аст. Ин эҳсос ба даруннигарии (Introspection) мавзуъи аздастрафта ва эҳсоси душманӣ нисбат ба худ анҷом меёбад. Аксар низомбандиҳои равонков ва дар меҳвари гузаштаи равобити байнифардӣ ва шахсӣ, ки ӯ дар кӯдакӣ бештарин вобастагиро ба вай доштааст (маъмулан модар) давр мезананд [63, с. 10].

**Назарияи равонпӯйишии (Психодинамикии) депрессия.** Назарияпардозони равонпӯйишӣ бар як иллати депрессия таъкид мекунанд, ки шахси мутаваҷҷеҳи худ шуда барои иззати нафс ва дармондагӣ дар расидан ба ҳадафҳо аз дигарон вобастагии беш аз андоза дорад. Нахустин таҳқиқоти равоншиносӣ дар бораи депрессия тавассути Зигмунд Фрейд ва Карл Абраҳам шуруъ гардид, ҳар ду депрессияро ба унвони вокуниши печида нисбат ба раҳо аз даст кардани чизе тавсиф намудаанд.

Фрейд мақолаи аслии худ дар бораи депрессия, сугворӣ ва молихулиёии ҳар ду навъи депрессияро ба унвони вокунишҳои табии нисбат ба аз даст додани касе ё чизе, ки мавриди азияти фаровон мегарданд, тавсиф кард. Фрейд дар мақолаи худ ба номи «Доғдории молихулиё» ғазаберо, ки шахс эҳсос мекунад, дар эҷоди депрессия асосӣ мешуморад. Фрейд ақида дошт, ки депрессия як руҳияву фазои танбеҳкунанда ё фазои ахлоқии қавӣ дорад [115, с. 88].

Депрессия аввалин тағйироте буд, ки Фрейд иллати аслии онро ба ҷойи тамоилоти ҷинсии омили ҳаяҷон зикр кардааст. Ӯ ақида дошт, ки фарди мубталои депрессия як виҷдони ахлоқии қавӣ дорад, ӯ бар эҳсоси гуноҳ, ки виҷдон сабаби он мешавад, таъкид мекунад [150, с. 94].

Шабоҳату монандии байни депрессияи клиникӣ ва вокуниши тасаллият, таъзият ба далели аз даст додани фарди маҳбуб нуқтаи оғози ин назария буд.

Чун дар ҳар ду маврид нишонаҳои монанд: коҳиши иштиҳо, вайроншавии хоб, лаззат набурдан аз зиндагӣ, гӯшагирӣ, дунёбезорӣ мушоҳида мешаванд.

Нахуст фарди азодор ба иллати нотавонии пазириши мусибат ин гирифтори ғаму андӯҳ мешавад ва чун кӯдак муттако меҷӯяд. Ӯ рӯзгори аздастрафтаро таҳлил карда, зиллати нобудиро бардошт мекунад.

Идомаи ин таҳлил ки ба парокандагии интиқолдиҳандаҳо вобаста аст, ки ба ихтилофи байни дидгоҳҳои «ман» ва «фавқулман» анҷом

меёбад ва эҳсоси кинаю хашм нисбат ба фарди маҳбуби аздастрафта ба сурати кинаи «фавқулман» нисбат ба «Ман» пайдо мешавад. Эҳсоси рафтори манфӣ, худгунагорсозӣ ва канорагирӣ, депрессияро ба бор меорад [45, с. 121].

Дар бештари афроди азодор ин равандҳои бехудона муваққатӣ ҳастанд ва пас аз муддате ҳувийяти онҳо аз нав тоза шуда, равобити иҷтимоияшон барқарор мегарданд. Аммо дар баъзе аз афроди дигар вокуниш нисбат ба набуд бисёр шаддидтар аст. Онҳо эҳсоси хало мекунанд. Аз равобити иҷтимоӣ дурӣ меҷӯянд ва дилмашғулии онҳо нисбат ба эҳсоси нобудӣ беш аз пеш афзоиш меёбад. Гарчи аз ин дидгоҳ шароити барангезонандаи таъзият, тасаллияти депрессия вобаста бар рӯйдодҳои зиндагӣ ҳастанд, бо ин ҳол аз даст додани фарди маҳбуб ё падидаҳои интизоии ивазкунандаи онҳо (Ватан, озодӣ, ормон ва.) дар қисме аз ин вокунишҳои мутафовити Фрейд ва Абраҳам ба тадриҷ шарҳ дода мешаванд [105, с. 234].

**Назарияи Эдвард Биберник.** Эдвард Биберник дар соли 1953 дар мавриди депрессия назарияи ҷолибе баён намудааст. Тафовути назараяи ӯ аз равонковон дар он буд, ки ӯ бештар ба посуххҳои огоҳона ва ба равоншиносии худ эътибор медод, нисбат ба таъорузоти худноогоҳи байни «Худ (Ман)» ва «Фарохуд (Фовқулман)». Ӯ омили аслии депрессияро масъалаи коҳиши эҳтиром ба худ медонад ва маҳрумиятҳои ошкори фард ва интизоротеро, ки дорад, омили эҷоди депрессия медонад.

**Назарияи Александр Луи.** Александ Луи низ депрессияро ҳолати шадиди ғаму андуҳи шахс медонад ва онро монеае меҳисобад, ки баёни хусуматҳои нуҳуфтаро ба иллати надоштани қудрати баён душвор месозад ва эҳсоси тақсир ва гуноҳ низ сахттар мекунад [113, с. 97-98].

**Назарияи Камерон.** Камерон дар соли 1963 дар шарҳу тавзеҳи равонковонаи депрессия онро аз ҷиҳати созгории фард мавриди баррасӣ қарор медиҳад, зеро депрессия механизмҳое дар фарди афсурда эҷод

мекунад, ки тамоси ӯро бо муҳит осон карда ва ӯро аз баргашти комил бозмедорад. Ба ибораи дигар, бемор эҳсоси дармандӣ ва нотавонӣ мекунад ва аз наздиконаш кӯмак мехоҳад, то ба ӯ итминон диҳанд, ки ӯ тавре ки худаш фикр мекунад, дармонда ва нотавон нест [158, с. 40].

**Назарияи депрессияи воқеиятгароӣ.** Пайравони ин назария зимни як баҳсу мунокиша дар мавриди намунаҳои маърифатии депрессия мегӯянд, ки мумкин аст ҳақ ба ҷониби афроди афсурда бошад ва ё шояд мо иштибоҳ мекунем. Ба маънои дигар, шояд депрессия парешонӣ набошад, балки баръакс қазияи табиӣ бошад. Фарзияи депрессия воқеиятгаро (Ҳоҷо ва Бек 1995) таъкид мекунад, ки мумкин аст афроди афсурда воқеан дар арзёбии дунёи хеш дақиқтар аз онҳое бошанд, ки афсурда нестанд. Бархе аз пажуҳишҳои таҷрибӣ ин назарияро дастгирӣ карданд. Барои мисол, афроди афсурда дар мавриди қазовати дигарон дақиқтар аз афроди ғайри афсурда амал карданд [184, с. 13] .

**Солливон** муътақид буд, ки депрессия як раванди харобкор аст, ки ҳама ангезаҳои барқарории равобити созанда бо дигаронро қатъ карда, танҳо шароити харобкориро боқӣ мегузорад.

Афсурдагон ба зиндагӣ дилгарм нестанд, аз тарошидани риш худдорӣ мекунанд, ба ороишгоҳ намераванд, нохунҳои худро кӯтоҳ намекунанд, дандон намешӯянд, ҳаммом намегиранд, ба вазъи худ таваҷҷуҳ намекунанд ва бо идомаи ин вазъ эҳсоси нафрати мардумро нисбат ба худ бармеангезанд.

**Ҷорҷ Кели** депрессияро иллате медонад, ки саранҷом боиси эҳсоси шикаст ва гуноҳ ва хусумату пархошгарӣ дар шахс мешавад. Профессор Орун Ти. Бек дар китоби «Ишқи ҳарза кофӣ нест» мегӯяд: «бахши умдае аз зиндагии ҳирфаии ман ба мутолиаи нақши андеша дар изтироб ва депрессия ва парешонҳолии аз тарс пайдошаванда гузаштааст. Солҳои зиёде афроди парешонро дармон кардам. Дарёфтам ки онон низ монанди дигар беморон афсурда ва музтариб гирифтори парешонии маърифатӣ ҳастанд, зеро шиддати депрессия ба ҳадде набудааст, ки ба

равондармонии хос ниёз дошта бошанд, бештари онҳо ношод, ҳаяҷонзада ва асабӣ буданд. Онҳо ҳам монанди бморони ман бештар ба душвориҳои зиндагӣ таваҷҷуҳ доштанд, нуқтаҳои мусибатро ё намедиданд ва ё қасдан аз дидани онҳо мегурехтанд [74, с. 9-24].

**Назарияи Мелани Клейн.** Мелани Клейн – яке аз назарияпардозони ҳавзаи равонковӣ - муътақид аст, ки депрессия аз тарс пайдо мешавад. Ба ибраи дигар, кӯдак чизеро, ки қаблан бароҳат аз модар мегирифт, ҳоло наметавонад бигирад ва тарс ҳам мумкин аст яке аз омилҳои депрессия бошад, ки ба суратҳои гуногун ҷилва мекунад. Монанди тарс аз мактаб, аз як шахс ё як мавриди мушаххас, ки дар кӯдакони афсурда мушоҳида мешавад ва эҳсоси беарзишӣ дар баъзе аз афсурдаҳо вуҷуд дорад [114, с. 24].

Равоншиноси муосири англис Миллер мегӯяд: «депрессия монанди факр ҳамеша бо мост, ҳамаи мо маънои ғам ва депрессияро медонем, чаро ки гоҳу ногоҳ дучори ранҷ шудаем. Ноумедӣ дар ишқ, марги волидайн, номуваффақӣ дар шуғл ва бисёре аз масоили дигар боиси андӯҳи мардум шудааст, ки дар бемории депрессия низ нуқтаи шуруъ ҳамин мавридҳо шуморида мешаванд. Мутахассисон дербоз аз робитаи байни ҳаводиси зиндагӣ ва мушкилоти он ба дучоршавии бемории депрессия пай бурдаанд» [167, с. 202].

**Депрессия аз дидгоҳи рафторгароён.** Рафторгароён тибқи одат депрессияро бо набудани беҳбудиҳо алоқаманд донистаанд. Ба назари онҳо шахсе, ки худро аз мавридҳои мусбат, чи ҷисмонӣ ва чи иҷтимоӣ маҳрум мебинад, афсурда мешавад ва ин амр коҳиши фаъолиятро ба дунбол меоварад, ки худ ба коҳиши тозае дар мизони тақвиятҳо анҷом меёбад. Ин пайвастагӣ ҳамчунон идома меёбад, то ҷое ки бемори афсурда худро дар як доираи бардурӯғ маҳдудшуда эҳсос мекунад.

Аз диди дигар, назарияи рафторгароӣ «натиҷаи пешбинишуда»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, яъне фард дар чӣ ҳадде худро қодир ба истифодаи заруроти мавриди ниёз мебинад . Назарияи мавсум пайгирии

масир бо имконоти посух депрессияро чунин баён мекунад, ки шахс худро дар муҳити неруҳои бегона эҳсос мекунад (инсонҳо ё неруҳои муҳити зист) ё хаёл намекунад, ки худи ӯ танҳо масъули ризоятҳоест, ки ба даст меоварад [9, с. 24].

**Депрессия аз назари маърифатӣ.** Чунин депрессия дар асоси яке аз назарияҳои пешниҳодшуда дар сатҳи васеъе бар пояи як сегонаи маърифатии манфӣ (муташаккил аз се омил) устувор аст. Мавзуи аслии ин сегона дар доираи тасаввуроте созмон меёбад ки инсон: 1- аз худ, 2- аз дунёи хориҷ, 3- аз оянда дорад ва фарди афсурда тамоми вақт дар ҳоли гирифтории ҷанбаҳои манфии он аст. Ин тасаввуроти манфӣ фардро ба унвони боздорандае ки ҳамеша вориди тахайюл аст, муаррифӣ мекунанд. Хусусияти ин навъ тафаккур зиёдаравӣ дар умумиятдиҳӣ аст ва ин яке аз хусусиятҳоест ки Аирон Бек дар тафаккури афроди афсурда ёфтааст [158, с. 35].

**Депрессия аз нигоҳи иҷтимоӣ.** Ҳангоме ки мехоҳем аз ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва байнифардии депрессия сухан ба миён оварем, аввалин номе ки ба назарамон мерасад, номи Солливон аст. Ба ақидаи Солливон шахсияти мо то андозаи зиёде ба «худбозёбӣ» - мафҳуме ки ӯ аз Ҷорҷ Ҳерберт иқтибос кардааст, вобаста аст. Бар асоси ин мафҳум мо майл дорем худро дар оинаи чашмони дигарон бубинем ва худро дар вокунишҳои онҳо ва дар кунишҳои мутақобилашон нисбат ба мо бозёбем, агар вокунишҳои онҳо ҳамеша мусоид бошад «тасвири бозтобӣ»-и хубе аз худ хоҳем дошт, аммо баръакс агар вокунишҳои онон номусоид бошанд, пайгирии биношуда «тасвири бозтобӣ»-и мо аз худамон манфӣ хоҳад буд. Ин мафҳум иззати нафс , ки ба пояи идроки мо аз идроки дигарон устувор аст, фарогири ин маъност, ки ҷиҳатгирии тамоми рафторҳои мо тобеъи аз «дигаре умумият ёфта» аст, чи ҳозир бошад, чи ғоиб [62, с. 30].

Бехобӣ, бахусус, бехобии охири шаб аломати умумии депрессия аст. Беиштиҳоӣ ва коҳиши вазн ё лоғаршавӣ низ аз нишонаҳои асосии

депрессия шуморида мешаванд. Тағйироти шабонарӯзии рафтор ба сурати шиддат ёфтанӣ нишонаҳо (дарду ранҷҳо) ҳангоми субҳ маълум аст шикоятҳои доимӣ аз дарди сар, камардард, қабзият, бидуни иллати ошкор гоҳе бо депрессия робита доранд. Фикри худкушии такроршаванда низ аз муҳимтарин нишонаҳои депрессия аст ва ба таваҷҷуҳи ҷиддӣ ниёз дорад [15, с. 67].

Ду мушаххаскунандаи асосии депрессия ноумедӣ ва ғамгинӣ аст. Фард шикасти ваҳшатнокеро дар худ эҳсос мекунад, наметавонад худро идора кунад. Бештар депрессия бо ғамгинӣ иштибоҳ мешавад, дар ҳоле ки ғамгинӣ бо сабабҳои мухталиф дар ҳолатҳои алоҳида ва гуногун рух медиҳад. Ғамгинӣ ба неруи маънавии фард рахна камтар мезанад, аммо дар депрессия кайфияти хулқ дар шахс таъсири амиқ гузошта, дарки ӯро нисбат ба худ ва муҳити атрофаш дигаргун мекунад [24; 70].

**Рӯйкардишинохтии Бек.** Аарон Бек (1921) равонпизишкест, ки шинохтдармониро ба унвони дармоне барои афроди афсурда муайян намудааст ва имрӯзҳо ин равиш ба унвони яке аз муассиртарин дармонҳои мавҷуд барои ин тағйироти равонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Бек (1976 -1984) дар таҳлили беморони афсурда се мавзуи муштаракро пешниҳод намудааст.

1) тафсири манфии ҳодисаҳои беруна;
2) нигоҳи бадбинона нисбат ба оянда;
3) безорӣ аз худ.

Бек иллати ҳар се дидгоҳи таҳрифшударо маҷмуаи муштараке аз хатоҳои мантиқӣ донист.

Давид Бернес (1980) ба монанди Бек як шинохтдармонгар мебошад ва монанди ӯ даҳ хатои маърифатиро, ки ба ҳоли бад анҷом мешаванд, зикр мекунад. Ин даҳ хатои маърифатӣ ба таври мухтасар ибораанд аз:

1) тафаккури ҳеҷ: ҳама чизро сафеду сиёҳ дидан;

2) ҷамъбасти муболиғаомез: ҳар як ҳодисаи манфиро як нокомии комил ва тамомнашаванда донистан;
3) софкунандаи (филтри) зеҳнӣ: таҳти таъсири як ҳодисаи манфӣ ҳамаи воқеиятҳоро тору тира мебинад ва ба ҷузъе аз ҳодисаи манфӣ таваҷҷуҳ карда, боқимондаро фаромӯш мекунад;
4) бетаваҷҷуҳӣ ба кори мусбат: беарзиш шумурдани таҷрибаҳои мусбат, таъкид ба муҳим набудани онҳо;
5) натиҷагирии бошитоб: бидуни асоси воқеӣ хулоса баровардан;
6) дурущтпиндорӣ: иштибоҳоти худро муболиғаомез нишон додан ва аз сӯйи дигар, аҳамият надодан ба ҷанбаҳои мусбати зиндагии худ;
7) боядҳо: мехоҳад авзоъ ҳамон тавре бошад, ки ӯ интизор аст;
8) барчасб задан: фард худ ва дигаронро як хел сифат мекунад;
9) шахсисозӣ ва сарзаниш: худро беасос масъули ҳодисае мешуморад;
10) далеловарии эҳсосӣ: эҳсоси манфиро бозтоби рӯйдодҳо медонад. Масалан, агар эҳсоси ғамгинӣ намояд, бовар мекунад, ки ҳатман одами афсурдаест [129, с. 81].

Фрейд 8 нуктаро дар ин сохта ҷудо мекунад ва Абраҳам 5 нуктаро ба он илова менамояд.

**Ҳашт нуктаи Фрейд:**

1) аз даст додани касе ё чизе;
2) тамоил ба фаромӯш накардани рӯйдод;
3) Худгароӣ;
4) қисман беарзишсозии худ;
5) аз байн рафтани арзиши хеш;
6) дудилагӣ
7) Сарзаниши худ;

8) фарди афсурда, мавриди иттиҳом, танаффур ва озори «фавқулман» қарор мегирад, ба ҷойи он ки маҳбуби ӯ бошад.

**5 нуктаи Абраҳам:**

1) самимӣ будан;
2) доштани эҳсоси дарднок дар кудакӣ
3) вуҷуди робитаи дутарафаи мураккаб дар шахсияти қаблан дучори пеш депрессия дучоршуда;
4) Ба ёд овардани рӯйдод;
5) Фаромӯш накардани «фавқулман».

Таҳқиқоти мухталифи равоншиносӣ ин нуктаро собит кардаанд, ки гарчи дар аксари мавридҳо депрессия бо сабаби ягон талафоти бузург оғоз мешавад, вале фишори депрессия ҳангоми кудакӣ фардро дар баробари талафотҳои баъдӣ осебпазиртар мекунад ва зарбаҳои талафот дар солҳои нахустини зиндагӣ метавонанд роҳро барои депрессия давраи бузургсолӣ бикшоянд.

Аз соли 1925 то кунун бисёре аз назарияпардозони равоншиносӣ монанди Фрейд ва Абраҳам депрессияро ба фарқи тамом пазируфтаанд [45, с. 132-135].

Одатан, депрессия ботадриҷ инкишоф меёбад. Муҳаққиқ **Ҷозеф Гринберг** панҷ давраи инкишофёбии онро ҷудо кардааст:

1. Давраи якум - «Моҳи асал.». Одам дар давоми ин давра дорои муносибати хуб ба уҳдадориҳои худ аст (таҳсил, кор ё нигоҳубини аъзои оила). Дар ибтидо интизориҳо метавонанд умедворкунанда бошанд, шахс ҳозир аст, ки намудҳои гуногуни фаъолиятро бо саргармӣ ва маромӣ баланд иҷро кунад.

2. Давраи дуюм - «Бедоршавӣ». Шахс дар давоми давраи дуюм дуруғ будани интизориҳо ва ба ҳақиқат мувофиқат накардани онҳоро мефаҳмад. Одам бо мурури зиёдшавии дилхастагӣ бештару бештар роҳгум мезанад.

3. Давраи сеюм - «Таназзул». Одам дар ин давра нерую қвваи худро гум карда, ба ҳолати бемадоршавии музмин ва ҳаяҷоннокӣ меафтад. Иштиҳо ва хоби одам тагйир меёбанд. Ҳодати бемулоҳиза машгул шудан ба муносибати шаҳвони, истеъмоли машрубот, моддаҳои нашъадор ва доруворӣ бо мақсади худмуоличакунӣ мушоҳида мешавад. Самаранокии таҳсил ва натиҷаи машғулиятҳои берунazмактабӣ сифатан паст мешавад.

4. Даври ҷорум - «Афсурдагии пурра». Агар ягон нафар барои хоҳиш додани сарбории шахс дахолат накунад, беҳолшавӣ метавонад ба афсурдагии пурра табдил ёбад. Ин давра- пеш аз хама бо ноумедӣ тавсиф дода мешавад, ки метавонад яхчанд моҳ ва ҳатто сол давом кунад. Ин давраро аз сар гузаронида, одам метавонад нокомиро дар ҳамаи самтҳои фаъолият, худбаҳодиҳии паст ва мавҷуд набудани худэҳтиромкуниро ҳис кунад. Одамон рӯҳафтода мешаванд, танҳоиро ҳис мекунанд, дилхунук гардида, ҷисман ва руҳан бемадор мешаванд. Аксар вақт дар ин давра худкушӣ рӯй медҳҳад. Ҳатто ҳангоми қать шудани шароити сарбории зиёд шахсони дорои аломатҳои бемадоршавии пурра наметавонанд ба ҳолати аввала баргарданд, зеро барои ин вақт лозим аст.

5. Давраи панҷум - «Падидаи эҳёи самандар». Баъзан одам метавонад аз хокистари бемадорӣ «чун самандар бархезад», ҳарчанд ин раванд сабру тоқат ва вақтро талаб мекунад. Психологҳо бо мақсади тезонидани ин раванд бояд ба мизоҷ барои фаҳ-мидани ҳолат ва тағйирёбии интизориаш кумак расонанд. Мизоҷ бояд мувозинатро дар ҳаёт ва фаъолият ба даст оварда, қувваи худро ба муносибатҳои солиму фаъолии иҷтимоӣ сафарбар намояд [119, с. 217-218].

**Нишонаҳои депрессия.**

**Нишонаҳои равонӣ.** - эҳсоси ғамгинӣ ва депрессия тӯлонӣ, ки дар давоми рӯз (маъмулан субҳ) бадтар мешавад.

- нотавонӣ дар лаззат бурдан аз ҳар чиз.

- аз даст додани алоқа ба дигарон ва иртибот бо дӯстон.

- нотавонӣ дар тамаркуз кардан.

- эҳсоси гуноҳ кардан ба хотири корҳои анҷомнадода.

- бадбин шудан.

- эҳсоси ноумедӣ ва ҳатто майл худкушӣ.

**Нишонаҳои ҷисмонӣ.**

- Бехобӣ;

- Субҳ зуд ва ё шабона аз хоб бедор шудан;

- Аз даст додани алоқа ба иртиботи ҷинсӣ;

- Ғизо нахӯрдан ва коҳиши вазн ва ё гоҳе пурхӯрӣ ва афзоиши вазн [116, с. 29].

**Мушкилоти ангезишӣ, физиологӣ ва маърифатии афроди афсурда**

**Нишонаҳои маърифатии депрессия:** аз дидгоҳи Бек нишонаҳои маърифатии депрессияро метавон чунин дастабандӣ кард:

- Назари манфӣ ба худ: иззати нафси паст, эҳсоси шикаст, ҳақирӣ ва камӣ, сарзаниши худ ва эҳсоси гуноҳ.
- Назари манфӣ нисбат ба оянда: бадбинӣ ва ноумедӣ нисбат ба оянда;
- Назари манфӣ нисбат ба дигарон: эътимоду боварӣ надоштан ба дигарон.

**Нишонаҳои ангезишӣ**. Ба назар меояд, ки афроди афсурда ангезае барои амал надоранд ва ё агар дошта бошанд ҳам, наметавонанд оҳоро амалӣ намоянд, афроди афсурда мумкин аст рӯзҳо бо сари хам беҳаракат бишинанд, дар ҳолатҳои шадидтар инро фалаҷи иродӣ мегӯянд.

**Нишонаҳои физиологӣ**. Дар сурати шиддати депрессия, тамоми лаззатҳои зистӣ ва равонӣ, ки зиндагиро бо арзиш месозанд, аз байн

мераванд, аз даст додани иштиҳо дар байни афроди афсурда роиҷ аст. Дар депрессия миёна ва шадид камшавии вазн рух медиҳад, вале дар депрессия сабук гоҳе вазнпартоӣ дида мешавад. Вайроншавии меъёри хоб низ имкон дорад [184, с. 4].

**Хусусиятҳои хосси клиникӣ.**

**Вайроншавии депрессивӣ**. Ғамгинии бисёр шадид, зоҳиршавии бемории мағзӣ ҳолати депрессияро ташкил медиҳанд. Як офатест, ки бо аломатҳои мизоҷи вайроншуда, тафаккури афсурдаю парешон (аз рӯйдодҳои шадид) ва бо аломатҳо биологӣ муаррифӣ мешавад. Нишонаҳои депрессия дар бисёр бемориҳои дигари равонӣ монанди шизофрения ва деменсия низ рух медиҳад. Депрессия якҷо бо изтироб маъмулитарин шикояти равонӣ аст, ки дар беморон, дар муроқибатҳои аввалия мушоҳида мешавад.

**Депрессияи пӯшида.** Дар баъзе вақтҳо нишонаҳои депрессия ба зудӣ возеҳ намегардад, зеро бемор табассум намуда, эҳсоси нороҳатиро инкор мекунад, бинобар ин, ташхиси депрессия ба як таҳқиқи васеътар дар мавриди теъдоди зиёди аломатҳо зарурат дорад.

**Депрессия сабук.** Ҳолати депрессия сабук дар байни афрод бештар мушоҳида мешавад ва ҳамчун ба як офати нохуш, нотавонкунанда ва давомдор далолат мекунад. Аломатҳои он мувофиқи рафтор дар беморон фарққунада мебошанд. Ин навъ депрессия вақте зоҳир мешавад, ки инсон алоқаи худро нисбат ба корҳо ё мавридҳои лаззатбахши зиндагӣ аз даст дода бошад. Ҳолати оддӣ аз байн рафта, ҳар чиз ва ё ҳар коре эҳтиёҷ ба саъйи бештар пайдо мекунад ва фард камтар аз анҷоми он амал розӣ мешавад, эҳсоси бемории ҷисмонӣ намекунад, вале эҳсоси роҳат ва хуб будан ҳам надорад. Хастагии ӯ хело зиёд аст, инсон бо депрессия сабук кори вазифавии худро анҷом дода, ба назари дигарон табиӣ менамояд, вале барои худ ва ё дӯстони наздик рафтораш тағйир кардааст.

**Депрессия миён**а. Дар депрессияи миёна набудани эҳсоси лаззат, камқувватӣ ва бадандешӣ ҳис карда мешавад [103, с. 40-41].

**Депрессияҳои асосӣ.**

1. Депрессияи клиникӣ, ки ба сурати депрессияҳои умда ва аслӣ қаламдод мешавад ва дар бораи он беморони клиникиро мавриди мутолиа қарор хоҳем дод.

2. Депрессияи молихулиёӣ депрессияест, ки дар он фард шавқу алоқамандии худро барои анҷом додани тамоми фаъолиятҳо аз даст медиҳад. Ҳавсалаи ҳеҷ кореро надорад ва дар воқеъ дар ин навъ депрессия, набудани эҳсоси лаззат ба таври комил дида мешавад ва маъмулан ин афрод аз доштан ё ба даст овардани ҳеҷ чизе лаззат намебаранд. Дар сурате, ки дигар навъҳои депрессия, масалан дар навъи болинӣ, афрод ба таври муваффақ қодир ба шод будан ва эҳсоси лаззатбахш хоҳанд буд. Дар воқеъ яке аз умдатарин анвоъи депрессия навъи молихулиёӣ аст.

3. Депрессия равонпарешонӣ навъе аз депрессия аст, ки дар он эҳтимоли худкушӣ бисёр зиёд аст ва ин афрод ба ҳазён ва ё тарс дучор мешаванд ва аксаран худашонро муртакиби гуноҳҳо нобахшидании бузурге медонанд ва ҳуддуди 15 дарсади афроди афсурда ба ин навъ аз депрессия дучор мешаванд.

4. Депрессияи атикикӣ отипик (ғайри маъмулӣ): ин навъи депрессия аз ин лиҳоз ғайри маъмулӣ хонда мешавад, ки баъзе аз иқдомотро афроди мубтало ба он баръакс анҷом медиҳанд. Барои мисол, дар ин навъ аз депрессия, фард ба ҷойи ин ки дучори беиштиҳоӣ ва камхобӣ шавад, зиёд мехӯрад, фарбеҳ мешавад ва дар айни ҳол мумкин аст, ки зиёд бихобад [129, с. 67].

**Депрессияхои сабук.** Ин навъ аз депрессияҳо навъи мулоим ва мантиқитареро нисбат ба депрессияҳои умда доранд, монанди:

1. Афсурдахӯӣ, ки аз назари луғавӣ ба «бадхулқӣ» низ машҳур аст ва онро депрессия навъи асабӣ низ мегӯянд. Ин афрод аксаран неруи

кофиро барои анҷом додани кору фаъолият ва дигар шудан надоранд ва рӯзгорро бо беҳавсалагӣ ва ҳатто кор накардан мегузаронанд, атрофиёнашон онҳоро танбал ва танпарвар мехонанд ва маъмулан дар зиндагии заноошӯӣ низ ин гуна афрод дучори ихтилоф, низоъ ва даргириҳои ҳосе мешаванд ва аксаран метавонанд танҳо кор кунанд ва ё ин ки фақат фароғату истироҳат намоянд ва беқайду банд бошанд. Ҳудуди 20 дарсад афроди афсурда чунинанд.

2. Депрессияҳои шайдоӣ, ки бо вайроншавии дуқутбӣ робита дорад, ба ин сурат, ки афроди мубтало ба он гоҳе эҳсоси шайдоӣ ва девонагӣ, хушбахтӣ ва нерӯмандиро доранд ва гоҳ вақт эхсоси шадиди депрессияро аз сар мегузаронанд ва маъмулан ин давраи шайдоӣ ҳудуди 1 то 3 моҳ тӯл мекашад ва давраи депрессия байни ду то шаш моҳ давом мекунад. Ин афрод ба ҳеҷ ваҷҳ  рафтори устуворе надоранд ва ҳатто бисёре аз афроди  эҷодкор ҳастанд, ки ба ин  мушкилӣ дучоранд ва ин вайроншавӣ, ба хусус, дар афроди ҳунармандва донишманд ҳафт баробар бештар аз мардуми оддӣ мебошад.

3. Депрессияи отифии мавсимӣ: барои мисол, фарде дар зимистон ҳолати шадиди депрессия дорад, вале ба омадани баҳор ин депрессия аз байн меравад. Тибқи таҳқиқоти анҷомшуда ҳар қадар, ки афрод ба самти қутби Шимолзамин наздиктар бошанд, эҳтимоли депрессия онҳо бештар аст ва ҳатто бо абрнок шудани ҳаво дараҷаи депрессияашон афзоиш меёбад ва ҳатто мутахассисон бар ин ақидаанд, ки яке аз далелҳои зуҳуру депрессия дар кишвари Саудӣ (Арабистон) метавонад ҳамин масъала бошад [184, с. 49].

Депрессия як бемории хеле маъмул аст, ки сарфи назар аз пажӯҳишҳои зиёд оид ба сабабҳо, нишонаҳо ва усули табобаташ, мутаассифона, дар аксари ҷомеаҳои имрӯза, аз ҷумла ҷомеаи мо ба он таваҷҷуҳи зиёд дода нашудааст. Дар гузашта нишонаҳои депрессия ба омилҳои дигар, аз қабили асабоният, хашм ва ғайра марбут буданд.

Депрессия дар навиштаҷот аз замонҳои қадим пайдо шудааст ва дар бисёре аз ҳуҷҷатҳои тиббии кӯҳна тавсифи он чизе, ки мо онро ихтилоли рӯҳӣ меномем, мавҷуданд.

Ин истилоҳ хеле васеъ ва то андозае норавшан аст, одамоне, ки аз депрессия ранҷ мекашанд, аломатҳои зерин доранд: ғамгинӣ, худбезорӣ, дилтангӣ, бехобӣ, умуман таваҷҷуҳ надоштан ба корҳои рӯзмарра, бетафовутӣ, мардумбезорӣ, гӯшанишинӣ ва ғайра. Бояд гуфт, ки бо таваҷҷуҳ ба ин ду хислат ғамгинӣ аз депрессия фарқ мекунад, зеро ғамгинӣ барои инсон вазъиятест, ки ӯро ноором мекунад, аммо дар депрессия сифати кайфият ва рафтори инсон тағйир ёфта, ба ӯ таъсири амиқ мегузорад. Ва ин тасаввуроти ӯро дар бораи худ ва атрофаш тағйир медиҳад.

Ин афсурдагҳо ба хулқу рафтори одамон таъсири манфӣ гузошта, зиндагиро барояшон сарду бемаънӣ мезозанд. Барои мисол, шахсе, ки аз рафтан ба зиёфату базмҳо лаззат мебурд, дар ҳолати депрессия зиндагӣ барои ӯ бемаънӣ гаштааст, ҳама чизро сиёҳу сафед мебинад ва дигар навъҳои депрессия, аз қабили депрессия дар наврасӣ, пинҳонӣ, регрессия, баъди таваллуд, невротикӣ, эҳсосӣ, аз муваффақият, дар натиҷаи пирӣ, мавсимӣ, донишҷӯйӣ ва депрессия дар занон ва ғ. Тибқи изҳорот ва аломатҳои нишондодаи олимони равоншинос нишонаҳои дар боло зикршударо дар шакли умумӣ ё нисбӣ дар одамони гирифтори депрессия дида мешаванд [2-М].

**Афсурдагии эмотсионалӣ.** Мафхуми “афсурдагии змотсионалӣ” тибки таснифоти касбко, ки аз тарафи олими рус Е. Климов пешниҳод карда шудаасг мутахассисони касбҳои системаи “одам-одам” (татиб, муаллим, психолог, корманди иҷтимоӣ ва ғ.) аз мутахассионе ба шумор мераванд, ки бо табакаҳои гунотуни аҳолӣ сару кор дорад ва фаъолияти онҳо тобиши баланди эмотсионалӣ дорад. Дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми кор бо одамон ин мутахассисон эмотсияхоеро аз сар мегузаронанд, ки

табиати вайронкунанда доранд. Мавчудияти доимии омилҳои стрессовар дар фаъолият боиси пайдошавии беҳолшавии чисмӣ ва психикӣ мегардад.

Дар натичаи бархӯрдии доимии мутахассисони системаи “одам-одам” бо стресс, аз сар гузаронидани эмотсияҳои вайронкунанда, зуҳуроти ҳамдардӣ ва як қатор омилҳои дигари психологӣ онҳоро ҳолате фаро мегирад, ки онро «афсурдагии касбӣ» ё дар адабиёти психологӣ «афсурдагии эмотсионалӣ» мегуянд.

Мафҳуми «афсурдагии эмотсионалӣ” аз тарафи психиатр Герберт Фрейденберг соли 1974 ба гардиши илмӣ ворид карда шуда, соли 2001 ба ТББ 10 низ ворид карда шуд [119, с. 214-215].

**Депрессия дар навчавонӣ.** Депрессия дар навҷавонон аз лиҳози вижагии синну сол ва таҳаввулоти руҳӣ-ҷисмонии онҳо ба таври фаровон мушоҳида мешавад ва ҳангоми вуҷуди маҳрумият ё нокомӣ навҷавон ақибнишинӣ мекунанд ва вокуниши ғайрифаъол ба шароит нишон медиҳад, чунин вокунише нишонаҳои депрессияро дар худ дорад ва ба навҷавон кумак мекунад то хушкии руҳии худро  аз мушкилот сабук кунад [126, с. 47].

Дар синну соли наврасӣ, аксари наврасон ба ҳолати депрессия дучор мешаванд ва агар волидон муносибаташонро дигар накунанд, он гоҳ дар онҳо майлу фикри худкушӣ пайдо мешаванд [128, с. 61].

**Депрессия пинҳон.** Депрессияи пинҳони истилоҳест, ки аз соли 1950 ба баъд маъмул шудааст. Ин навъ депрессия мумкин аст дар шакли ҳар навъ шикояти ҷисмонӣ, ки нисбат ба дармонҳои муносиб зид будааст, зоҳир шавад. Чунин шикоёти ҷисмӣ маъмулан бо дармонҳои зидди депрессия мисли зидди депрессияҳои сеҳалқагӣ ё электрошок беҳбуд меёбанд.

**Депрессияи иттикоӣ.** Депрессия иттикоӣ синдромест, ки дар бачаҳо дар нимаи дувуми яксолагӣ ба дунболи маҳрумият аз таваҷҷуҳи модар ё

касе, ки накши модарӣ дошта бошад, зоҳир мегардад. Чунин тифле ибтидо бо хашм ва эътирозу изтироб ба ҳузур надоштани модар вокуниш нишон медиҳад.

**Депрессияи раҷъӣ (бозгаштӣ).** Хатари депрессия бо боло рафтани синну сол афзоиш меёбад ва аз 40 -солагӣ боло ошкортар аст. Депрессия бозгаштӣ бо ошуфтагӣ, беқарории шадид мушаххас аст. Эҳтимоли иқдом ба худкушӣ аз хатароти ҷиддии ин навъи депрессия аст. Истилоҳи хонаи холӣ истилоҳест, ки гоҳе ба ин навъи депрессия нисбат дода мешавад.

**Депрессияи пас аз таваллудкунӣ.** Зухури нишонаҳои депрессия шадид чанд руз пас аз таваллудкунӣ ҳодисаи нодирест. Беалоқагӣ, бетафовутӣ нисбат ба навзод, аз ҷумла нишонаҳои изтиробангезӣ ин навъ аст ва бемор воҳима ва ҳазён, беҳудагӯйӣ, парешонгӯйӣ, ҳарзагӯйӣ мекунад, ки аксаран марбут ба навзод аст.

**Депрессияи невротик.** Тағйироти хулқ, ба рӯйдодҳои муҳити атроф таваҷҷуҳи фаровон зоҳир мешавад, ба хоб рафтан ба душворӣ сурат мегирад. Эҳтимолан ин депрессия аз шиддат ёфтани майл ва вижагиҳои шахсияти невротикии фард вобаста бошад, ки бо изтироб ва мушкилоти фаровон низ дорад.

**Депрессияи узвӣ.** Депрессияи узвӣ яке аз нишонаҳои беморӣ ё омилҳои вайроншавии мағзӣ аст. Вижагии зоҳир ва симои клиникӣ дар ин депрессия ҳолати ғаму андӯҳи куллӣ, набудани тамаркуз, коҳиши алоқа доштан бо дигарон, набудани завқи суҳбат, изтироб ва зудранҷӣ мебошад [113, с. 21].

**Депрессияи алоқӣ.** Баъд аз заҳролӯдшавиҳо ва уфунату бемориҳо ё хастагиҳои ҷисмӣ зуҳур мекунад ва зудранҷӣ, хастагӣ, бехобӣ, сардард, ҳолати ғаму андӯҳ дар шахс эҷод мешавад.

**Депрессия аз истеъмоли дору.** Доруҳои муайяне, ки ба мақсади дармони бемориҳои дигар тавсия мегарданд, дар афроди боистеъдод, боҳуш, зирак, сазовор, лоиқ метавонанд боиси депрессия шаванд.

**Депрессия аз муваффақият.** Чунин депрессия гоҳе пас аз расидан ба ҳадаф ва комёб шудан ба хостаҳои шахсӣ зуҳур мекунад ва низ ба унвони яке аз депрессияҳои вокунишӣ шинохта шудааст [113, с. 62-63].

**Депрессия пирӣ.** Дар ин афрод мағз тадриҷан коройии худро аз даст медиҳад, шахс мумкин аст аз ин мавзуъ огоҳ ва дар натиҷа дучори депрессия шавад [17, с. 28].

Афсурдаҳолиро дар калонсолон на ҳама вақт ба осонӣ муайян кардан мумкин аст. Ҳолати рӯҳии нофорам, пессимизм, ба ояндаи дурахшон боварӣ надоштан, тарс аз марги наздикшаванда, хавотирӣ, коҳишёбии фаъолият, фаъолӣ ва нест шудани шавқу ҳаваси дар айёми ҷавонӣ буда, камқувватӣ, дардҳои гуногун, набудани иштиҳо, бедорхобӣ ва ғайра хусусиятҳои хосси калонсолон мебошанд.

Пайдоиши афсурдаҳолӣ аксар вақт калонсолоне, ки гирифтори ягон бемори мебошанд, аз тағйир ёфтани характер ва рафтори беморон вобастагӣ дорад. Онҳо бадхашм, худбин, худпараст шуда, диққаташонро танҳо ба дарду ғами худ равона мекунанд. Ин ҳама тағйироти ҳолати психикӣ дар рафтори одамони калонсолон аз мавҷуд булани бемории афсурдаҳолӣ дарак медихад. Афсурдаҳолӣ дар калонсолон метавонад натиҷаи вокуниш ба воқеаҳои ҳаёти вазнин, ба монанди аз даст додани шахси наздик, бекасӣ, баьди ба нафақа баромадан, тағйир ёфтани тарзи ҳаёт, пайдо шудани бемориҳои гуногуни дарунӣ бошад. Инкишофи афсурдаҳолӣ дар калонсолӣ метавонад бо як қатор бемориҳо, ба мисли касалиҳои эндокринӣ ё истеъмоли доруҳои муайян алоқа дошта бошад [128, с. 52-53].

**Депрессия фаслӣ.** Касоне ҳастанд, ки танҳо дар фасли зимистон афсурда мешаванд. Занон бештар аз мардон ба ин мушкилӣ дучор мегарданд. Нишонаҳои он руҳияи паст ва хоболудагии зиёд дар

зимистон ба унвони ғамгиниҳои аз ҳад зиёди зимистонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Аз назари доктор **Фруман Зерентал** соли 1980 твассути созмони беҳдошти ҷаҳонӣ баёнияи ҳосеро ироа намудааст, ки дар тӯли соатҳои торикии навъи «кочӣ», ки дорои сохтори бисёр кучаке дар поёни мағз аст, ҳормонҳои мелотонин хориҷ мемешаванд, ки ба хоболудагӣ ва сусттиву беҳолӣ сабаб мегарданд ва нур монеъи ихроҷи ин гармон мешавад. Дар афроди боназму ботартиб эътидол ҳифз мешавад ва беморон, ки дар маърази нур қарор доранд, дар чанд сеанси нурдармонӣ беҳбудӣ пайдо мекунанд [105, с. 101].

**Депрессия дар донишҷӯён.** Депрессия дар байни ин гурӯҳ бисёр роиҷ аст. Тахминан 78% донишҷӯёни донишгоҳ аз баъзе нишонаҳои маразӣ депрессия ранҷ мебаранд, 46% аз донишҷӯён то он андозае дучори депрессия шадид ҳастанд, ки баъзеҳояшон ба кумакҳои муносиби тахассусӣ ниёзманданд [197, с. 51].

**Депрессияи дар занон.** Пажӯҳишгарон бар ин боваранд, ки тағйироти ҳормонӣ ва биохимиявии мағз дар бадани бархе занон дар фасли зимистон боиси зуҳури беморӣ ё депрессия дар онҳо мешавад, ки тадриҷан бо поён ёфтани фасли зимистон ва оғози фасли баҳор аз байн меравад. Ин афрод беш аз дигарон дар ҳолати мубтало шудан ба депрессия клиникӣ ҳастанд. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки як зани афсурда наметавонад фаъолиятҳои зиндагии худро ба хубӣ анҷом диҳад ва бо фарзандону ҳамсари худ иртиботи муносиб дошта бошад. Аз тараф дигар, фарзандон низ таҳти таъсири ин ҳолатҳои руҳии модар тафаккури манфӣ пайдо мекунанд ва низоми фикри онҳо бар асоси бадбинӣ рушд меёбад ва ин амр бар фаъолиятҳои мактабӣ, рафтору бозӣ бо ҳамсолон таъсири манфӣ мерасонад. Манбаи бисёре аз ихтилофоти хонаводагӣ ва ҷудоиҳо ба депрессия занону духтарон иртибот дорад [59, с. 55].

Занон ба иллати ҳассосиятҳои боло, зудранҷ будан, эҳсосoи шадид ва таваҷҷуҳи зиёд ба ҷузиёт бештар дар маърази эҳсос ва ҳаяҷоноти

манфӣ ва дар ниҳоят депрессия ҳастанд. Ҳамчунин аз дигар омилҳое ки занонро ба депрессия мекашанд метавон ба ҳаяҷон ва фишорҳое ки дар берун аз муҳити хона таҳмил мекунанд, ишора кард. Зеро имрӯзҳо ба иллати ҳамоҳанг набудани вазоифи ҳамсарӣ бо вазоифи модарӣ фишори рӯҳии дучанде ба онҳо ворид мешавад. Ҳаяҷонҳои аз омилҳои муҳит сарзананда, мушкилоти иҷтимоӣ ва хонаводагӣ, таассуботи хосси фарҳангӣ ва набудани шароити фароғатию истироҳатии муносибро омилҳои дигари шадидкунандаи депрессия занон ва ҳатто мардон метавон ҳисобид [198, с. 64].

Депрессия ҷиҳатҳои хеле густурда дорад ва дар тарзи тафаккури афрод ба таври мухталиф таъсиргузор аст. Мумкин аст бисёре аз рафторҳои депрессия дар фарде сар зананд, аммо эҳсос намекунем, ки афсурдагст ва дар ин замина, чӣ бисёр духтарони афсурдае, ки аз хона ва мактаб фирор мекунанд ё даст ба аъмоли хилофи шаъни иҷтимоӣ, хушунат, қатл ва худкушӣ мезананд. Дар ин замина таҳқиқот нишон додаанд, ки падар, ҳамсар ва умуман афроде ки нақши ҷинси мухолифро дар зиндагии афрод доранд, дар эҷоди депрессия таъсиргузор ҳастанд ва издивоҷҳо, зиндагиҳои маҷбурӣ ва зулм ба занон дар муҳити хонавода низ эшонро афсурда хоҳад кард. Стрессҳои сарзананда аз омилҳои муҳитӣ, мушкилоти иҷтимоӣ ва хонаводагӣ, таасуботи хосси фарҳангӣ ва набудани шароити фароғатӣ-истироҳатии мусоидро омилҳои дигари афзоишдиҳандаи депрессия занон ва ҳатто мардон шуморида мешаванд. Ноҳамоҳанги байни арзишҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ҳирфаӣ-тахассусии занони коргар меавонад омили дигаре дар шиддатёбии депрессия онҳо бошад. Ҳамчунин беэътиноӣ ба арзишҳои ахлоқӣ дар хонавода дар афзоиши гирифтории занон ба депрессия таъсиргузор аст, чунки агар дар муҳити хонавода оромиш, самимият ва ҳамдигарфаҳмии бештаре байни зану мард бошад ва ба арзишҳои ахлоқӣ бетаваҷҷуҳӣ сурат нагирад, мизони гирифтори ба депрессия коҳиш меёбад. Депрессия занонро набояд нодида гирифт, зеро фарзанди солим аз хонаводаи солим

таваллуд мешавад ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки занон нисфи ҷомеаро ташкил медиҳанд ва бидуни онҳо ниҳоди хонавода дар ҳоли осеб қарор мегирад, пас, таваҷҷуҳ ба саломатии онҳо шарти муҳимест, ки бояд ба он таваҷҷуҳ карда шавад [11, с. 25].

**Дармони депрессия бар асоси назарияи ёдгирӣ.** Лоуин Соҳал ва ҳамкоронаш хеле кӯшиш кардаанд, ки таъсири мутақобили байни афрод ва муҳитро дар рӯйдодҳои марбут ё депрессия бо диққат муайян намоянд. Ин амр моро нисбат ба ин масъала огоҳ месозад, ки депрессия ба таъсири мутақобили шахс бо дигарон ва муҳит рабт дорад ва низ ба дармонгарӣ бо роҳи судманд ва холӣ аз таассуб, ба монанди дастрасии иттилоъ дар бораи гуфтори касони дигар мавриди зарурат дониста мешавад [115, с. 54].

**Анвои дармонҳои депрессия**.

Ҳанӯз роҳҳои зиёде барои табобати депрессия вуҷуд доранд, ки мо онҳоро ба таври интенсивӣ баррасӣ хоҳем кард: шинохтдармонӣ, рафтордармонӣ, дармони байнифардӣ, равондармонии таҳлилӣ, равондармонии дастгирӣ-ҳимоятӣ, терапияи гурӯҳӣ, равондармонии хонаводагӣ ва ғайра. Шахси гирифтори депрессия метавонад аз ин имкониятҳо истифода намуда, саломатии худро барқарор намояд [3-М].

1) шинохтдармонӣ;
2) рафтордармонӣ;
3) дармони байнифардӣ;
4) равондармонии таҳлилгаро-психоанализӣ;
5) равондармонии ҳимоятӣ;
6) гурӯҳдармонӣ;
7) равондармонии хонаводаӣ;

**Шинохтдармонӣ.** Кӯшиши ислоҳи дигаргуниҳои музмин дар тафаккур, хусусан аз назари шинохтӣ: эҳсоси дармондагӣ ва ноумедӣ дар мавриди худ, оянда ва гузаштаи худ ба депрессия оварда мерасонад.

Табобати кӯтоҳмудат бо роҳи, тамринҳои хонавонадаӣ барои озмоиш ва ислоҳи тафаккури манфӣ ва зарур шуморида мешавад.

**Рафтордармонӣ.** Бо такя ба принсипҳои назарияи омӯзиш (кондитсияи классикӣ ва оперантӣ), одатан кӯтоҳмуддат ва хеле муташаккил, ки бо рафтори мушаххаси номатлуб маҳдуд аст, кондитсионерии мусбӣ барои тақвият бахшидан метавонад як иловаи муассир дар табобати депрессия бошад [137, с. 174].

**Дармони байнифардӣ.** Ба унвони як равиши кутоҳмудати песхотикӣ барои депрессия бемории ғайридуқутбӣ ва ғайрипесхотикӣ ба вуҷуд омад. Дар ин равиши дармон бар матолиби байнифардӣ таъкид карда мешавад.

**Равондармонии таҳлилгаро (психоанализ).** Дармони бинишгаро (дурандеш) бо муддати номуайян ва моил ба огоҳӣ ёфтан аз ангезаҳо ва ихтилофу носозгориҳои нохудогоҳ, ки мумкин аст шиддатдиҳанда ва давомдиҳандаи депрессия бошанд.

**Равондармонии ҳимоятӣ.** Табобати дарозмуддати номуайянест вобаста ба дастгирии равонии бемор, хусусан дар бухронҳои ногувор, хатарнок, мураккабу душвор, сугворӣ ё дар давраҳое, ки бемор аз як давраи депрессия берун меояд, аммо ҳанӯз қодир ба истифодаи дармонгарии дарозмуддат ва таомулӣ намебошад [184, с. 89].

**Гурӯҳдармонӣ.** Барои беморони дучори депрессия хатарнок ва моил ба худкушӣ ва дигар беморони афсурда метавонанд аз ҳимояти халосшавӣ аз ҳаяҷон ва тақвияти мусбати гурӯҳ ва такомули байнифардӣ, дигаргуниҳои маърифатӣ ва интиқолии дигар аъзои гурӯҳ баҳраманд гарданд.

**Равондармонии хонаводаӣ**. Хусусан замоне бамаврид аст, ки депрессия бемор суботи хонаводагиро ба хатар меандозад ё вақте депрессия ба рухдодҳои хонаводагӣ марбут аст ва ё вақте депрессияро низоми хонаводагӣ тақвият ва давом мебахшанд [112, с. 68].

**Дармони депрессия:** дармони депрессия ба се марҳилаи асосӣ тақсим мешавад.

1. марҳилаи шадид, мураккаб, тезу тунд, хатарнок, буҳронӣ барои ором сохтани бемориҳои депрессия ҷузъӣ;

2. давомнокии дармон барои ҳифзи беҳбуд;

3. марҳилаи нигаҳдоранда барои ҳифзи беморони осебпазир аз таҳдидҳои баъдӣ.

Чандин дармони муассир барои депрессия вуҷуд дорад ва интихоби онҳо барои ҳар бемор вобаста ба чандин омил, аз ҷумла шиддати беморӣ, иллатҳои худи бемор ва дастрасӣ ба ин дармонҳо вобастагӣ дорад [103, с. 62].

**Нотавонӣ омӯхтааст.** Мартин Слигман (1975) ки асосгузору пешниҳодкунандаи ин мафҳум, яъне «**Дармондагии омӯхташуда**» аст, байни дармондагӣ ва депрессия равобите мушоҳида кардааст. Ба назари ӯ дармони депрессия бояд бо таҷрибаҳои ёдгирии ботилкунандаи эҳсоси дармондагӣ дар мавриди он чӣ ки анҷом медиҳад, сурат бигирад. Тавзеҳи Слигман аз падидаи дармондагии омӯхташуда ин аст, ки ҳайвон ё инсон меомӯзад, ки рӯйдодҳо аз назорати вай хориҷ аст. Сипас, ин бовар, ки рӯйдодҳо аз вокуниши организм вобаста нест, паёмадҳои отифӣ-эҳсосӣ, маърифатӣ ва ҳаяҷонии зеринро хоҳад дошт:

1) рӯйдодҳои назоратнашаванда ангезаи организмро барои зуҳури посухҳое, ки мумкин аст ҳолатро таҳти назорат қарор диҳад, заиф мекунад;

2) мавҷуди зинда ба далели ғайриқобили назорат будани рӯйдодҳои қаблӣ ба сахтӣ ёд мегирад, ки вокуниши ӯ метавонад ба рӯйдодҳои дигар таъсир дошта бошад.

3) такрори таҷрабаҳои аз навъи рӯйдодҳои ғайри қобили котрол саранҷом ба ҳолати эмотсионалт, ки шабеҳи депрессия дар инсон аст [184, с. 10].

**Равишҳои дармони равоншиносӣ.** Дар фосилаи байни давраҳои шайдоӣ ва ё депрессия, дармонҳои равоншиносӣ метавонанд муассир бошанд. Ин дармонҳо бояд аз 16 сеанси як соата ба муддати шаш то нӯҳ моҳ иборат бошад.

**Ин дармонҳо иборатанд аз:**

- Тарбиятравонӣ (psycho education) бештар донистан оид ба вайроншавии дуқутбӣ.
- Таҳти назар доштани ҳолати рӯҳй – кумак кардан ба барои шинохти замонҳои тағйири ҳолатҳои рӯҳӣ.
- Корбурди рафторӣ – кумак кардан барои ҷилавгирӣ аз тағйири ҳолати рӯҳӣ ба шайдоӣ ва депрессия комил.
- Кумак барои афзоиши маҳоратҳои мутобиқшавӣ.
- Шинохт ва рафтордармонӣ – барои депрессия [116, с. 54].

**Дорудармонии депрессия.** Ҳангоме ки теъдоди зиёде аз афроди мубтало ба депрессия барои беҳбудии бемории худ назди равонпизишк рафта буданд, изҳор доштанд, ки аз вақте барои поён овардани фишори баланди хуни худ аз доруе бо номи «розепин» истифода кардаем, нишонаҳои депрессия дар мо ба вуҷуд омадааст. Пас аз пажӯҳишҳои фаровон пизишкон ҳам исбот кардаанд, ки баъзе аз ин беморон ба далели истифодаи доруи розепин дучори депрессия шудаанд. Воқеан, чаро ин дору боиси эҷоди депрессия мешавад?

Равонпизишкон собит карданд, ки масрафи ин дорӯ гурӯҳе аз интиқолдиҳандаҳои асабӣ ба номи «катехоломин»-ро озод мекунад бо озод шудани ин интиқолдиҳандаҳо мизони онҳо дар мағз коҳиш пайдо мекунад, ки ҳамин амр ба беназмии депрессия анҷом мешавад.

Ҳамин тавр, пажуҳишҳои ин равонпизишкон нишон додааст, ки истифодаи доруҳои зидди депрессия се ҳалқае ва боздорандаҳои мануоминуоксид барои дармони беназмии депрессия мизони як навъ

«катехоломин»-и алоим ба номи нораф ненолинро дар мағз афзоиш медиҳад.

Бо афзоиши катехоломин нишонаи моник дар фард эҷод мешавад, ки албатта пажуҳишҳои фаровон натиҷаи ин таҳқикро собит кардаанд. Баъзе аз ин интиқолдиҳандаҳои асабӣ ба гурӯҳи куллитаре бо номи «биоженик оменз» тааллуқ доранд, ки албатта равонпизишкон пештар аз он бо пажуҳишҳои зиёд аз ин масъала пай бурда буданд. Аз он ҷо ки масрафи доруи зидди депрессия сеҳалқаи мизони саратони мағзро афзоиш медиҳад, муҳаққиқон ба ин натиҷа расиданд, ки афрод ба ду далел ба бемории депрессия мубтало мешаванд.

1. паст будани мизони нораф ненолин дар мағз.

2. коҳиши мизони серотонин-саратон дар мағз.

Ногуфта намонад, ки анҷоми пажуҳишҳои гуногун дар заминаи сабабҳои биохимиявӣ ҳанӯз идома дорад. Ҳанӯз мутахассисон шакку шубҳа доранд, ки оё интиқолдиҳандаҳои асабии дигар, монанди дофамин, эстел, кулин ва гирандаҳои дигар ҷузъи иллатҳои биохимиявӣ ба ҳисоб меоянд ё на?

Ба ҳамин далел пажӯҳиш дар заминаи иллатҳои биохимиявии депрессия ҳанӯз идома дорад. Ба ҳар ҳол, теъдоде аз доруҳо, аз қабили астроидҳо ва фансиклидини гидрохлорид (гирдпарён навъе доруи мухаддир) нишонаҳое аз вайроншавии мониёро дар фард эҷод мекунанд.

Албатта таҳқиқ дар хусуси асароти доруҳои мухталиф дар бадан масъалае ҷудо ва муҳимтар аз дармони доруӣ ва вобастагии доруӣ (масрафи зиёди як саре аз доруҳо барои дармони баъзе бемориҳо) ба ҳисоб меояд.

Бар асоси пажӯҳишҳои фаровон пизишкон ба ин натиҷа расиданд, ки иллати мубтало шудан ба депрессия мумкин аст вуҷуди бемориҳои ҷисмонӣ бошад [176, с. 121].

**Электрошокдармонӣ.** гузаронидани як чараёни кутоҳмуддати электрикӣ аз мағз барои эҷоди ташаннуҷи (нооромии) саръгунаи таҳти назорат ҷиҳати дастёбӣ ба беҳбуд дар як ҳолати нооромӣ равонӣ аст.

Истифода аз электрошок ривоҷ пайдо кард, вале дар солҳои 50-уми садаи гузашта истифода аз он барои дармони бемориҳои равонӣ, ба хусус, шояд шизофринӣ коҳиш ёфт, аммо истифода аз электрошок ҳануз ҳам тавассути равонпизишкон барои дармони афсурдаҳое, ки дар муқобили мудохилоти дорудармонӣ ва равондармонӣ муқовим ҳастанд ё дар мавридҳое, ки эҳтимоли худкушӣ болост, тавсия мегардад.

Албатта шеваи дармон бо электрошок мавриди интиқод ҳам қрор гирифтааст, ки баъзе аз онҳо ба давраи баъд аз истифодаи электрошок ва баъзе дигар ба асароти муддати тулонии электрошок марбут аст. Аз ҷумла, он метавонанд ба фаромӯшхотирии кутоҳмуддат баъд аз қабули электрошок ва маргҳои эҳтимолӣ мусоидат кунад [184, с. 14].

Мо пас аз таҳқиқ ба хулосае омадем, ки депрессия як бемориест, ки ба рӯҳия, эҳсос, рафтор ва саломатии ҷисмонии инсон таъсир мерасонад. Ӯ худро бемор ва гунаҳкор ҳис мекунад, масалан, ӯ метавонад худро дар амалҳои пештар анҷомдодааш гунаҳкор ҳис кунад. Дар хотир доштани тафсилот ва қабули қарорҳо барояшон душвор аст. Дар муносибатҳои худ ба мушкилот дучор мешаванд. Оҳу нола ё ҷанлол, гамгинӣ, ноумедӣ ва беташаббусиро мепазиранд. Аксар вақт онҳо мушавваш, парешонхотир, изтиробзада ва рӯҳафтода ба назар мерасанд. Ва депрессия метавонад боиси бехобӣ, хоби аз ҳад зиёд, мушкилоти ҳозима ва коҳиши неруи бадан гардад. Дарвоқеъ, депрессия қобилияти инсонро дар мубориза бо фаъолиятҳои зиндагӣ суст мекунад. Депрессия ба пешравии инсон халал мерасонад ва имкони иҷрои амалҳо ва корҳоеро, ӯ ки масъулият дорад, бозмедорад. Депрессия шаклҳои гуногун дорад, ки бо омезиши аломатҳо тавсиф мешаванд ва боиси халалдор шудани қобилиятҳои шахс ё иҷрои корҳои ҷолиб мешаванд. Аломатҳои

депрессия иборатанд аз: рӯҳияи паст, кам шудани энергия, халалдоршавии хоб ва иштиҳо, паст шудани худбаҳодиҳӣ, паст шудани қобилияти тамаркуз ва қабули қарорҳо ва заъфи ҷисмонӣ. Як сабаби ягона ва маълуми депрессия вуҷуд надорад ва муҳаққиқони генетик хислатҳои муайяни шахсиятро, аз қабили вобастагӣ ё эътимоди паст, хотираҳои бади кӯдакӣ ва рӯйдодҳои стрессии ҳаётро ангезаҳои депрессия медонанд.

Пажӯҳишҳо, нишон медиҳанд, ки депрессия як бемории паҳншуда ва зарароварест, ки ба ҳар як зан ва мард таъсир мерасонад. Депрессия бемори ҷисмонии табларза нест, ки бо чанд ҳаб ва чанд рӯзи истироҳат рафъ мешавад, ин як мушкили равонӣ аст, ки бар асари фишори чандинсола ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ барои аз байн бурдани он бояд аз роҳҳои дуруст истифода кард. Барои шифо ёфтан ба онҳо дору ва табобат лозим аст. Антидепрессантҳо барои табобати депрессия истифода мешаванд. Доруҳо метавонанд нишонаҳои депрессияро рафъ кунанд ва дар бисёр намудҳои бемориҳо иқдоми аввалини табобат гардиданд. Психотерапия инчунин ба шахс кӯмак мекунад, то бо мушкилоти доимии худ, ки депрессия ба вуҷуд меорад, мубориза барад. Агар депрессия шадид бошад, терапияи электрошок истифода мешавад.

## 1.3. Омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия мусоидат мекунанд

Омилҳои зиёде, ки баъзе ҷанбаи умумӣ ва баъзе ҷанбаи хусусӣ доранд, мумкин аст боиси депрессия шаванд. Қисме аз ин омилҳо иборатанд аз: шикаст, беморӣ, сугворӣ, камхунӣ, норасоиҳои ғадуди сипаршакл, тағйири фасл, ғадуди мағзӣ, бемории паркинсон, уфунатҳои мушкили вирусӣ, доруҳои зидди фишори хун ва баъзе доруҳои кимиёии дигар. Чун танҳо теъдоди андаке (маъмулан 10%) аз афроде ки дар

пешгоҳи чунин омилҳое қарор мегиранд, дучори депрессия мешаванд, бинобар ин, наметавон гуфт, ки воқеан, ҷанбаи сабабӣ доранд. Ба назар мерасад, ки шояд омилҳои ирсии хонаводагӣ ва шароиту хусусиёти рушду такомули фард, омилҳои решагӣ сабаби ин бемори бошанд.

Дар ин бахш кӯшиш намудем ба таври мухтасар назарияҳоеро, ки то кунун дар бораи иллатҳои депрессия баён шуданд, зикр кунем:

**Омилҳои генетикӣ.** Дар мавриди генетикӣ будани депрессия назарияҳои мухолифу муваффақ вуҷуд дошта, иллати беназмии депрессия асосӣ зиёд аст, вале бештар омилҳои генетикӣ хатари мубтало шудан ба депрессия асосиро афзоиш медиҳанд. Барои мисол, Мак Гофин ва ҳамкоронаш (1996) ба ин натиҷа расиданд, ки дугоникҳои яктухмаӣ 46% ва дар ҳоле ки дар дугоникҳои дутухмаӣ 20% имкони мубтало шудан ба депрессияро доранд. Мувофиқи таҳқиқот дараҷаи гирифторӣ дар дугоникҳои яктухмаӣ ҳудуди 50% муайян карда шудааст.

Ба таври хулоса се риштаи наздик таъсири генҳои маъюбро ҳадди ақал барои боистеъдод сохтани фард нисбат ба ихтилолоти рафторӣ нишон медиҳанд.

А) хешовандони мубталошуда ба ошуфтагиҳои рафторӣ нисбат ба кулли ҷамъият дараҷаи зоҳиршавии болотари ихтилолотро нишон медиҳанд.

Б) дараҷаи татбиқшавӣ барои ошуфтагии рафторӣ дар дугоникҳои мушобеҳ (яктухмаӣ) бештар аз мизони он дар дугоникҳои номушобеҳ (дутухмаӣ), ки генҳои фарқкунанда доранд, ҷой дорад.

В) Таҳқиқот вобаста ба дугоникҳои яктухмаӣ, ки ҷудо аз ҳам бузург шудаанд, натиҷаҳои ин мавзуро, ки дар заминаи монандии ирсӣ ва омилҳои эҳтимолӣ пайдо шудаанд, имконпазир месозанд. Чунки дар дугоникиҳои яктухмаӣ дараҷаи мутобиқшавӣ барои ошуфтагии рафторӣ (мушкилоти рӯҳӣ, тағйирёбии кайфият, ҳолат) ҳатто агар муҳити рушди онҳо гуногун бошад, болотар аст.

**Механизмҳои зистшиносӣ-биологӣ.** Интиқолдиҳандаҳои асабии норафпеналин ва серотонин аз назари биологӣ дар сабабшиносии депрессия алоқаманд дониста шудаанд. Дар нигоҳи аввал чунин тасаввур мешавад, ки сутуҳи поёни ҳар кадом аз ин интиқолдиҳандаҳои асабӣ ба рафтор таъсиргузор ҳастанд. Ҳамзамон ин  намунаи сода дар мавриди таъсири норафпеналин ва серотонин ба василаи маълумоти охир мавриди интиқод қарор гирифтааст. Ба назар мерасад, ки рафтор ҳосили муомилаи байни системаҳои серотонин ва норафпеналин аст. Ҳатто мумкин аст рафтор ҳосили муомилаҳои байни ин ду система ва системаҳои мағзии дигар бошад. Барои мисол, Ромплу ва ҳамкорон (2000) муътақиданд, ки хулқ паёмади набудани муомилаи байни чандин интиқолдиҳанда, аз ҷумла серотонин, норафпеналии, дофамин ва атсетилхолии аст. Ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки серотонин як назорати куллӣ барои навъҳо аз системаҳои мағзии гуногун дошта бошад ва сутуҳи поёнии он сабаби мутаваққуф шудани фаъолияти даруни ин системаҳо шудааст, ки ба депрессия анҷом меёбад. (Нақл аз Бинт. 2003). Муҳимтарин нуқтаи дахлдор дар депрессия системаи Лимбики аст. Тибқи як улгуи равонӣ-зистӣ ин фарояндҳо-равандҳо ба василаи ҳар ду омилҳои иҷтимоӣ ва равоншиносӣ оғоз мегарданд ва омилҳои генетикии дараҷаи фишори равонии лозимро аз ҳар кадом ҳавза, қабл аз ин ки давраи депрессия шуруъ шавад, таҳти таъсир қарор медиҳад.

**Омилҳои асабӣ-ғадудӣ.** Ғадудҳои дарунрез (эндокринӣ) моеъ ҷудо мекунанд ва таъсири ин омилҳои ҳормонӣ мавриди пажӯҳишҳои зиёде қарор гирифтааст. Меҳвари ҳипоталамие ҳипофиз адреналинӣ кам кор дар афроди афсурда ба афзоиши туршаи кортизол анҷом мешавад. Ҳамчунин дар депрессия озод шудан (ҳормони муҳаррикаи тероид) ҳормони тиреоткони (ТТГ), коҳишёбии ҳормони рушд (ҲА), коҳишёбии ҳормони муҳаррикаи фуликул (ҲҲФ), коҳишёбии ҳормони литунобизинк (ЛҲ), коҳишёбии туршаи шабонаи мелотонин ва коҳиши тестостерон дар

мардҳо вуҷуд дорад. Ҳамчунин мушоҳида шудааст, ки мушкилоти асабии ҳастаҳо ва системаи лимбикӣ, эҳтимолан, бо нишонаҳои депрессия зоҳир мешаванд. Системаи лимбикӣ ва ҳастаҳо бо ҳам робитаи наздик доранд. Системаи ламбик дар эҷоди ҳаяҷонҳо нақши муҳим дорад. Мушкилоти амали ҳиноталамура тағйироти хоб, иштиҳо ва рафтори ҷинсӣ ва низ тағйироти биологӣ дар меъёрҳои ғадудои дарунрез, иммунитет ва ранг биологӣ муайян мекунад. Қомати хамида, сустҳаракатӣ ва мушкилоти норасоии сабуки маърифатӣ, ки дар депрессия дида мешавад, шабоҳати зиёде бо ихтилолоти ҳастаҳои асосие монанди бемории Паркинсон ва дигар ихтилоли музмин таҳтиқишрӣ доранд [184, с. 7-8].

**Омилҳои шахсиятӣ.** Ҳар як инсон новобаста аз миҷози шахсӣ метавонад дар ин ё он маврид гирифтори депрессия шавад. Аммо баъзе аз типҳои шахсият, васвосӣ-иҷборӣ, намоишӣ ва ноилоҷӣ, ки камтар раҳму шафқат доранд, нисбат ба намудҳои зиддиичтимоӣ, параноидӣ ва дигар шахсиятҳое, ки бо проекция ва ғайра тавсиф мешаванд, метавонанд зери хатари депрессия бештар қарор дошта бошанд. Механизмҳои ҳифз аз берун истифода мешаванд.

Ҳодисаҳои стресс қавитарин пешгӯйиҳои депрессия мебошанд. Таҳқиқот нишон доданд, ки омилҳои стресс, ки ба худбаҳодиҳии бемор таъсири манфӣ мерасонанд, эҳтимоли депрессияро ба вуҷуд меоранд.

Илова бар ин, чизе, ки метавонад барои каси дигар як фишори нисбатан сабук ҳисобида шавад, вобаста ба маънои махсус вобаста ба ҳодиса метавонад ба бемор таъсири харобиовар расонад [140, с. 22].

**Омилҳои иҷтимоӣ.** Депрессия ба якчанд омили иҷтимоӣ низ робита дорад. Аз ҷумла: рӯйдодҳои стрессовари зиндагӣ (дар муносибати байни одамон). Тард (бадарғаи иҷтимоӣ) ва муомилаҳои иҷтимоӣ, ки таҳти таъсири фарҳанги ҷомеа қарор дорад. Ин омилҳо метавонанд бар оғозшавии депрессия ё идомаи он таъсир бигузоранд.

**Рӯйдодҳои стрессовари зиндагӣ:** ҳудуди 70 дарсади давраҳои депрессия асосан, баъд аз ягон рӯйдоди стрессовари муҳим дар зиндагӣ рӯй медиҳанд, мисли хоиҷ шудан аз кор ё аз даст додани робита бо шахси наздик. Албатта рӯйдодҳои манфии зиндагӣ метавонанд сабаби депрессия шаванд, аммо саволе ба миён меояд, ки муҳаққиқон чӣ гуна метавонанд тағйирдиҳандаҳои зиёновар ва эҳтимолиро аз якдигар ҷудо кунанд ва робитаи сабабиву натиҷагии собитшудаи байни онҳоро баён намоянд. Барои мисол, афроди афсурда мумкин аст натавонанд вазифаҳои шуғлии худро хуб анҷом диҳанд, мумкин аст зери таъсири омилҳои афсурдакунанда қарор дошта бошанд, масалан, мушкилот бо ҳамкорон ва роҳбарият, бекорӣ ё нигаронӣ, яъне нигарониҳои молӣ. Дар чунин мавридҳо нишонаҳои депрессия дар худи фард мумкин аст иллати рӯйдодҳои манфии зиндагӣ бошанд. Аз тарафи дигар, баъзе афрод ба иллати табиат ва зоти худ мумкин аст ба дунболи ҳолатҳо ва фурсатҳои стрессафзо бигарданд. Масалан, баъзе сарбозон худашон довталаб мешаванд, ки ба хатти пеши ҷабҳа бираванд. Ба ин тартиб, робитаи байни рӯйдодҳои стресзои зиндагӣ ва депрессия мумкин аст бештар сода буда, назаррас набошад.

**Тарди иҷтимоӣ** (ноустувории иҷтимоӣ): афроде, ки тарди иҷтимоиро аз сар мегузаронанд,  бештар дар ҳолати дучор шудан ба депрессия қарор доранд. Барои мисол, касоне ки таҳти таъқиб ва табъиз ҳастанд ва аз сӯйи ҷомеа ронда мешаванд ё мавриди хушунат қарор мегиранд, масалан, (шахсони мубтало ба ВНМО БПНМ) ё касоне, ки ба табақоти фақир тааллуқ доранд ва ҳамчунин пиронсолон, ки бо эҳтимоли зиёде афсурда мешаванд. Ҳамчунин касоне ки дар бузургсолӣ ба иллати сактаи мағзӣ ё осеби сар маъюб мегарданд, низ бештар хатари гирифтор шудан ба депрессия доранд.

**Таомули иҷтимоӣ.** Эҳсос ва ҳаяҷон то андозае метавонанд ба гирифтор шудани афрод ба депрессия мусоидат намоянд. Ин ҳамон вақт рух медиҳад, ки мардум бо афроди афсурда нишасту бархост мекунанд

ва мумкин аст ба депрессия, ғам, изтироб ё хашм дучор шаванд. Масалан, нишон додашудааст, ки дар донишҷӯёне, ки ҳафтае дар паҳлуи як фарди афсурда зиндагӣ мекунанд, нишонаҳои депрессия пайдо мешаванд [137, с. 190].

Депрессия як бемории маъмулист, ки ба паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ таъсири манфӣ мерасонад, аз ин рӯ, сабабҳои гуногуни депрессия вуҷуд доранд ва назарияҳо ва роҳҳои табобати он низ гуногунанд, ки мо ба таври мухтасар зикр мекунем.

Дар бораи генетика назарияҳои муқобил ва муваффақ мавҷуданд, ки сабаби ихтилоли асосии депрессия хеле зиёд аст, аммо дар бораи он, ки омилҳои ирсӣ хатари депрессияро зиёд мекунанд, нейротрансмиттерҳои норепинефрин ва серотонин, ки дар пайдошавии депрессия нақш доранд, камтар гуфтаанд. Маълум гардид, ки сатҳи пасти ҳар яке аз ин нейротрансмиттерҳо ба кайфият таъсир мерасонад, ғадудҳои эндокринӣ моеъ ҷудо мекунанд ва таъсири ин омилҳои гормоналӣ дар маркази пажӯҳишҳои зиёд қарор гирифтааст [3-М].

## Омилҳои фақр ва депрессия.

**Таърифи фақр.** Бекорӣ, ба хусус бекорӣ ба муддати тулонӣ ва дар шароите, ки захираи молӣ барои фарди бекор вуҷуд надошта бошад, ба фақри иқтисодӣ анҷом хоҳад ёфт. Мушкилоти фақр сирфан, ба паёмадҳои худи фақр маҳдуд намебошад, балки мушкилоти ин масъалаи иҷтимоӣ замоне шиддат пайдо мекунад, ки заминасози депрессия мегардад.

Дар таърифи фақр ихтилофи назари асосӣ байни муҳаққиқон вуҷуд дорад, ки маншаи ин ихтилофот вобаста бар навъи нигариши онҳо нисбат ба масъалаи фақр аст. Иқтисодчиён бештар ба заминаи зуҳур ва натиҷаҳои фақр таваҷҷуҳ намуда ва камтар ба таҳлили иҷтимоии он пардохтаанд.

Дар адабиёти ҷомеашиносӣ маъмулан ду мафҳум; факр ва нобаробарӣ дар канори якдигар ба кор меравcovид. Ин ду мафҳум бо ин ки аз ҷиҳати маъно мустақил ва ҷудо аз якдигар ҳастанд, аммо чунин ба назар мерасад, ки корбурди мустақил надоранд. Зеро аз як су, фақр мутаассир аз нобаробарӣ дар даромад аст ва аз сӯйи дигар, нобаробарии иқтисодӣ ҳам метавонад сабати вуҷуди фақр шавад. Аз он ҷо ки масоил ва мушкилоти иҷтимоӣ дар айни иртибот бо фақр аз он ҷудо ҳастанд, мафҳуми фақрро бояд аз навъи мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки бо он пайвастагӣ доранд, низ мустақил дар назар гирифт, бинобар ин, мутародифу ҳаммаъно шумоpидани мафҳуми фақр бо дигар суратҳои масоили иҷтимоӣ ба фаҳми мушкили фақр кумак нахоҳанд кард. Дар ҷомеашиносӣ фақрро маъмулан дастрас ё муҳайё нашудани ниёзҳои асосии инсон ба ҳадди кофӣ таъриф кардаанд [21, с. 57-60].

**Таъсири хушунати хонаводагӣ бар депрессия.**

**Таърифи хушунати хонавода.** Хушунати хонаводагӣ воқеияти озордиҳанда ва инкорнашаванда дар дунёи имрӯз аст, дар ҷаҳоне, ки муҳити хона мебояд паноҳгоҳе бошад, то сокинонаш дар он биёсоянд ва хастагиҳову ранҷҳои сарзада аз душвориҳои муҳити беруни хонаро ба фаромӯшӣ бисупоранд. Мутаассифона, барои бисёре аз мардум хона ба ҷаҳaнаме мемонад, ки оташи душманӣ, хашм, хушунат, кина ва интиқом дар он ҳар лаҳза шуълавартар мешавад. Хушунатҳои хонагӣ махсуси ҷомеа ё табақаи хоссе нестанд, балки акнун ҳамаи кишварҳои дунё ва табақаҳои иҷтимоии мухталиф ба он даст ба гиребонанд ва тағйироту таҳаввулоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаррӯза бори онҳоро вазнинтар мекунанд.

Хушунат амали фарди муайян (ҷамъе аз афрод ё гурӯҳҳои хос) аст, ки ба ҷон, мол ё шарафи дигарон таҳдид ва ҳамла мекунад [94, с. 27].

Хушунати хонагӣ иборат аст аз зӯроварӣ, бадрафтории ҷисмӣ, ҷинсӣ, равонӣ аз қабили гӯшанишинӣ кардани маҷбурӣ, таҳқир, маҳрум

сохтан аз ҳимоят, таҳдид ба осебрасонӣ, зери по гузоштани ҳуқуқи ибрози андешаи шахсӣ аст [80, с. 26].

Ҳамчунин метавон гуфт, хушунати хонагӣ иборат аст аз бадрафторӣ бо ҳамсар ва фарзандон, ки метавонад ин бадрафторӣ равонӣ бошад, монанди тарсу ҳарос, таҳдид, таҳқир, интиқоди шадид ва ғайра ва метавонад хушунат аз навъи ҷисмӣ ва баданӣ бошад, монанди тела додан, силлӣ задан, чизеро ба тарафи кас партофтан ва ғайра бошад.

**Хушунат алайҳи занон.** Хушунат алайҳи занон яке аз мушкилоти иҷтимоии кулли кишварҳои дунё ба ҳисоб меравад. Яке аз намунаҳои хушунат алайҳи занон ҳамсарозорӣ мебошад. Ҳамсарозорӣ рафторе озордиҳанда аст, ки тавассути шавҳар бар алайҳи зан дар муҳити хилвати хонавода рух медиҳад, ки бо расонидани осебҳои ҷисмӣ ва равонӣ дар фарди озордида боиси оқибатҳои ҷубронноопазире низ мегардад.

Хушунат алайҳи занон истилоҳе тахассусӣ аст, ки барои тавсифи кулли корҳои хушунатомез алайҳи занон ба кор меравад, монанди Hate Crime, ин шакли хушунат бар алайҳи гурӯҳи хоссе аз мардум амалӣ мешавад ва ҷинсияти қурбонӣ пояи аслии хушунат аст. Қатъномаи марбут ба хазфи (аз байн бурдани) хушунат алайҳи занон, ки баргирифта аз иҷлосияи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1993 буд, хушунат алайҳи занонро ба унвони «ҳар рафтори хашин ва вобаста ба ҷинсияте ки муҷиби осеби ҷинсӣ, ҷисмӣ ё равонӣ ва ё ранҷи занон шавад» таъриф кардааст [142, с. 30]. Хушунат алайҳи занон дар хонавода мумкин аст ба сурати ҷисмӣ (зарб, лату куб), ва равонӣ (таҳқир, тамасхур ва фаҳшгӯйӣ) рух диҳад ва ҳамчунон, хушунат алайҳи кӯдакон, ки шомили ҷисмӣ, равонӣ, бетаваҷҷуҳӣ, ҷинсӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

**Омили бекорӣ ва депрессия.**

Бекорӣ омили мудҳиши эҷоди факр аст ва фарде, ки бекор аст, аз як сӯ, аз лиҳози равонӣ эҳсоси таҳқир ва ранҷу зиён мекунад ва аз ҷомеа

талаби кор менамояд ва аз сӯйи дигар, чун ҷомеаро гунаҳгори маҳрумияти худ мепиндорад, навъе эҳсоси интиқомгирӣ дар ӯ пайдо мешавад.

Бештари афроди бекор дучори бемориҳо, аз ҷумла депрессия, руҳафтодагӣ, эҳсоси беарзишӣ, ки ин масъала худ заминаи мусоидеро ҷиҳати рушду густариши фақри иқтисодӣ, эътиёд, бухрони ҳувийят, талоқ, муҳоҷират, парешонҳолӣ, дармондагӣ, ҷиноёт алайҳи ашхосу амвол, нооромиҳои иҷтимоӣ, қочоқи маводи мухаддир, қочоқи мол ва ғайраро ба вуҷуд хоҳад овард [1-М].

## 1.4.Оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонон

Инсон мавҷудест иҷтимоӣ, ки кор карданро дӯст медорад ва ба воситаи он мехоҳад фарде созанда ва тавлидкунанда бошад ва бо машғул шудан ба кор эҳсоси арзиш ва иззати нафс ёбад. Зеро инсон ба ҷиҳати созанда буданаш аз ҳайвон фарқ мекунад ва дар натиҷаи созандагӣ ӯ, ки мутаассир аз кор аст, тамаддуни башариро ташакил кардааст.

Дар ҷомеаи муосир доштани шуғл барои ҳифзи эътимод ба нафси фард муҳим аст, ҳатто дар мавридҳое, ки шароити кор нисбатан, нохушоянд ва вазифаҳои марбут хастакунанда бошанд. Кор маъмулан, унсури шаклдиҳандае дар равонии мардум ва дар фаъолиятҳои рӯзонаи онҳост. Таҷрибаи бекорӣ барои касоне, ки ба доштани шуғли устувор ва мутмаин одат кардаанд, метавонад бисёр нороҳаткунанда бошад.

Бадеҳист, ки оддитарин натиҷаи он аз даст додани даромад аст. Бекор будан, ҳангоме ки шахс ба он ниёз дорад ва надоштани манбаи даромад барои гузаронидани зиндагии осоишта илова бар сахтии моддӣ, ранҷи равониро ба бор меорад. Зеро барои афроде, ки машғули кор ҳастанд, рӯз маъмулан, бо хуррамӣ оғозу анҷом меёбад.

Агарчи ин амр мумкин аст гоҳе таҳмилӣ бошад, вале як ҳисси мусбат дар фаъолияти оддии рӯзона фароҳам мегардадд. Афроде, ки бекор ҳастанд, маъмулан дорои зиндагии маломатоваранд ва навъе эҳсоси бетафовутӣ нисбат ба замон пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар, муҳити кор ғолибан, дӯстӣ ва фурсатҳои ҳамкорӣ дар фаъолиятҳои муштарак бо дигаронро фароҳам мекунад. Ҷудо аз муҳити кор доираи дӯстон ва ошноёни эҳтимолии шахс мумкин аст дар асари бекорӣ рафта-рафта тангтар шавад ва фарди бекор ба канорагирӣ дучор гардад ва дар ниҳоят мумкин аст дучори депрессия ва ҳолати дар худ фурӯ рафтан шавад.

Дарвоқеъ, метавон гуфт, ки бекорӣ навъе таҳқири иҷтимоии фардро дар мавридҳои мухталиф тақвият медиҳад, ин эҳсос, ки ҷомеа барои ӯ ва заҳмату талошҳо ва таҳсилоташ бетафовут аст, ӯро ба сӯйи депрессия мебарад ва ин ҳолати депрессия дар фарди бекор худ метавонад сарчашмаи осебҳои баъдӣ, пеш аз ҳама барои худи фард, хонавода ва ҷомеаи вай бошад [20, с. 81-92].

Дар дунёи имрӯза ҳаяҷонот, мушкилот, асабиятҳо ва омилҳои зиёде аз ин қабил бар зиндагии рӯзмараи мардум таъсири бад дорад. Ҳар як фарди ҷомеаи муосир дар маърази дучор шудан бо навъҳои гуногуни ҳаяҷон ва шароити асабоният қарор дорад. Муҳити зиндагии иҷтимоӣ, хонавода ва ҳар он чӣ фард бо он дар иртибот аст, метавонад ба унвони омили мушкилзо ҷараёни зиндагии ӯро ба самти буҳронҳо ва нигарониҳо кашад.

Депрессия низ бемории бисёр роиҷ аст, ки бо вуҷуди таҳқиқоти доманадор дар мавриди иллатҳо, дардҳо ва роҳҳои дармони он мутаассифона дар бештари ҷомеаи имрӯза ва ба хусус ҷомеаи Афғонистон таваҷҷуҳи зиёде ба он нашудааст. Дар гузашта нишонаҳои депрессияро то муддатҳо ба омилҳои дигаре чун заъфи асабҳо, асабоният ва ғайра нисбат медоданд. Ба ҳамин сабаб ташхиси саҳеҳ ва дармони он ба таъхир меафтад.

Чун ин афрод маъмулан, бардоште маҳдуд, ғалат, ноқис, гумроҳкунанда аз муҳити худ доранд, дар натиҷа рафтори онҳо бо воқеияти муҳите мутаносиб нест, мавриди назар қарор намегиранд. Ба назари Чарлз Фрестер-аввалин равоншиноси рафторгаро шахсони афсурда дар муқобили муҳит ҳолати вокунишӣ дошта, фақат ба дастурот ё рӯйдодҳои нохушоянд аксуламал нишон медиҳанд [8, с. 115].

Набудани муваффақият дар таҳсил ё кор, аз даст додани яке аз азизон ва огоҳӣ аз ин ки беморӣ ё пирӣ тавони моро маҳв мекунад, аз ҷумлаи мавридҳое ҳастанд, ки бештар сабаби зоҳиршавии депрессия мешаванд. Депрессия замоне ғайримуқаррарӣ маҳсуб мешавад, ки бо воқеа и рухдода, мутаносиб набошад ва ё фаротар аз ҳаде, ки барои аксари мардум нуқтаи оғози беҳбуд аст ва ҳам метавон ба ҳузн, андуҳи шадид ва эҳсоси танҳоӣ ва ноумедии шадид ишора кард. Афсурдагон эҳтиром ва арзиши худро аз даст дода, пайваста худро сарзаниш ва таҳқир мекунанд ва ҳар рӯз субҳ бо ҳолати беқарорӣ ва хастагӣ аз хоб бархеста, дар корҳои рӯзона бо камҳавсалагӣ, камқувватӣ рӯ ба рӯ мешаванд [23, с. 67].

Тибқи таҳқиқот муҳаққиқ ду фарзияро таҳия кардааст. Омилҳое чун мавқеи ҷинсӣ, мақоми шаҳрвандӣ, бекорӣ баррасӣ гардида, натиҷаҳои омори таҳқиқот дар бораи муносибати байни бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон муҳокима карда шуданд. Аксари пурсишшудагон боварӣ доштанд, ки бекорӣ асосан, бо депрессия алоқаманд аст.

Дар ин таҳқиқот фарзияҳо санҷида шуданд, вобаста ба навъи маълумот, андозаи мувофиқи ченкунии санҷиши оморӣ барои онҳо интихоб карда шуд ва аз онҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шуданд, ки дар зер тавсиф ёфтаанд. Таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки дар байни 389 нафар, ки аз 58 нафар 14,9 дарсад депрессия надоранд, 17,5 дарсад (депрессия сабук), 94 нафар, 24,2 дарсад - и онҳо депрессия миёна,

169 нафар, 43,4дарсади пурсидашудагон дар ин дар ин номгӯ қарор доранд.

Таҳлили натиҷаҳо аз рӯйи фарзияи дуюми таҳқиқот дар заминаи посуххои пурсидашудагони муҷаррад 112 нафар бо дарсади 24,02 ва 177 тан оиладор бо дарсади 28,38 водор месозад, бо дарсади 95 эътимод бигӯем, ки байни сатҳи миёнаи депрессия фарқи маънодор вуҷуд дорад. Шахсони муҷаррад ва оиладор ва аксари одамони оиладор аз депрессия азият мекашанд [4-М].

**Таъсири бекорӣ бар фақри иқтисодӣ.** Усулан, машғул шудан ба кор муҳимтарин манбаи касби даромад барои аксарияти мардуми ҷомеа маҳсуб мешавад. Дарвоқеъ, асоситарин манбаи таъминкунандаи эҳтиёҷоти аввалия аз қабили хӯрок, пӯшок, ҷойи зист, омӯзиш, беҳдошт ва дармон кор аст. Бинобар ин, афрод ва хонаводаҳои афроди бекор аз касби даромадҳои лозим барои таъмини ниёзҳои асосии худ дар зиндагӣ маҳрум мешаванд.

Барои касоне, ки ба доштани шуғли собит ва боэътимод одат кардаанд, таҷрибаи бекорӣ метавонад бисёр харобиовар бошад. Равшан аст, ки фавритарин паёмади бекорӣ аз даст рафтани даромад аст ва аз даст додани даромад дар кишварҳои гуногун оқибатҳои гуногуне дорад, чунки сатҳи нафақаҳои даврони бекорӣ фарқ мекунад. Дар кишварҳое, ки дастраси ба хадамоти беҳдоштӣ ва дармонӣ ва дигар имтиёзоти осоишта, беҳтар таъмин мешавад, афроди бекор шояд дучори мушкилоти молии шадиде шаванд, аммо таҳти ҳимояи давлат қарор мегиранд. Дар баъзе аз кишварҳои ғарбӣ, мисли Иёлоти Муттаҳида имтиёзоти давраи бекорӣ кӯтоҳмуддаттар аст ва хадамои беҳдоштӣ ва дармонӣ низ умумӣ нест ва ин сабаби сангинтар шудани фишорҳои иқтисодӣ ба бекорон мешавад [37, с. 590].

**Вобастагӣ ва одаткунӣ.** Вобастагиву одаткунӣ иборат аст аз вобастагӣ ба маводе, ки такрори истифодаи онҳо миқдору чигунагӣ, мушаххас ва дар замони муайян аз дидгоҳи шахси вобаста зарурӣ

менамояд. Шахси вобаста касест, ки ниёзманд ва вобастаи равонӣ – ҷисмонӣ ба мавод ва омилҳои мухаддир ва одатзо мебошад.

Таваҷҷуҳ ба ин нукта аз аҳамият холӣ нест, ки таҷрибаи бекорӣ вобаста ба табақаи иҷтимоӣ тағйир мекунад. Барои касоне ки пасттарин даромадҳоро доранд, паёмадҳои бекорӣ бештар ҷанбаи молӣ дорад. Баъзеҳо гуфтаанд, ки барои афроди табақаи миёна бекорӣ асосан, нисбат ба пойгоҳи иқтисодӣ ва молӣ бештар ба эътибори иҷтимоии онҳо зарба мезанад.

Афзоиши ҳайратовари истифодаи маводи вобастакунандаи ғайриқонунӣ дар ҷаҳон ва қочоқи рӯзафзуни ин мавод паёмадҳои ваҳшатноке хоҳад дошт, ки мустақиман, насли ҷавон ва башариятро таҳдид мекунад. Густариши шабакаи қочоқи байналмилалӣ ва доми вобастагӣ миллионҳо ҷавонро ба фасод ва коми марг мекашонад ва савдогарони маргро ба сарвату қудрат мерасонад. Вобастагӣ як масъалаи бузурги беҳдоштӣ ва балои иҷтимоӣ ва дорои ҷанбаҳои зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аст [101, с. 225].

**Таъсири бекорӣ бар ҳувийят.** Дар фарҳанги «Муъин» омадааст, ки: «ҳувийят», яъне он чӣ боиси ташхиси фард мешавад. Аз ин мафҳум пайдост, ки ҳувийят ҳақиқат, чӣ будан ва ҳастиро далолат мекунад. Асли ин калима арабӣ аст ва аз калимаи «ҳува» ба маънои ӯ, вай гирифта шудааст ва аз замири «ҳува» лафзи таркибии ҳува-ҳува сохта шудааст, ки исми мураккаби алиф ва лом дорад. Ҳувийят як падида, нишондиҳанда-мушаххаскунандаи ҳайат ва моҳияти вуҷудии он зот аст. Ба иборати дигар, чӣ будан ва ҳақиқат падидаи мавриди назар, ҳувийяти онро мерасонад ва метавонад ба сурати фардӣ ё ҷамъӣ бошад [182, с. 5].

**Таъсири бекорӣ бар буҳрони ҳувийят.** Гузаштан аз марҳилаи ҷавонӣ ба бузургсолӣ марҳилаи хатарнок ва пурташвиш аст. Бисёре аз ҷавонон барои ворид шудан ба ҷомеа талош ва ҷаҳду кӯшиши зиёде мекунанд, аммо аз ҷиҳатҳои гуногун аз он дур мешаванд. Дар рӯзгори гузашта гузариш ба бузургсолӣ маъмулан, дар оғози зиндагии шуғлии

